ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

ВБД: 347.2.3+338.48 (575.3)
ТКБ: 67.99(2)3+75.81(2тоҷик)
А–14

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**АБДУСАМАДЗОДА СОРБОН
МАҚСАД**

# ҲОЛАТИ ҲУҚУҚИИ ТАШКИЛОТҲОИ ТИҶОРАТИИ САЙЁҲӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор Сангинзода Д.Ш.

**Душанбе – 2026**

## МУНДАРИҶА:

**НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО**..........................................................3
**МУҚАДДИМА** ..........................................................................4
**БОБИ 1. ТАВСИФИ УМУМИИ ҲОЛАТИ ҲУҚУҚИИ ТАШКИЛОТҲОИ ТИҶОРАТИИ САЙЁҲӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН** ..........................................................................20
1.1. Ҷанбаҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ..........................................................................................20
1.2. Ширкати сайёҳӣ ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ..........................................................................51
1.3. Ҳуқуқ ва уҳдадории ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ ..................70
**БОБИ 2. ШАРТНОМАИ ҲАМЧУН ВОСИТАИ БААМАЛБАРОРИИ ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТИ ТИҶОРАТИИ САЙЁҲӢ** ..........................................................................86
2.1. Шартномаи хизматрасонии муздноки сайёҳӣ дар низоми муносибатҳои шартномавии ширкати сайёҳӣ ......................................86
2.2. Ҷонибҳои шартномаи хизматрасонии муздноки сайёҳӣ ........99
2.3. Масъулияти мадании ширкатҳои сайёҳӣ аз рӯйи шартномаи хизматрасонии муздноки сайёҳӣ .......................................................111
**БОБИ 3. ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ САЙЁҲӢ** ..........................................122
3.1. Таҳлили муқоисавии қонунгузории сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории давлатҳои хориҷа оид ба ҳолати ҳуқуқии ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ ..........................................................122
3.2. Роҳҳои такмили қонунгузории Тоҷикистон оид ба ҳолати ҳуқуқии ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ ..................................................143
**ХУЛОСА** .........................................................................156
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ** ..........................................................................160
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ** ..........................................................167
**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ** ........... 209

# НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

**АМО ҶТ** – Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**БС** – Бозори сайёҳӣ

**ИА** – Иттиҳоди Аврупо

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**КМ ҶТ** – Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ММД** – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

**ММИҲ** – Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқӣ

**СУС** – Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ

**ФР** – Федератсияи Россия

**ШХС** – Шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ

**м.и.** – монанди инҳо

**б.** – банд

**б.б.** – бандҳои

**қ.** – қисм

**м.** – модда

**м.м.** – моддаҳои

**ш.** – шаҳр

**ғ.** – ғайра.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Дар замони кунунӣ, ки иқтисодиёти ҷаҳон бо суръати баланд пеш меравад, соҳаи сайёҳӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои афзалиятдошта дар ҷалби сармоя, таъсиси ҷойҳои корӣ ва мустаҳкам намудани инфрасохтор дар сатҳи миллӣ эътироф мегардад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз захираҳои ғанӣ ва рангини табиӣ, мероси таърихӣ-фарҳангӣ ва имкониятҳои васеи рушди сайёҳӣ баҳраманд аст, дар солҳои истиқлолият ба пешрафти ин бахш таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда истодааст. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9], Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [39], Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [40] ва таъсиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [29] барои рушди устувори ин соҳа заминаи устувор фароҳам овардаанд.

Ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ ҳамчун субъектҳои асосии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ, дар ташаккули бозори хизматрасонии сайёҳӣ, таъмини сифати он ва ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон нақши калидӣ мебозанд. Ҳолати ҳуқуқии ин гуна ташкилотҳо, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9], Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [10] ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳа [41-44] танзим карда шудааст, дар марҳилаи ислоҳот қарор дорад. Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаҳои ҳуқуқии марбут ба ташкил, фаъолият, ҳуқуқ, уҳдадориҳо ва масъулияти ин ташкилотҳо аҳаммияти калон дорад.

Дар ин рӯзгор, пешрафти пурсамар ва бошитоби бахши сайёҳӣ, ҷаҳонӣ шудани иқтисодиёт, инчунин тезу тунд гардидани рақобат дар бозори хидматҳои сайёҳӣ, зарурати онро ба миён меорад, ки қонунгузории миллии мо дар ин соҳа ба таври ҷиддӣ ва амиқ мукаммал карда шавад. Таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, аз қабили

Федератсияи Русия [273], Ҷумҳурии Қазоқистон [255], Ҷумҳурии Узбекистон [257], Ҷумҳурии Туркия [259], Фаронса [262], Ҷумҳурии Мардумии Чин [251] ва Ҷопон [261] нишон медиҳад, ки ба масъалаҳои ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мешавад. Дар ин давлатҳо, ташкилоти тиҷоратии соҳаи сайёҳӣ дар шаклҳои сершумори ташкилию ҳуқуқӣ амал карда, ба рушди иқтисодиёти миллии онҳо ҳиссаи арзанда ва назаррас мегузоранд.

Дар асоси Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, «дар замони муосир соҳаи сайёҳӣ яке аз самтҳои сердаромадтарини иқтисодиёти ҷаҳон ба ҳисоб рафта, дар таъмини шуғли аҳолӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум нақши калидӣ мебозад. Аз ин лиҳоз, фароҳам овардани шароити мусоид барои пешрафти соҳаи сайёҳӣ ва такмили сиёсати давлатии идоракунии он аз ҷумлаи афзалиятҳои муҳимми сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Рушди сайёҳӣ дар маҷмуъ метавонад ба пешрафти иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар, эҷоди ҷойҳои кории нав таъсири назаррас расонад, инчунин ба баланд бардоштани обрӯю эътибори давлат дар арсаи байналмилалӣ, таҳкими ҳисси худшиносӣ ва ифтихори миллӣ, ҳамчунин таъмини суботи иқтисодӣ ва ҷалби сармоягузорӣ мусоидат намояд. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии муайяншуда дар самти ташаккули заминаҳои институтсионалии рушди соҳаи сайёҳӣ тадбирҳои асосӣ пешбинӣ мешаванд: такмили қонунгузории амалкунанда ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи сайёҳӣ; таҳияи санади мукаммал дар соҳаи сайёҳӣ; дар амал татбиқ намудани меъёрҳои қабулшудаи байналмилалӣ дар соҳаи сайёҳӣ; тақвияти заминаҳои институтсионалии шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи сайёҳӣ» [40].

Дар соли 2024 дар саросари ҷумҳурӣ 200 субъекти хоҷагидор дар заминаи иҷозатномае, ки аз тарафи Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо дода шуда буд, ба фаъолияти сайёҳӣ машғул буданд. Аз ин шумора 35 ширкат ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, 94 ширкат ба шаҳри Душанбе, 42 ширкат ба вилояти Суғд, 18 ширкат ба вилояти Хатлон ва 11 ширкат ба шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ рост меояд [274].

Кристиан Блюер, сайёҳ ва муҳаққиқи канадагӣ, ки дар Тоҷикистон се сол зиндагӣ ва кор кардааст, дар асоси таҷрибаи худ мушкилоти асосии соҳаи сайёҳии Тоҷикистонро муайян намудааст. Ин мушкилотро ба чанд гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: «набудани иттилооти амалӣ ва нархҳои муайян – сайёҳон тавассути интернет иттилоот меҷӯянд, вале дар Тоҷикистон чунин маълумот кам аст; мушкилоти нақлиёт – шабакаи нақлиёти байнишаҳрӣ самаранок нест; кишварҳои ҳамсоя аз ҷиҳати инфрасохтор, сиёсати раводид ва дастрасӣ пешрафтаанд; тарс ва шубҳа – соҳибкорони маҳаллӣ аз мушкилоти бақайдгирӣ ва хатарҳои иқтисодӣ метарсанд; сифати умумии тиҷорат – меҳмонхонаҳо ва хизматрасониҳо аксаран сифати паст доранд. Баррасиҳои онлайн метавонанд ин мушкилотро ҳал кунанд ва ғайра. Хулоса, мушкилоти мавҷуда дар соҳаи сайёҳии Тоҷикистонро ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: мушкилоте, ки ҳалли онҳо имконпазир аст (нархҳои собит, иттилоот, марказҳои иттилоотӣ), мушкилоте, ки ҳалли онҳо барои давлат осон аст (сиёсати раводид, сим-карта, дрон) ва мушкилоте, ки ҳалли онҳо ғайриимкон аст (ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, маҳдудияти ҷойҳои таърихӣ)» [278].

Таҳлили ҷанбаҳои ҳуқуқии назариявӣ ва амалии ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар кишварро мубрамияти мавзуи таҳқиқот бо омилҳои зерин исбот менамояд: зарурати такмили танзими ҳуқуқии фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои ҷавобгӯ будан ба талаботи муосири стандарҳои байналмилалии соҳаи сайёҳӣ; набудани таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмӣ оид ба ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон; зарурати таҳлили муқоисавии қонунгузории сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории давлатҳои хориҷа барои муайян намудани самтҳои афзалиятноки такмили қонунгузории миллӣ; зарурати такмили шартномаи хизматрасонии музноки сайёҳӣ ҳамчун воситаи асосии баамалбарории фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ; зарурати муайян намудани хусусиятҳои масъулияти мадании ширкатҳои сайёҳӣ аз рӯйи шартномаи хизматрасониҳо дар соҳаи сайёҳӣ барои ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон; зарурати таҳияи пешниҳодҳо ва тавсияҳои илмӣ ва амалии асоснок оид ба такмили илми ҳуқуқи сайёҳӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир аҳаммияти илмӣ ва амалии азим дошта, барои рушди соҳаи сайёҳӣ, ҳифзи манфиатҳои сайёҳон ва ташкилотҳои сайёҳӣ, инчунин барои такмили қонунгузории миллӣ дар ин соҳа мусоидат менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Мавзуи таҳқиқот дар илми ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон нав буда, то имрӯз таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмӣ оид ба он сурат нагирифтааст. Дар асарҳои олимони ватанӣ ҷанбаҳои умумии танзими фаъолияти субъектони соҳибкории мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд: Ш.М. Исмаилов [47;48], Р.Б. Бозоров [45;226], Ш.К. Ғаюрзода [108], А.В. Золотухин [46;228], Искандари С. [230], Э.Д. Кабутов [49], О.А. Мавлоназарзода [231], У. О. Масиев [232], М.А. Маҳмудзода [52; 94], П.З. Мирзозода [53;124-128], Ҷ.С. Муртазозода [130], В.А. Ойгензихт [56], П.Р.Пирзода [58] М.З. Раҳимзода [59-63], Д.Ш. Сангинзода [76-87],

Т.И. Султонова [46], Ш.Т. Тағойназаров [213], Д.Д. Хошимов [95;217;247], И.М. Шарифов [248], Р.Ш. Шарофзода [89] ва дигарон.

Масъалаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асарҳои З.Г. Воҳидов [73], С. Искандари [66], О.А. Мавлоназарзода [72], Н.И. Муминов [73;129], Ф.Д. Самизода [238], Д.Ш. Сангинзода [66-75; 97; 149-2011; 239-241;], А.Ҳ. Рофиева [136;137] ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Дар илми ҳуқуқшиносии кишварҳои хориҷа, масъалаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти сайёҳӣ дар асарҳои Е.А. Амирханова [223], Е.В. Ахтямова [224], Е.А. Батишев [225], Н.А. Ган [227], А.П. Иванов [229], Ю.В. Никонорова [234], А.Н. Ошноков [235], Т.Э. Погудина [236], Е.Л. Писаревский [237], К.С. Свиридов [242;243], Н.В. Сирик [244], Уалид Хазбун [245], Ю.А. Хамова [246], М.В. Шаруева [249] ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Сарфи назар аз мавҷудияти таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи сайёҳӣ, то имрӯз дар илми ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти махсуси илмӣ оид ба ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ сурат нагирифтааст. Ин мавзуъ дар рисолаи номзадии мазкур бори аввал ҳамчун таҳқиқоти мустақили илмӣ мавриди омӯзиш қарор дода мешавад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд – ДМТ) дар мавзуи «Таҳқиқи назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ ва сайёҳӣ» барои солҳои 2021-2025 анҷом дода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз омӯзиши ҳамаҷонибаи вазъи ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии соҳаи

сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ошкор кардани мушкилот ва камбудиҳои ҷойдоштаи қонунгузорӣ дар ин самт, баррасӣ намудани таҷрибаи пешрафтаи кишварҳои хориҷӣ ва таҳияи пешниҳодҳо ва тавсияҳои илмӣ-асоснок оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

**Вазифаҳои асосии таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсади таҳқиқот, вазифаҳои зерин муайян карда шудаанд:

1. Таҳлили ҷанбаҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ.

2. Муайян намудани мавқеи ширкати сайёҳӣ ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ.

3. Омӯзиши ҳуқуқ ва уҳдадории ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ.

4. Таҳлили шартномаи хизматрасонии муздноки сайёҳӣ дар низоми муносибатҳои шартномавии ширкати сайёҳӣ.

5. Муайян ҷонибҳои шартномаи хизматрасонии муздноки сайёҳӣ.

6. Таҳлили масъулияти мадании ширкатҳои сайёҳӣ аз рӯйи шартномаи хизматрасонии муздноки сайёҳӣ.

7. Таҳлили муқоисавии қонунгузории сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории давлатҳои хориҷа оид ба ҳолати ҳуқуқии ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ.

8. Роҳҳои такмили қонунгузории Тоҷикистон оид ба ҳолати ҳуқуқии ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар раванди ташкил ва фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меоянд.

**Предмети таҳқиқот.** Предмети таҳқиқоти диссертатсиониро меъёрҳои ҳуқуқии ба танзими ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии

сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равонашуда, амалияи татбиқи онҳо, инчунин таҷрибаи кишварҳои хориҷа дар ин соҳа ташкил медиҳанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар давоми солҳои 2022-2026 дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон сурат гирифтааст. Марҳилаҳои асосии таҳқиқот:

– Марҳилаи якум (2022-2023): омӯзиши адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва хориҷӣ, таҳлили амалияи судӣ, муайян намудани объект, предмет, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.

– Марҳилаи дуюм (2023-2024): таҳлили ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзиши шартномаи хизматрасонии муздноки сайёҳӣ ҳамчун воситаи баамалбарории фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ.

– Марҳилаи сеюм (2024-2025): таҳлили муқоисавии қонунгузории сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории давлатҳои хориҷа, муайян намудани роҳҳои такмили қонунгузории миллӣ.

– Марҳилаи чорум (2025-2026): таҳияи хулосаҳо, пешниҳодот ва тавсияҳои илмӣ асосёфта оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ, бақайдгирии натиҷаҳои таҳқиқот.

**Асосҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро асарҳои олимони соҳаи ҳуқуқи маданӣ, соҳибкорӣ ва ҳуқуқи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин таҳқиқоти олимони кишварҳои хориҷа дар соҳаи танзими ҳуқуқии фаъолияти сайёҳӣ ташкил медиҳанд.

Дар таҳқиқот асарҳои олимони ватанӣ Ш.К. Ғаюрзода, З.Г. Воҳидов, С. Искандари, Ш.М. Исмаилов, Р.Б. Бозоров, Э.Д. Кабутов, О.А. Мавлоназарзода, М.А. Маҳмудзода, У.О. Масиев, П.З. Мирзозода, Н.И. Муминов, Ҷ.С. Муртазозода, В.А. Ойгензихт, П.Р. Пирзода, М.З. Раҳимзода, А.Ҳ. Рофиева, Ф.Д. Самизода, Д.Ш. Сангинзода, Т.И. Султонова, Ш.Т. Тағойназаров, Д.Д. Хошимов, И.М.

Шарифов, Р.Ш. Шарофзода ва хориҷӣ Е.А. Амирханова, Е.В. Ахтямова, Е.А. Батишев, Н.А. Ган, А.П. Иванов, Ю.В. Никонорова, А.Н. Ошноков, Т.Э. Погудина, Е.Л. Писаревский, К.С. Свиридов, Н.В. Сирик, Уалид Хазбун, Ю.А. Хамова, М.В. Шаруева ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии таҳқиқотро методҳои умумиилмӣ ва махсуси таҳқиқоти илмӣ ташкил медиҳанд. Дар таҳқиқот аз методҳои таҳлил, синтез, муқоиса, системавӣ, функсионалӣ, мантиқӣ, таърихӣ, ҳуқуқии муқоисавӣ, методҳои таҳқиқоти сохторӣ-функсионалӣ ва дигар методҳои таҳқиқоти илмӣ истифода карда шудаанд. Методи таҳлил ва синтез барои омӯзиши ҳамаҷонибаи ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ истифода карда шуд. Методи муқоиса барои таҳлили муқоисавии қонунгузории сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории давлатҳои хориҷа истифода карда шудааст. Методи системавӣ барои муайян намудани ҷойгоҳи ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, методи функсионалӣ барои муайян намудани вазифаҳои ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ, методи мантиқӣ барои таҳияи хулосаҳо ва пешниҳодот, методи таърихӣ барои омӯзиши ташаккул ва рушди қонунгузории сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва методи ҳуқуқии муқоисавӣ барои муқоисаи қонунгузории сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории давлатҳои хориҷа истифода карда шуд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот.** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [1], Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [10], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» [2], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» [3] ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишварҳои хориҷа, аз ҷумла Федератсияи Русия [273],

Ҷумҳурии Қазоқистон [255], Ҷумҳурии Узбекистон [257], Ҷумҳурии Туркия [259], Фаронса [262], Ҷумҳурии Мардумии Чин [251] ва Ҷопон [261], амалияи судӣ ва амалияи фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навоварии илмии ин пажӯҳиши рисолавӣ дар он ифода меёбад, ки дар доираи он бори нахуст дар заминаи ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазъи ҳуқуқии муассисаҳои тиҷоратии соҳаи сайёҳӣ мавриди таҳлили пурра ва ҳамаҷониба қарор гирифтааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Ташкилоти тиҷоратии соҳаи сайёҳӣ шахси ҳуқуқиест, ки мувофиқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории давлат ба қайд гирифта шуда, бо мақсади ба даст овардани фоида ба хидматрасонии сайёҳӣ (таҳия намудан, таблиғ ва амалӣ гардонидани он) машғул аст ва фаъолияташ дорои хусусияти тиҷоративу иҷтимоӣ аст. Ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ – категорияи ҳуқуқӣ ва илмӣ буда, ширкати сайёҳӣ (фирмаи сайёҳӣ) – номи оммавӣ ва соҳавӣ аст. Ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ мафҳуми васеътар ва ҳуқуқӣ аст, дар ҳоле ки ширкати сайёҳӣ бештар номи тиҷоратӣ ва соҳавӣ мебошад.

Дар тафовут аз дигар ташкилоти тиҷоратӣ ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ дорои чунин хусусиятҳо мебошад:

– Объекти асосии фаъолияти ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ ташаккул, пешбурд ва таъмини хизматрасонии сайёҳӣ мебошад.

– Фаъолияти ин дорои ҷанбаи тиҷоратӣ ва иҷтимоӣ аст, яъне на танҳо ба мақсади ба даст овардани фоида равона шудааст, балки ҳатман ба қонеъгардонии эҳтиёҷоти маънавӣ, зеҳнӣ ва ҷисмонии сайёҳон равона гардидааст.

– Ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ масъулияти ҳамоҳангсозии якчанд соҳаҳо (савдо, нақлиёт, алоқа, энергетика, кишоварзӣ, фарҳанг,

тиб ва ғайраро) ба зимма дорад, ки хавфҳои иловагӣ дар ҷараёни фаъолият пайдо мешаванд.

– Амали ин субъект бевосита ба истифодаи сарватҳои табиӣ, фароғатӣ (рекреатсионӣ), фарҳангӣ ва таърихии кишвар пайваста буда, нисбат ба он талаботҳои махсуси давлатӣ оид ба бехатарии сайёҳон, ҳифзи муҳити зист, сертификатсия ва назорати қатъӣ мавҷуданд.

2. Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ маҷмуи ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои онҳо мебошад, ки ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи онро муайян менамояд. Вазъияти мазкур аз се унсури асосӣ ва муҳим ташкил ёфтааст: ҳуқуқҳои умумӣ ва хоссаи соҳибкорӣ, уҳдадориҳои умумӣ ва хоссаи соҳавӣ, инчунин ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳое, ки ба пуштибонии давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои сайёҳон вобаста мебошанд.

Ҳуқуқҳои асосии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ ба се гурӯҳи мустақил тақсим мешаванд: ҳуқуқҳои умумӣ (ҳуқуқҳои стандартӣ дар соҳаи соҳибкорӣ) – амалӣ кардани фаъолияти соҳибкорӣ, доштани молу мулк, ҷалби сармоягузорӣ, озодии бастани шартнома ва дигар ҳуқуқҳои пешбинишудаи қонунгузорӣ; ҳуқуқҳои махсуси соҳавӣ – муайян сохтани самтҳои сайёҳӣ, ба имзо расонидани шартномаҳо бо меҳмонхонаҳо, ширкатҳои нақлиётӣ ва дигар пешниҳодкунандагони хидмат, ба фурӯш баровардани маҳсулоти сайёҳӣ, истифода бурдани захираҳои маконҳои диданӣ ва ҷолиби сайёҳӣ; ҳуқуқҳо марбут ба пуштибонии давлатӣ – истифодаи имтиёзҳои андозӣ, дарёфти грантҳо, иштирок дар барномаҳои давлатии рушди соҳаи сайёҳӣ, ташкили кластерҳои сайёҳӣ ва дигар воситаҳои пуштибонии давлатӣ.

Уҳдадориҳои асосии ин субъектон дар бахши сайёҳӣ низ ба се гурӯҳи алоҳида ҷудо карда мешаванд:

– умумӣ (стандартҳои соҳибкорӣ): риоя кардани қонунҳои маданӣ, соҳибкорӣ, андозӣ, меҳнатӣ, ҳифзи муҳити зист ва дигар уҳдадориҳои умумии соҳибкорӣ;

– махсуси соҳавӣ: таъмин намудани сифати баланд ва аълои хидматҳои сайёҳӣ, таъмини бехатарии ҷонӣ ва молу мулкии сайёҳон, пешниҳоди иттилооти дақиқ ва пурра, риоя намудани стандартҳои соҳавӣ;

– марбут ба ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон: ҷуброн намудани зиёни моддӣ ва маънавӣ, пешниҳоди маълумоти воқей ва дуруст, ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хидматҳои сайёҳӣ, масъулият доштан дар ҳолатҳои форс-мажор ва риояи қатъии қоидаҳои бехатарӣ.

3. Шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ ҳамчун намуди хос ва махсуси шартномаҳои хизматрасонии пулакӣ шинохта мешавад ва соҳиби хусусиятҳои мураккаб ва ҳамаҷонибаи ҳуқуқӣ мебошад, ки онро метавон ҳамчун шартномаи омехтаи ҳуқуқӣ тавсиф кард. Шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ аз шартномаҳои хизматрасонии пулакӣ дар шакли одӣ ва маъмулӣ ба таври ҷиддӣ фарқ мекунад, зеро он на фақат пешниҳоди хизматҳои алоҳида, балки ташкили пурраи тамоми сафар, тарҳрезии мукаммали сайёҳат, таъмини амният ва дигар унсурҳои вобастаи онро дар бар мегирад.

Вижагии асосӣ ва фарқкунандаи ин шартнома аз дигар шартномаҳои хидматрасонии музднок дар чунин ҷанбаҳо равшан ба назар мерасад: он як шартномаи омехта ба ҳисоб меравад, ки дар худ ҷузъҳои якчанд намуди шартномаро (нақлиётӣ, меҳмонхонагӣ, таъмини ғизо ва ғайра) муттаҳид месозад; мавзуи он на танҳо иҷрои як хидмати ҷудогона, балки ташкили пурра ва ҳамаҷонибаи сафари сайёҳӣ (ташкил, роҳандозӣ, ҷойгиршавӣ, ғизо, роҳнамоӣ, таъмини амният ва суғурта) мебошад; он паҳлуи иҷтимоӣ дошта, масъулияти хеле баланди ҷониби иҷрокунандаро нисбат ба бехатарии ҷисмонӣ, руҳӣ ва молиявии

сайёҳ (муҳофизат аз хатарҳои табий, сироятӣ, ҳуқуқӣ ва террористӣ) муқаррар менамояд.

4. Дар бахши сайёҳӣ, туроператор (танзимгари сайёҳӣ) ва турагент (агенти сайёҳӣ) ҳамчун ду субъекти комилан мустақили фаъолияти сайёҳӣ бо тақсимоти дақиқ, возеҳ ва равшани вазифаҳо, масъулиятҳо ва вазъи ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд. Танзимгари сайёҳӣ шахси ҳуқуқӣ аст, ки фаъолияти асосии он ташаккул, пешбурд ва таъмин намудани хизматрасонии сайёҳӣ (бастаи сайёҳӣ) мебошад. Агентии сайёҳӣ миёнарав (агент) аст, ки роҳхати тайёрнамудаи танзимгари сайёҳиро пешбурд ва таъмин менамояд (амалӣ мекунад). Танзимгари сайёҳӣ масъулияти баланд ва кафолатҳои молиявӣ дорад, бастаи нав эҷод мекунад ва бо провайдерҳо шартномаҳои мустақим мебандад. Агентии сайёҳӣ бештар миёнарави тиҷоратӣ буда, аз комиссия фоида мегирад ва масъулияти пурраи бастаро ба уҳда намегирад. Ин гурӯҳбандӣ имкон медиҳад, ки ҳифзи ҳуқуқҳои сайёҳон таҳким ёбад ва масъулиятҳо возеҳ тақсим шаванд. Танзимгари сайёҳӣ дар назди сайёҳ барои сифат ва бехатарии тамоми маҷмуи хизматрасониҳои сайёҳӣ ҷавобгар мебошад, дар ҳоле ки агентии сайёҳӣ асосан барои маълумоти дурусте, ки ба сайёҳ медиҳад, ҷавобгар мебошад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки ин аввалин таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмӣ дар илми ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкории Тоҷикистон мебошад, ки ба ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ бахшида шудааст. Дар диссертатсия мафҳуми «ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ» ҳамчун категорияи илмӣ ва ҳуқуқӣ муайян карда шуда, хусусиятҳои фарқкунандаи он аз дигар субъектҳои соҳибкорӣ, аз ҷумла ҷанбаи дугонаи тиҷоратӣ-иҷтимоии фаъолият, масъулияти ҳамоҳангсозӣ дар байни соҳаҳои гуногун ва вобастагӣ ба захираҳои миллии табиию фарҳангӣ, ба таври илмӣ асоснок гардидааст. Дар

рисола барои аввалин бор ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ташкилотҳои мазкур ба се гурӯҳи асосӣ (умумӣ, махсуси соҳавӣ ва ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон) ҷудо карда шуда, мафҳуми «шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ» ҳамчун шартномаи омехтаи дорои ҷанбаҳои мураккаби ҳуқуқӣ таҳлил гардидааст. Инчунин, дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ бори аввал фарқияти байни танзимгари сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ дар асоси вазифаҳо, масъулиятҳо ва ҳолати ҳуқуқӣ муайян карда шудааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва пешниҳодоти муаллиф метавонанд бевосита дар фаъолияти қонунгузорӣ ҳангоми такмили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» ва Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд. Дар таҳқиқот роҳҳои амалии такмили қонунгузорӣ, аз қабили ҷорӣ намудани суғуртаи ҳатмии масъулияти танзимгарони сайёҳӣ бо муайян намудани ҳадди ақалли андозаи масъулияти молиявӣ, табдил додани Феҳристи давлатӣ ба феҳристи ягонаи электронии субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ ва танзими муфассали шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ дар шакли намунаи ҳатмӣ, пешниҳод шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти таълимии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон метавонанд ҳангоми тадриси фанҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ ва ҳуқуқи сайёҳӣ ҷорӣ карда шаванд, ки самаранокии баланди амалии онро тасдиқ менамояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз ҳисоби истифодаи методологияи муосири таҳқиқоти илмӣ, таҳлили ҳамаҷонибаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва хориҷӣ, амалияи судӣ ва амалияи фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ, инчунин мавҷудияти нашрияҳои илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқот таъмин карда шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ;

ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) таҳия гардида, ба шиносномаи ихтисоси мазкур дар самтҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаб дар таҳияи консепсияи таҳқиқот, муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва методологияи таҳқиқот, таҳлили ҳамаҷонибаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва хориҷӣ, амалияи судӣ ва амалияи фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ, таҳияи хулосаҳо, пешниҳодот ва тавсияҳои илмӣ асосёфта оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ зоҳир мегардад. Ҳамаи натиҷаҳои илмии дар диссертатсия дарҷгардида худи муаллиф ба даст оварда шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷлисҳои кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, инчунин дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ мавриди муҳокима қарор гирифтаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсияи мазкур дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ омода гардида, дар ҷаласаҳои он чандин маротиба муҳокима ва ба ҳимоя тавсия карда шудааст. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои зерин ироа гардидаанд:

– IV-умин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик ва гиромидошти ёди Арбоби шоистаи илми Федератсияи Россия, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Р.С. Мулукаев – маъруза дар мавзуи «Ҷанбаҳои ҳуқуқии ташкили фаъолияти сайёҳии тиҷоратӣ: таҳлили муқоисавии қонунгузории ИМА, Ҳиндустон ва Чин». – (Душанбе, 18 апрели соли 2025) . – Душанбе: Академияи ВКД Тоҷикистон, 2025.

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-назаривӣ дар мавзуи «Масоили ҳуқуқии танзими зеҳни сунъӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ва нақши он ба рушди соҳибкорӣ» дар ҳошияи қабули қатъномаи Маҷмааи умумии СММ «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» аз 25 июли соли 2025 бо ибтикори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълони солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» – маъруза дар мавзуи «Танзими ҳифзи маълумотҳои шахсӣ ҳангоми истифодаи зеҳни сунъӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ». – (Душанбе, 24 октябри соли 2025) . – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2025.

– VIII-умин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалии «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ» бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон – маъруза дар мавзуи «Танзими ҳифзи маълумоти шахсӣ ҳангоми истифодаи зеҳни сунъӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ». – (Душанбе, 10 декабри соли 2025) . – Душанбе: Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025.

– Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Мушкилоти муосири муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назарияиӣ ва амалӣ» – маъруза дар мавзуи «Ширкатҳои сайёҳӣ ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ ва соҳибкорӣ» (Душанбе, 13-уми марти соли 2026). – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2026.

– Конференсияи илмӣ назариявии профессорону омӯзгорони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маъруза дар мавзуи «Ҷонибҳои шартномаи хизматрасонии пулакии сайёҳӣ» (Душанбе, 15-уми апрели соли 2026). – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2026.

Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди таълимии фанҳои «Ҳуқуқ» ва «Ҳуқуқи сайёҳӣ» дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва

тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон истифода шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ нашр шудааст, ки 5 мақолаи онҳо дар нашрияҳои такризшавандаи Комиссияи аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 8 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва замима иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 210 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. ТАВСИФИ УМУМИИ ҲОЛАТИ ҲУҚУҚИИ ТАШКИЛОТҲОИ ТИҶОРАТИИ САЙЁҲӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1.1. Ҷанбаҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ

Дар шароити кунунии рушди иқтисодиёти миллӣ соҳаи сайёҳӣ ҳамчун яке аз самтҳои калидӣ, ки дорои потенсиали азими ҷалби сармоягузорӣ ва фароҳам овардани ҷойҳои кории нав мебошад, эътироф гардидааст. Ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ, ки ҳамчун субъектҳои асосии фаъолияти соҳибкорӣ дар ин соҳа амал менамоянд, дар ташаккули бозори хизматрасонии сайёҳӣ, таъмини сифати хизматрасонии сайёҳӣ ва ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон нақши калидӣ доранд. Таҳлили ҳолати ҳуқуқии ин гуна ташкилотҳо аз нуқтаи назари ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ имкон медиҳад, ки мақоми онҳо дар низоми муносибатҳои ҳуқуқӣ муайян карда шавад.

Мувофиқи моддаи 48 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахси ҳуқуқӣ он ташкилоте дониста мешавад, ки молу мулки мустақилро дар моликият, идоракунии хоҷагӣ ё идоракунии оперативӣ соҳиб аст, аз рӯйи уҳдадориҳои худ танҳо бо ҳамин молу мулк ҷавобгарӣ мекунад, метавонад ба номи худ ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро ба даст орад ва амалӣ созад, уҳдадориҳо ба зимма гирад, ҳамчунин дар суд ҳамчун даъвогар ё ҷавобгар ҳуқуқи иштирок ва баромадан дорад [10]. Ин таърифи умумии шахси ҳуқуқӣ нисбат ба ташкилотҳои тиҷоратии соҳаи сайёҳӣ низ пурра ва бевосита татбиқ мешавад.

Мафҳуми «ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ» дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақиман муайян нагардидааст, вале аз таҳлили меъёрҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [10]

ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9] метавон хулоса кард, ки ин гуна ташкилотҳо ба шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ мансуб буда, мақсади асосии фаъолияти онҳо гирифтани фоида тавассути расонидани хизматҳои сайёҳӣ мебошад. Дар ин замина, профессор Д.Ш. Сангинзода, қайд менамоянд, ки «фаъолияти сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун намуди мустақили фаъолияти соҳибкорӣ эътироф гардида, ба танзими ҳуқуқии махсус эҳтиёҷ дорад» [160, с. 18].

Тибқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ», сайёҳӣ ҳамчун сафари пурмазмун ва серпаҳлуи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, тобеони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, инчунин фаъолияте эътироф мешавад, ки бо ҳадафҳои беҳдошту саломатӣ, омӯзишу ошноӣ, зиёрату тамошо, тиҷорату савдо, варзиш, касбу кор ва дигар мақсадҳои ғайримузднок, ҳамроҳ бо иқомати муваққатӣ дар берун аз ҷойи доимии сукунати худ сурат мегирад. Пешниҳодкунандагони хидматҳои сайёҳӣ шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ мебошанд, ки мувофиқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дохили кишвар ба пешниҳоди хидматҳои сайёҳӣ машғуланд [9].

Аз ин рӯ, ташкилоти тиҷоратии соҳаи сайёҳӣ ҳамчун шахсони ҳуқуқие тавсиф карда мешаванд, ки мутобиқи тартиби қонунӣ таъсис ёфта, бо мақсади ба даст овардани даромад ба расонидани хидматҳои сайёҳӣ машғул мешаванд. Худи хидматрасонии сайёҳӣ фаъолияти мақсаднокест, ки тавассути пешниҳодкунандагони хидматҳои сайёҳӣ дар шакли расонидани хидматҳо барои қонеъ гардонидани ниёзҳо, талаботҳо ва манфиатҳои руҳӣ, маънавӣ, зеҳнӣ ва ҷисмонии сайёҳон ё шахсони алоқаманди сафар дар дохили кишвар амалӣ карда мешавад.

Ба андешаи М.З. Раҳимзода: «Фаъолияти соҳибкорӣ яке аз намудҳои фаъолияти инсон буда, аз маҷмуи амалҳои баҳамалоқаманде иборат мебошад, ки барои ноил шудан ба мақсади ягонаи натиҷаи

ниҳоии фаъолияти соҳибкорӣ–фоида, равона карда шудааст. Вале бояд қайд намоем, ки ба даст овардани фоида мақсади ягонаи соҳибкор намебошад. Соҳибкор мақсадҳои дигарро низ дорад, аз ҷумла – тиҷорати худро ба роҳ мондан. Дар баробари ҳамин онҳо дар ҳалли мушкилоти иҷтимоии ҷомеа, ба монанди инкишофи маориф, тандурустӣ, ҳифзи муҳити зист ва ғ. иштирок менамоянд» [62, с. 40]. Ин нукта дар робита ба ташкилоти тиҷоратии соҳаи сайёҳӣ низ аҳаммияти ҷудогона дорад, зеро кори онҳо на танҳо ба фоидаи шахсӣ, балки ба пешрафти иқтисодиёти миллӣ, ба вуҷуд овардани ҷойҳои нави корӣ, таблиғу нигоҳдории мероси фарҳангӣ ва таъмини истироҳати солими мардум низ равона шудааст.

Аҳаммияти ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар он зоҳир мешавад, ки онҳо ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ дар доираи шартномаҳои хизматрасонии пулакӣ, хариду фурӯш, иҷора ва дигар шартномаҳо фаъолият намуда, дар баробари ин, дар муносибатҳои ҳуқуқи оммавӣ (андоз, маъмурӣ ва ғайра) низ иштирок менамоянд. Ин дугонагии ҳолати ҳуқуқӣ тақозо менамояд, ки танзими ҳуқуқии фаъолияти онҳо ҳам дар сатҳи қонунгузории хусусӣ ва ҳам дар сатҳи қонунгузории оммавӣ амалӣ карда шавад.

Ба андешаи В.А. Ойгензихт: «Гуногунии муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ, такмил ва муфассалгардонии танзими онҳо, мундариҷаи принсипиалии дигари онҳо дар ҳуқуқи мадании шуравӣ чунин муносибатро нисбат ба ин категория имкон намедиҳад, вале дар айни замон ба сабабҳои дар боло зикршуда наметавон зарурати баҳодиҳии муносибатҳои воқеан ташаккулёбанда ва хусусияти шартномавии онҳоро нодида гирифт. Вале, албатта на дар асоси меъёри фоида. Муносибати принсипиалии нав нисбат ба категорияи шартномаи ғайрианъанавӣ дар эътироф накардани ҷой надоштани мувофиқати иродаҳо нест, балки баръакс, эътирофи мувофиқати онҳо мебошад, гарчанде ки он дар асоси эҳтимолият баровarда мешавад, зеро иродаи

мустақим вуҷуд надорад. Ин ба расмият надаромадани муносибатҳо, ба маҳдудияти муайяни танзими ҳуқуқии онҳо оварда мерасонад. Ин эҳтимолият мувофиқати иродаҳо асоси назарияи мавриди баррасӣ мебошад, гарчанде ки муносибатҳои ҳуқуқии алоҳида ба ин маъно бо хусусияти муайян фарқ мекунанд. Дар ин масъала, воситаи ҳуқуқии танзими муносибатҳои хоҷагӣ, ки фиксия мебошад, мавқеи махсусро ишғол менамояд» [56, с.722].

Қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ доираи васеи шаклҳои ташкилию ҳуқуқиро пешбинӣ намудааст. Мувофиқи қисми дувуми моддаи 50 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳар як шахси ҳуқуқие, ки дар зумраи субъекти тиҷоратӣ ҷой мегирад, метавонад дар қолаби ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ, кооперативҳои тиҷоратӣ ва корхонаҳои воҳиди давлатӣ таъсис дода шавад. Дар навбати худ, ширкатҳои хоҷагӣ дар ду шакл: ширкати пурра (комил) ё ширкати коммандитӣ ба вуҷуд оварда мешаванд. Ҷамъиятҳои хоҷагӣ низ метавонанд дар се намуд: ҷамъиятҳои саҳомӣ, ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ё ҷамъиятҳои дорои масъулияти иловагӣ ташкил карда шаванд.

Таҷрибаи воқеии фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон возеҳ нишон медиҳад, ки шакли ҳаммаъмултарин барои чунин ташкилотҳо ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд (ҶДММ) мебошад. Ин шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ ба соҳибкорон имкон медиҳад, ки бо сармояи нисбатан кам фаъолиятро оғоз кунанд ва масъулияти худро танҳо дар доираи саҳми гузоштаашон маҳдуд намоянд. Дар асоси муқаррароти моддаи 91 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд он навъ ҷамъияте мебошад, ки аз ҷониби як ё чанд шахс ба вуҷуд оварда мешавад, сармояи оинномавии он ба ҳиссаҳои баробар ҷудо карда шуда, ҳаҷми ҳар як ҳисса дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ дақиқан муайян карда

мешавад; иштирокдорони он барои уҳдадориҳои ҷамъият масъул намебошанд ва хатари амалиёти ҷамъиятро фақат дар андозаи арзиши саҳми худ мепазиранд. Иштирокчиёни ҷамъияте, ки саҳми худро пурра супориш надодаанд, нисбати уҳдадориҳои ҷамъият дар ҳудуди он порчаи пардохтнашудаи саҳми худ масъулияти якҷоя ва сарҷамъӣ (муштарак) доранд.

Дар ин мавриД, Д.Ш. Сангинзода дар китоби дарсии худ қайд менамояд, ки «интихоби шакли ташкилот аз фаъолияти ояндаи ташкилот ва шумораи муассисон вобаста аст, зеро он ба андозбандӣ, масъулият, тартиби идоракунӣ ва имконоти ҷалби сармоя таъсири мустақим мерасонад» [83, с. 72].

Муртазоқулов Ҷ.С. ва Ҷаборов С.М. дар мақолаи худ масъалаҳои муҳимми рушди шаклҳои ташкилию ҳуқуқии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, зарурати тағйироти қонунгузорӣ, мушкилоти мавҷуда ва самтҳои асосии такомули шаклҳои ҳуқуқии хоҷагидорӣ дар шароити иқтисоди бозории кишварро пешниҳод намудаанд [130, С. 111–117].

Дар баробари ҶДММ, дар соҳаи сайёҳӣ шакли ҷамъиятҳои саҳомӣ низ истифода мешавад, алахусус дар мавридҳое, ки ба ҷалби сармоягузориҳои калон, аз ҷумла тавассути барориши саҳмия, зарурат пайдо мешавад. Тибқи моддаи 103 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷамъияти саҳомӣ он гуна ҷамъияте эътироф мешавад, ки сармояи оинномавии он ба шумораи муайяни саҳмияҳо тақсим карда шудааст; саҳмдорони он нисбат ба уҳдадориҳои ҷамъият ҳеҷ гуна масъулият надоранд ва хатари фаъолияти ҷамъиятро танҳо дар ҳадди арзиши саҳмияҳои ба номи худ доштаашон ба дӯш мегиранд. Саҳмдороне, ки пули саҳмияҳои худро комилан пардохт накардаанд, аз рӯйи уҳдадориҳои ҷамъияти саҳомӣ дар ҳаҷми қисмати пардохтанашудаи арзиши саҳмияҳои худ ҷавобгарии муштарак доранд. Таъсиси ҷамъиятҳои саҳомӣ барои ташкили танзимгари сайёҳӣ,

инчунин барои маҷмааҳои меҳмонхонавӣ, ки ба сармоягузориҳои ҷиддӣ ниёз доранд, мувофиқ мебошад.

Аз нуқтаи назари ҳуқуқи муқоисавӣ, Ф.Д. Самизода дар таҳқиқоти худ оид ба танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ ба хулоса омадааст, ки «дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, аз қабили Таиланд, Фаронса ва Гурҷистон, шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқии ташкилотҳои сайёҳӣ, аз ҷумла ширкатҳои саҳомии кушода ва пӯшида, инчунин ширкатҳои хурду миёна дар шакли ҶДММ фаъолият менамоянд, ки ин гуногунрангӣ ба талаботи бозор ва андозаи сармоя мувофиқат менамояд» [238, с. 41-42].

Дар ин росто андешаи Ф.М. Нодиров барҳақ аст, ки: «Хусусияти ин шакли фаъолияти соҳибкорӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҷавобгарии шахсии амволии иштирокчиён аз рӯйи уҳдадориҳои ҷамъият истисно карда шудааст. Бинобар ин қонун барои ҳимояи манфиатҳои дигар иштирокчиёни муомилот талаби муайянро оид ба ҳаҷм ва тартиби ташаккулёбии сармояи оинномавии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд муқаррар намудааст» [92, с.40].

Яке аз хусусиятҳои муҳимми ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ, қобилияти онҳо барои фаъолият дар шакли иттиҳодияҳо ва ассотсиатсияҳо мебошад. Мувофиқи моддаи 50 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсис намудани иттиҳодияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ дар шаклҳои пешбинишудаи қонун иҷозат дода мешавад. Дар соҳаи сайёҳӣ ин иттиҳодияҳо (аз ҷумла Ассотсиатсияи ташкилотҳои сайёҳии Тоҷикистон) нақши муҳим ва стратегӣ мебозанд дар мутобиқсозии фаъолияти субъектҳои сайёҳӣ, ҳимояи манфиатҳои онҳо ва баланд бардоштани стандартҳои сифати хизматҳои сайёҳӣ.

Э.Д. Кабутов ин шакли ташкилӣ-ҳуқуқиро «аз ҷумлаи воситаҳои муҳимтарини ҳифзи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии субъекти

соҳибкорӣ арзёбӣ карда, бо қатъият таъкид менамояд, ки вазифаи асосӣ ва стратегии давлат дар ин самт ҳавасмандсозии фаъолона ва фароҳам овардани кафолатҳои боэътимоди рушди соҳибкорӣ, ҳимоя ва нигоҳдории ҳуқуқҳои соҳибкорон мебошад. Мафҳуми ҳифзи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии соҳибкорон дорои табиати дугона аст. Аз як тараф, он ҳамчун ҳуқуқи субъективии асосӣ барои шахс амал мекунад, аз тарафи дигар, татбиқи воқеии он хусусияти вобастагиро ба худ хос мегардонад. Ин вобастагии онҳо бевосита ба ҳолати вайроншавӣ ё таҷовуз ба ҳуқуқҳо марбут аст. Ба таври умум, ҳуқуқ ба ҳифз имкониятеро барои шахси ваколатдор муайян мекунад, ки чораҳои дорои хусусияти ҳифзи ҳуқуқиро татбиқ намояд ва ин чораҳо барои барқарорсозии ҳуқуқҳои вайронгардида ё мавриди баҳс қарордошта равона карда шудаанд» [92, с.120].

Чӣ гуна шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла ташкилоти тиҷоратии соҳаи сайёҳӣ, таъсис дода мешаванд ва чӣ гуна онҳо ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд – ин раванд дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» [3] муайян ва танзим карда шудааст. Қонуни мазкур як тартиби воҳиди бақайдгирии давлатиро пешбинӣ менамояд, ки барои ҳама гуна шахсони ҳуқуқӣ, новобаста аз он ки онҳо дар кадом шакли ташкилию ҳуқуқӣ фаъолият мекунанд, ё дар кадом бахш кор мекунанд, бетафовут татбиқ мегардад.

Мувофиқи моддаи 51 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахси ҳуқуқӣ аз лаҳзаи гузаштан аз бақайдгирии давлатӣ таъсисёфта эътироф мешавад [10]. Бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ тибқи тартиби пешбинишудаи қонун сурат мегирад. Асосҳои рад намудани бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ қатъан аз ҷониби қонун муқаррар карда шудаанд ва рад кардани бақайдгирӣ бо сабаби ғайримақсаднок

донистан ё номувофиқ шумоHowever ридани таъсис додани шахси ҳуқуқӣ иҷозат дода намешавад.

Дар ин масъала П.З. Мирзозода иброз менамояд, ки: «Масъалаи бақайдгири фаъолияти соҳибкорӣ асосӣ буда, бидуни ба қайд гирифтани он пешбурди фаъолияти смоҳибкорӣ номумкин мебошад. Ҳангоми вайрон намудани чунин тартибот даромаде, ки аз чунин фаъолият ба даст меояд бо қарори суд мусодира карда шуда ба фоидаи давлат гузаронида мешавад» [92, с.55].

Раванди бақайдгирии давлатии ташкилоти тиҷоратӣ дар бахши сайёҳӣ дар мақомоти андоз, дар ҷойи маҳалли истиқомати онҳо сурат мегирад. Барои гузаронидани ин раванд, пешниҳоди маҷмуи мушаххаси ҳуҷҷатҳо, аз ҷумла аризаи бақайдгирӣ, оинномa (ё созишномаи таъсис), қарори бунёдгузорон доир ба таъсиси шахси ҳуқуқӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои дар қонун пешбинигардида, ҳатмӣ мебошад.

Тибқи муқаррароти моддаи 4 Қонуни мазкур, пас аз супоридани ҳуҷҷатҳои таъсисӣ, дар муддати на зиёда аз 24 соат нисбати шахсони ҳуқуқӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, ҳамчунин дар ҳамон муддати 24 соат нисбати соҳибкорони инфиродӣ, иттилооти зарурӣ ба Феҳристи воҳиди давлатӣ дохил карда мешавад. Пас аз иҷрои амалҳои дар банди 1 қисми мазкур зикршуда, ин иттилоот дар шакли электронӣ ба мақомоти давлатии омор ва мақомоти суғуртаи иҷтимоии давлатӣ фиристода мешавад, то ки онҳо қайди дохилии баҳисобгириро ба анҷом расонанд; ҳамзамон, дастрасии пурраи мақомоти номбурда ба ин иттилоот таъмин карда мешавад.

Мақомоти давлатии омор ва мақомоти суғуртаи иҷтимоии давлатӣ дар асоси иттилооти гирифташуда, дар муддати на дертар аз 24 соат, қайди дохилии баҳисобгирии шахси ҳуқуқӣ, филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ ва соҳибкори инфиродиро анҷом дода, сипас иттилооти тасдиқшударо оид ба субъекти мазкур (бо нишони қайди

дохилӣ) дар шакли электронӣ ба мақомоти бақайдгирии давлатӣ бармегардонанд.

Рақами воҳиди хос танҳо як бор, ҳангоми бақайдгирии ибтидоӣ дода мешавад. Ин рақам дар тамоми давраи фаъолияти субъект бедигаргунин боқӣ мемонад ва пас аз бекор шудани бақайдгирии он, ба ҳеҷ субъекти дигар дода намешавад. Субъектҳои бақайдгирифташуда уҳдадоранд, ки Рақами воҳиди хоси худро дар ҳама мукотибаҳо бо шахсони сеюм зикр кунанд.

Мақомоти бақайдгирии давлатӣ ҳангоми супоридани ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирӣ ба шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, онҳоро аз вазифаи пешниҳоди ҳисоботи муқарраршудаи давлатӣ ба мақомоти омор ва суғуртаи иҷтимоӣ огоҳ мекунад ва ин вазифаро дар худи ҳуҷҷати тасдиққунанда қайд мекунад.

Ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатӣ ҳамчун асоси қонунӣ барои кушодани суратҳисобҳо дар ташкилотҳои қарзӣ (кредитӣ), инчунин барои сохтани муҳр ва тамғаи шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ хизмат мекунад.

Талаб намудани ҳуҷҷатҳои иловагӣ барои бақайдгирии давлатӣ, додани Рақами воҳиди хос, рақами хоси суғуртавӣ ва рамзҳои оморӣ, ғайр аз ҳуҷҷатҳои дар Қонуни мазкур муайяншуда, ба таври қатъӣ манъ аст.

Мақомоти дахлдори давлатӣ барои анҷом додани бақайдгирии давлатӣ дар шакли электронӣ, иттилооти заруриро тавассути системаи ҳамгироии иттилоотии андоз, дар реҷаи онлайн (бевосита), ба мақомоти бақайдгирии давлатӣ пешниҳод менамоянд. Тартиб ва шакли пешниҳоди ин иттилоот аз ҷониби мақомоти бақайдгирии давлатӣ, дар ҳамроҳӣ бо мақомоти дахлдори давлатӣ, муайян карда мешавад [3].

Дар раванди бақайдгирӣ, аҳаммияти дуруст муайян намудани намудҳои фаъолияти тибқи Сарҳади муайянкунандаи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ (СМНФИ) хеле калон аст. Ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ одатан намудҳои фаъолияти худро дар соҳаи фаъолияти танзимгари сайёҳӣ, агентии сайёҳӣ, фаъолияти меҳмонхонаҳо, фаъолияти тарабхонаҳо, фаъолияти нақлиёти мусофиркашонӣ ва ғайра муайян менамоянд. Ба андешаи Д.Ш. Сангинзода, «дуруст муайян намудани намудҳои фаъолият дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ барои ташкилотҳои сайёҳӣ аҳаммияти калон дорад, зеро аз он ҳуқуқи онҳо барои истифодаи имтиёзҳои андозӣ, гирифтани иҷозатномаҳо ва иштирок дар барномаҳои давлатӣ вобаста мебошад» [85, с. 112].

Муассисони ташкилотҳои тиҷоратии соҳаи сайёҳӣ метавонанд ҳам шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсони ҳуқуқии ватанӣ, ҳам шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ бошанд. Мувофиқи моддаи 52 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахси ҳуқуқиро як ё якчанд муассис таъсис дода метавонад [10]. Молик, мақоми ваколатдори ӯ ё дигар шахсони манфиатдор тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ҳуқуқ доранд, ки муассиси шахси ҳуқуқӣ гарданд. Дар ҳолати ҷалб шудани шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ба сармояи оинномавии ташкилотҳои сайёҳӣ қонунгузории миллӣ ягон маҳдудияти махсус пешбинӣ накардааст, лекин риояи қатъии тартиби ворид кардани сармояи хориҷӣ, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоя ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ» [11] муқаррар гардидааст, ҳатмӣ мебошад. Баъзе муаллифон ҷонибдори он мебошанд, ки: «Барои амалӣ намудани фаъолияти соҳибкории мустақил, ассотсиатсияи (иттиҳод) шахсони ҳуқуқӣ ҷамъияти хоҷагиро таъсис медиҳад, дар ҷамъияти хоҷагӣ иштирок менамояд ё ба ҷамъияти хоҷагӣ ё ширкат табдил меёбад. Шахси ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, барои

расмият бахшидан ба манфиатҳои дастаҷамъӣ таъсис дода мешавад; он муносибатҳои дохилиро байни иштирокдорон ташкил намуда, иродаи онҳоро ба иродаи ташкилот табдил медиҳад ва ба он имкон медиҳад дар муомилоти маданӣ аз номи худ баромад намояд» [85, с.84].

Масъалаи зарурати соҳиб шудан ба иҷозатнома (литсензия) барои анҷом додани кори соҳаи сайёҳӣ ҳангоми давраҳои мухталифи такомули низоми ҳуқуқӣ бо роҳу равишҳои гуногун танзим карда шудааст. Дар замони аввалини истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолият дар самти сайёҳӣ бе дарёфти иҷозатномаи махсус (литсензия) манъ буд. Қарори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 феврали соли 1994, №70 «Дар бораи тартиби додани ҳуқуқ ба субъектҳои хоҷагирӣ барои машғул шудан бо сайёҳи хориҷӣ ва расмикунонии ҳуҷҷатҳои сафарӣ – вурудӣ» [16] низоми додани ҷавозаҳои фаъолияти сайёҳии хориҷиро мушаххас намуда буд.

Пас аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳии дохилӣ» дар соли 2017 [8], тартиби додани иҷозатнома барои ба фаъолият шуруъ кардани созмондиҳандагони сайёҳӣ (туроператорон) ва агентӣ (турфирмаҳо) аз байн бурда шуд. Ин дигаргунӣ ба интизоми сода ва осони дохилшавӣ ба бозори хидматрасонии сайёҳӣ, коҳиш додани садди роҳи маъмурӣ ва ҳавасманд намудани афзоиши соҳибкории хурду миёна дар ин бахш равона карда шудааст.

Ба андешаи П.А. Мухсинова, «аз байн бурдани иҷозатдиҳии фаъолияти сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи рушди муносибатҳои бозорӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ мувофиқат намуда, ба афзоиши шумораи субъектҳои сайёҳӣ мусоидат кард» [126, с. 201].

Бо вуҷуди ин, барои дигар субъектони хизматрасонии сайёҳӣ иҷозатдиҳиии ҳатмӣ нигоҳ дошта шудааст. Аз ҷумла, фаъолияти меҳмонхонаҳо (дар сурати муайян), фаъолияти нақлиёти мусофиркашонӣ, фаъолияти тарабхонаҳо (дар мавриди фурӯши

машруботи спиртӣ) ва фаъолияти ташкили сайёҳии кӯҳӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда ба иҷозатдиҳӣ ё гирифтани иҷозатномаҳои махсус ниёз доранд. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марти соли 2024, [200 «Дар бораи Андоза ва тартиби пардохти музди сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» [35] низ яке аз чунин ҳуҷҷатҳост, ки тартиби расонидани хизматрасониҳои сайёҳии экологӣ дар минтақаҳои муҳофизатшавандаро муайян менамояд.

О.А. Мавлоназарзода таъкид менамояд, ки «намудҳои фаъолияте, ки дар асоси иҷозат ба амал бароварда мешаванд, дониши махсусро талаб менамоянд ва чун қоида фаъолияти сердаромад низ мебошанд. Давлат баҳри таъмин намудани манфиатҳои ҷамъиятӣ дар бахши мудофиаи мамлакат, истеҳсоли лавозимоти ҳарбӣ ва ё ба мақсади ҷорӣ намудани назорати махсус аз болои фаъолияти муайян ва ба мақсади ҳифзи манфиатҳои шаҳрвандон гирифтани иҷозатномаро талаб менамояд. Иҷозатномадиҳӣ дар асоси принсипҳои зерин амалӣ мегардад: таъмини фазои ягонаи иқтисодӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон; муқаррар намудани номгӯи ягонаи намудҳои фаъолияти иҷозатномадодашаванда; муқаррар кардани тартиби ягонаи иҷозатномадиҳӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон; муқаррар намудани шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ тибқи низомнома оид ба хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият; ошкорбаёнӣ дар иҷозатномадиҳӣ; риояи қонуният ҳангоми иҷозатномадиҳӣ» [92, с.21].

Дар асоси меъёрҳои Низомнома оид ба хусусиятҳои додани иҷозатнома барои баъзе намудҳои фаъолият (дар таҳрири нав) аз 3 апрели соли 2007, [172, ба соҳаи туризм он намуди корҳое дохил мешаванд, ки иборатанд аз ташкили сафарҳо, гузаронидани экскурсияҳо ва хидматрасонии марбут ба онҳо дар самтҳои сайёҳии воридотӣ, содиротӣ ва дохилӣ. Ба ин гурӯҳ агентиҳои сайёҳӣ, танзимгарони сайёҳӣ (туроператорон), ташкилотҳои экскурсионӣ,

меҳмонхонаҳо ва кемпингҳое дохил мешаванд, ки бевосита бо тадбири корҳои сайёҳӣ сарукор доранд.

Мақоме, ки ба фаъолияткунандагони соҳаи сайёҳӣ иҷозатнома (литсензия) медиҳад, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Талаботу шартҳои дарёфти литсензия ҳангоми ба роҳ мондани кори сайёҳӣ барои шахси ҳуқуқӣ ва уҳдадориҳои довталабон аз инҳо иборатанд:

– дар шахси ҳуқуқӣ бояд корманде мавҷуд бошад, ки ё таҳсилоти махсуси сайёҳӣ дошта бошад ё на камтар аз се сол дар ҳамин бахш таҷрибаи корӣ ҷамъ оварда бошад;

– он кормандони шахси ҳуқуқӣ, ки бевосита дар ташкили сафарҳо, экскурсияҳо ва хидматрасонии ҳамроҳ фаъолият доранд, бояд ҳадди аққал дар ҳар се сол як маротиба такмили ихтисос гузаронанд;

– шахси ҳуқуқӣ бояд дорои ҳуҷраи хизматӣ (хоҳ он моликияти шахсӣ бошад, хоҳ иҷорагӣ) бо таҷҳизоти зарурӣ ва мувофиқ бошад;

– пешниҳоди хидматрасонии сайёҳӣ танҳо пас аз он иҷозат дода мешавад, ки шартнома (контракт) бо мизоҷон ба таври расмӣ баста шуда, мазмуни он бо муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мувофиқат кунад;

– ба ҳар як сайёҳ бояд иттилооти пурра ва дақиқ дар бораи тартиби рафтан ба хориҷа, шартҳои ворид шудан ва иқомат дар давлати хориҷӣ, ҳамчунин дар бораи қоидаҳои рафтор ва интизоми умумӣ ҳангоми сафари хориҷӣ дода шавад;

– ба истеъмолкунандаи хидматрасонии сайёҳӣ бояд маълумоти ҳамаҷониба дар бораи реҷаи кори ташкилотчии хидмат, суроғаи воқеии ҳуқуқии ӯ, доштани иҷозатнома, инчунин ном, насаб ва номи падари шахсони масъуле, ки барои самтҳои мушаххаси фаъолияти сайёҳӣ ҷавобгӯ мебошанд, пешниҳод карда шавад;

– нусхаи шартнома бо ташкилоти суғуртавӣ оид ба суғуртаи ҳаёт ва саломатии сайёҳон бояд мавҷуд бошад;

– системаи таъмини бехатарӣ, расонидани ёрии аввалияи тиббӣ ва дигар намудҳои кумак ҳангоми маҷруҳ шудан, бемор шудан ва дар дигар ҳолатҳои фавқуллода бояд ба сайёҳон пешниҳод карда шавад.

Барои соҳибкорони инфиродӣ ҳангоми ба роҳ мондани фаъолияти сайёҳӣ талабот ва шартҳои литсензионӣ иборатанд аз: омодагии касбӣ, доштани шаҳодатномаи тахассусӣ ва таҷрибаи тарҳрезии хатсайрҳои сайёҳӣ; мавҷуд будани хатсайри сайёҳии таҳияшуда; пешниҳоди маълумотномаи тиббӣ оид ба ҳолати саломатӣ.

Шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ пас аз соҳиб шудан ба иҷозатнома, ҳангоми ташкили хидматрасонии сайёҳӣ, ба сайёҳони раванда (содиротӣ) ва воридшаванда роҳхатҳои шакли ягона (воридшаванда) медиҳанд. Барои сайёҳони воридотӣ реестри ташрифи меҳмонони хориҷӣ ҷорӣ карда мешавад. Роҳхатҳои шакли ягона ва реестри ташрифи сайёҳони хориҷӣ аз ҷониби Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсади ба даст овардани омори аниқи хидматрасонии сайёҳӣ таҳия ва назорат карда мешаванд. Роҳхатҳои шакли ягона ҳуҷҷатҳои ҳатмианд, ки аз бастани шартнома миёни ташкилотҳои сайёҳӣ ва сайёҳон гувоҳӣ медиҳанд. Субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ, ки иҷозатнома доранд, пас аз ташкили сафари шаҳрвандон ба хориҷи мамлакат ё пазируфтани сайёҳи хориҷӣ, ба мақомоти ваколатдори соҳа ҳисоботи хаттӣ пешниҳод мекунанд. Довталаб барои гирифтани иҷозатнома маҷбур аст ҳуҷҷатҳои иловагии зеринро пешниҳод намояд: ҳуҷҷатҳое, ки мавҷудияти филиалҳо, намояндагиҳо ва иншооти шахси ҳуқуқиро дар минтақаҳои алоҳида, ки фаъолияти сайёҳӣ аз он ҷо ба роҳ монда мешавад, исбот мекунанд; нусхаи низомномаҳо, фармонҳо доир ба таъини роҳбарон, бовариномa ба роҳбар, суроға, суратҳисоби бонкӣ; барои шахси ҳуқуқӣ ё воқеии

хориҷӣ сертификате, ки аз ҷониби мақомоти нотариалии давлати хориҷӣ ё мақоми ваколатдор оид ба машғул шудан ба фаъолияти сайёҳӣ тасдиқ шуда, аз салоҳияти онҳо шаҳодат медиҳад ва мувофиқи тартиби қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ (легализация) гардида ё дар он апостил гузошта шудааст [43].

Тибқи муқаррароти моддаи 49 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [10], ҳар як шахси ҳуқуқӣ метавонад он гурӯҳи фаъолиятҳои мушаххасро, ки рӯйхати онҳо тавассути санадҳои қонунгузорӣ муайян карда мешавад, танҳо дар сурати соҳиб шудан ба иҷозати махсус (литсензия) амалӣ созад. Ҳуқуқи шахси ҳуқуқӣ оид ба анҷом додани фаъолияте, ки барои он иҷозати махсус талаб карда мешавад, аз лаҳзаи дарёфти он иҷозатнома ё дар муҳлате, ки дар он сабт гардидааст, ба вуҷуд меояд ва бо анҷоми муҳлати эътибори он қатъ мегардад, магар ин ки дар қонунгузорӣ тарзи дигар пешбинӣ шуда бошад.

Яке аз дигар талаботи ҳатмие, ки нисбати муассисаҳои тиҷоратии соҳаи сайёҳӣ гузошта мешавад, иборат аст аз сертификатсия (шаҳодатдиҳӣ)-и маҳсулоти сайёҳӣ, мол ва хидматрасонии субъектҳои соҳаи сайёҳӣ. Дар асоси Тартиби сертификатсияи маҳсулоти сайёҳӣ, мол ва хидматрасонии субъектҳои сайёҳӣ, ин раванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои расидан ба ҳадафҳои зер гузаронида мешавад:

– муайян кардани меъёрҳои объективӣ ва сатҳи дастрасии ташкилотҳои сайёҳӣ ба раванди сертификатсия;

– таъмини стандартҳои мувофиқ ва ҳамоҳангшуда дар бахши сайёҳӣ бо дарназардошти сиёсати миллии кишвар, таҷрибаи ҷамъи ҷаҳонӣ ва тавсияҳои Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ;

– баланд бардоштани қобилияти рақобатпазирии ташкилотҳои сайёҳӣ;

– огоҳ сохтани сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ дар бораи сифати хидматҳои сайёҳӣ дар Тоҷикистон ва мутобиқ будани онҳо ба

стандартҳои байналмилалӣ, ки ба ин васила иқтидори сайёҳиро ҳамчун сарчашмаи даромади миллӣ беҳтар мегардонад.

Сертификатсияи хидматҳои сайёҳӣ аз рӯйи намудҳои зерини хидмат гузаронида мешавад:

– хидматрасонии роҳнамо (гид);

– хидматрасонии тарҷумон;

– хидматрасонии пешхизмат;

– хидматрасонии меҳмондорӣ (меҳмоннавозӣ).

Намудҳои дигари хидматрасонӣ, ки бояд сертификатсия карда шаванд, бо назардошти бозори хидматҳои соҳаи сайёҳӣ мувофиқи тартиби муқарраргардида муайян карда мешаванд.

Стандартикунонии хидматҳои сайёҳӣ аз рӯйи намудҳои зерини хидматрасонӣ (фаъолият) ба роҳ монда мешавад:

- хатсайри сайёҳӣ;

- бехатарии сафар;

- воситаҳои ҷойгиршавӣ (манзилгоҳ).

Стандарти давлатии ҳар як намуди хидматрасониҳои сайёҳиро мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба стандартикунонӣ дар доираи ин Тартиб ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад [42].

Д.Ш. Сангинзода иброз менамояд, ки: «Сертификатсияи маҳсулоти сайёҳӣ, мол ва хизматрасонии фаъолияти субъектони сайёҳӣ - шакли тасдиқи мутобиқат ба талаботи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартонӣ, ки аз тарафи мақомоти аккредитатсияшуда оид ба сертификатсия амалӣ карда мешавад. Сертификати мутобиқат – ҳуҷҷате, ки ба талаботи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартонӣ мутобиқ будани объекти баҳодиҳии мутобиқатро тасдиқ мекунад. Сертификатсия дар соҳаи сайёҳӣ бо мақсадҳои зерин амалӣ карда мешавад: тасдиқ намудани мутобиқати объектҳои баҳодиҳии мутобиқат ба талаботи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳаи

стандартонӣ; мусоидат намудан ба истеъмолкунандагон дар интихоби дурусти маҳсулот ва хизматрасонӣ. Принсипҳои сертификатсия инҳо мебошанд: ошкоро ва дастрас будани қоида ва расмиёти сертификатсия; мустақил будани мақомоти аккредитатсияшуда оид ба сертификатсия ва озмоишгоҳ (марказ)-ҳои санҷишии аккредитатсияшуда аз дархосткунандагони сертификатсия; ҳифзи манфиатҳои молумулкии дархосткунандагони сертификатсия, аз ҷумла бо роҳи риояи махфият нисбат ба маълумоте, ки дар раванди расмиёти сертификатсия дастрас мегарданд. Сертификатсия метавонад ҳатмӣ ё ихтиёрӣ бошад» [167, с.157]. Зарурати сертификатсияро муаллиф чунин асоснок менамояд, «Иҷрокунанда вазифадор аст, хизматро (иҷрои корро) босифат ба иҷро расонад, ки он ба шартнома мутобиқ бошад. Ҳангоми набудани шартҳо оид ба сифатнокии хизматрасониҳо (корҳо) дар шартнома иҷрокунанда вазифадор аст, ки хизматро (иҷрои корро) ҳамон тавр анҷом диҳад, ки онҳо барои мақсадҳои одатан барои чунин хизматҳо (корҳо) истифодашаванда мувофиқ бошанд» [93, с.134.].

Гарчанде ки моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» бевосита ба танзими ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ равона нашуда бошад ҳам, дар мушаххас кардани доираи кори чунин ташкилотҳо нақши ҷудогона дорад. Зеро ин гуна ташкилотҳои тиҷоратӣ дар соҳаи сайёҳӣ ҳамчун субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ рафтори худро дар чаҳорчӯби шаклҳо ва намудҳои сайёҳие, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст, ба роҳ монда, ба фаъолият мепардозанд.

Аз дидгоҳи шаклҳои сайёҳӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ дар ин бахш метавонанд дар ҳарду шакли мавҷуда – сайёҳии дохилӣ ва сайёҳии байналмилалӣ кор кунанд. Ин маънои онро дорад, ки ҳангоми таъсиси чунин як ташкилоти тиҷоратӣ, муассисон бояд пешакӣ самти фаъолияти худро муайян кунанд: оё онҳо фақат ба хидматрасонӣ ба сайёҳони дохилӣ (яъне шаҳрвандони Тоҷикистон) машғул мешаванд ё

ин ки ба қабули меҳмонони хориҷӣ низ хоҳанд пардохт. Ин ба навбати худ барои дарёфти иҷозатномаҳо (агар зарурат пеш ояд), ба роҳ мондани ҳисоботи андозӣ, суғурта ва дигар ҷиҳатҳои соҳибкорӣ таъсири муайян мерасонад.

Аз рӯйи намудҳои сайёҳӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ дар ин бахш метавонанд дар яке ё чанд намуди зерини сайёҳӣ ихтисос пайдо намоянд:

– Варзишию кӯҳгардӣ ва кӯҳнавардӣ – ин намудҳои сайёҳӣ аз ташкилотҳои тиҷоратӣ дар ин соҳа талаб мекунанд, ки роҳнамоёни касбии баландтаҷриба, таҷҳизоти махсуси кӯҳнавардӣ, суғуртаи ҳатмии хатарҳо ва иҷозатномаҳои махсусро (барои ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда) соҳиб бошанд.

– Шикор ва моҳигирӣ – ин гуна сайёҳӣ тақозо мекунад, ки ташкилотҳои тиҷоратӣ бо мақомоти дахлдори ҳифзи табиат ҳамкорӣ кунанд ва барои шикору моҳигирӣ иҷозатномаҳои махсус гиранд.

– Экологӣ – ин намуди сайёҳӣ ташкилотҳои тиҷоратиро водор мекунад, ки ба усулҳои ҳифзи муҳити зист пайравӣ кунанд ва ба экосистема зиёне нарасонанд.

– Тиҷоратӣ – ин намуди сайёҳӣ барои ташкилотҳои тиҷоратӣ ҷанбаи фоидаоварӣ дорад, зеро онҳо метавонанд барои ҷалби сайёҳони тиҷоратӣ хидматҳои махсус, аз қабили нақлиёт, ҷойгиршавӣ дар меҳмонхона, гузаронидани мулоқоту вохӯриҳои тиҷоратӣ ва ғайраро пешниҳод намоянд.

– Таълимию омӯзишӣ – ин намуди сайёҳӣ аз ташкилотҳои тиҷоратӣ талаб дорад, ки бо муассисаҳои таълимӣ, осорхонаҳо, марказҳои фарҳангӣ ҳамкорӣ кунанд ва барномаҳои омӯзишӣ таҳия намоянд.

– Фароғатию табобатӣ – ин намуди сайёҳӣ ташкилотҳои тиҷоратиро водор мекунад, ки бо санаторияҳо, осоишгоҳҳо, марказҳои табобатӣ шартномаҳои ҳамкорӣ дошта бошанд.

– Оилавӣ ва кӯдакона – ин намудҳои сайёҳӣ ташкилотҳои тиҷоратиро маҷбур мекунанд, ки ба бехатарии кӯдакону оилаҳо ва таъмини шароити мусоиди истироҳат диққати махсус диҳанд.

– Таърихию зиёратӣ – ин намуди сайёҳӣ аз ташкилотҳои тиҷоратӣ талаб мекунад, ки бо ёдгориҳои таърихӣ, ҷойҳои муқаддас шиносии амиқ дошта бошанд ва барои сайёҳон барномаҳои махсуси экскурсионӣ тартиб диҳанд.

– Астрономӣ, саргузаштдор, намоишӣ, гурӯҳӣ – ин намудҳои сайёҳӣ ташкилотҳои тиҷоратиро вазифадор мекунанд, ки хатсайрҳои махсус, таҷҳизоти муосир ва роҳнамоёни соҳибихтисос дошта бошанд.

– Деҳотӣ ва кишоварзӣ – ин намудҳои сайёҳӣ ба рушди минтақаҳои деҳотӣ мусоидат карда, аз ташкилотҳои тиҷоратӣ талаб мекунанд, ки бо хоҷагиҳои деҳқонӣ ва мардуми маҳаллӣ ҳамкорӣ карда, шароити истироҳати экологӣ фароҳам оранд.

– Гастрономӣ (хондорӣ) – ин намуди сайёҳӣ ташкилотҳои тиҷоратиро водор мекунад, ки бо тарабхонаҳо, чойхонаҳо, марказҳои миллии ошпазӣ ҳамкорӣ намуда, ба сайёҳон имкони шиносоӣ бо таомҳои миллӣ фароҳам оранд.

– Иҷтимоӣ – ин намуди сайёҳӣ ба ташкилотҳои тиҷоратӣ имкон медиҳад, ки аз дастгирии давлатӣ дар шакли имтиёзҳои андозбандӣ, кумаки молиявӣ ва маъмурӣ баҳраманд шаванд.

– Илмию маърифатӣ – ин намуди сайёҳӣ ташкилотҳои тиҷоратиро талаб мекунад, ки бо муассисаҳои илмӣ, осорхонаҳо, боғҳои ботаникӣ ва ғайра ҳамкории наздик дошта бошанд.

Ҷанбаи боз ҳам муҳимми дигар ин аст, ки моддаи 6 имкон медиҳад, ки мувофиқи тартиби пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ намудҳои дигари сайёҳӣ низ вуҷуд дошта бошанд. Ин ба ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ имконият медиҳад, ки доираи фаъолияти худро васеъ

гардонанд ва дар он намудҳои нави сайёҳӣ, ки дар қонун бевосита зикр нашудаанд, низ ба кор ипардозанд.

Ҳамин тариқ, моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» ҳангоми ташкил ва фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ нақши асосӣ мебозад, зеро:

1. Он шаклҳои фаъолияти сайёҳиро муайян мекунад, ки дар асоси он ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ метавонанд фаъолияти худро банақша гиранд;

2. Он намудҳои сайёҳиро муқаррар мекунад, ки ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар онҳо ихтисос пайдо карда, барои рушди ин намудҳо сармоягузорӣ намуда, хизматрасониҳои мувофиқ пешниҳод намоянд;

3. Он барои ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар намудҳои гуногуни сайёҳӣ (аз варзишию кӯҳгардӣ то илмию маърифатӣ) фаъолият намудан заминаи ҳуқуқӣ фароҳам меорад;

4. Он имкон медиҳад, ки ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар намудҳои нав ва эҳтимолии сайёҳӣ, ки дар оянда пайдо мешаванд, фаъолият намоянд.

Тамоми кори ташкилоти тиҷоратӣ дар бахши сайёҳӣ дар заминаи шартномаҳои гуногуни ҳуқуқи маданӣ ба амал бароварда мешавад. Асоситарин ва паҳнгардидатарин намуди шартнома дар ин соҳа, шартномаи хидматрасонии сайёҳӣ ба ҳисоб меравад, ки дар моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9] ҳамчун як намуди шартномаи хидматрасонии музднок тавсиф ва муаррифӣ шудааст.

Бо мақсади равона кардани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, тобеони хориҷӣ ва афроди дигар ба саёҳат, миёни пешниҳодкунандаи хидмати сайёҳӣ (субъекти хизматрасонии сайёҳӣ) ва мусофир як санади дуҷониба (шартнома) ба имзо мерасад. Шакли намунавии ин санади дуҷонибаро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи туризм муқаррар мекунад.

Дар китобҳои ҳуқуқшиносӣ, шартномаи марбут ба хидматрасонии сайёҳӣ ҳамчун созишномаи серунсур (мураккаб) шинохта мешавад, ки дар таркиби худ ҷузъҳои шартномаҳои нақлиётӣ, меҳмонхонагӣ, экскурсионӣ ва дигар намудҳоро дар бар мегирад. Д.Ш. Сангинов дар ин бора чунин изҳор доштааст, ки шартномаи марбут ба хидматрасонии сайёҳӣ ба шартномаи музднoки хидмат дар шакли анъанавии он пурра мутобиқ набуда, бештар ба шартномаи омехта монандӣ дорад, зеро ин ҳуҷҷат на танҳо расонидани хидмат, балки ташкили сафар, банақшагирии масир, таъмини амният ва дигар унсурҳоро низ фаро мегирад. Бинобар ин, нукоти зикргардида ба мо сабаб медиҳанд, ки дар бораи хусусиятҳои зер, ки ба он хос мебошанд, сухан гӯем:

1. Шартномаи оид ба хидматрасонии сайёҳӣ як навъ шартномаи хидмати музднок мебошад; мувофиқи он як ҷониб (туроператор ё агентии сайёҳӣ) уҳдадор мешавад, ки худ ё тавассути ашхоси сеюм хидматрасонии сайёҳиро ба ҷониби дигар (мусофир) бирасонад, ва ҷониби дигар низ уҳдадор мешавад, ки маблағи муайяншударо пардохт кунад.

2. Шартномаи хидматрасонии сайёҳӣ ба гурӯҳи қарордодҳои консенсуалӣ дохил мешавад. Ин вижагӣ аз худи ҳастии хидматрасонии сайёҳӣ ба вуҷуд омадааст, зеро чунин қарордод иҷрои амалҳои гуногун ва сершумори ҳуқуқӣ ва амалиро дар бар мегирад.

3. Ин шартнома хусусияти дуҷониба дорад. Яъне, он барои ҳар як иштирокчӣ ҳуқуқу уҳдадориҳо эҷод мекунад. Дар ин ҷо ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо ба ҳамдигар вобастагии бевосита доранд: ҳуқуқҳои туроператор ё агент ба уҳдадориҳои мусофир мувофиқат мекунанд ва баръакс, дар муқобили ҳуқуқи сайёҳ ӯҳдадории ташкилотчии сафар қарор мегирад.

4. Шартнома оид ба хидматрасонии сайёҳӣ созишномаи музднок аст. Ҳар як ҷониб дар он манфиати молумулкӣ дорад, яъне ҳуқуқи

гирифтани иҷрои муқобилро соҳиб аст: мусофир хидмати ба таври шартӣ қайдшударо мегирад, ташкилотчии сафар низ маблағи пулие, ки дар шартнома муқаррар шудааст, ба даст меорад.

5. Он хидматҳое, ки дар ин шартнома пешбинӣ шудаанд, одатан тавассути худи иҷрокунанда (танзимгари сайёҳӣ, агентии сайёҳӣ) ва инчунин тавассути шахсони сеюме, ки иҷрокунанда бо онҳо шартномаҳои алоҳида (масалан, оид ба нақлиёт, меҳмонхона, экскурсия ва ғайра) мебандад, ба шахси сеюм  расонида мешаванд.

6. Шартномаи хидматрасонии сайёҳӣ шартномаи оммавӣ ба шумор меравад, аз ин рӯ ба он қоидаи марбут ба ҳуқуқи иҷрокунанда (туроператор, агентии сайёҳӣ) ба рад кардани бастани шартнома татбиқ намегардад.

7. Дар ин созишнома яке аз тарафҳо ҳамеша шахси воқеӣ – яъне худи сайёҳ мебошад.

8. Шартнома оид ба хидматрасонии сайёҳӣ барои як муддати мушаххас (аз 24 соат то 12 моҳ) баста мешавад.

9. Агар иҷрои шартнома ба зиммаи шахси сеюм гузошта шуда бошад, дар сурати иҷро накардан ё нодуруст иҷро кардани он аз ҷониби шахси сеюм, туроператор (ташкилотчии сафар) худи ӯҳдадории пурраи масъулиятро ба гардан мегирад» [191, с. 73].

Ҷанбаи дигари муҳимми шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ, масъалаи масъулияти иҷрокунанда барои сифат ва бехатарии хизматрасониҳо мебошад. Мутобиқи моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» [2], иҷрокунанда уҳдадор аст, ки хизматрасониҳоро бо сифат ва бехатарии мувофиқ ба талаботи ҳатмӣ ё шартҳои шартнома расонад. Дар сурати вайрон кардани ин уҳдадориҳо, иҷрокунанда дар назди фармоишгар ҷавобгар мебошад.

Ф.Д. Самизода дар таҳқиқоти худ оид ба шартномаҳои иқтисоди беруна дар соҳаи сайёҳӣ ба хулоса омадааст, ки «дар муносибатҳои байналмилалии сайёҳӣ, шартномаи хизматрасонии пулакӣ шакли мураккаби ҳуқуқӣ дошта, дорои хусусиятҳои хосе мебошад, ки онҳоро аз дигар намудҳои шартномаҳои тиҷоратии дохилӣ фарқ мекунад. Аз ҷумла, ба ин шартномаҳо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, аз қабили Конвенсияи байналмилалӣ оид ба шартномаҳои сайёҳӣ (агар чунин вуҷуд дошта бошад) ё қонунгузории кишвари муайян татбиқ мегардад» [139, с. 171].

Ҳангоми амалисозии амали ташкилоти тиҷоратӣ дар соҳаи сайёҳӣ, шартномаҳои дигар низ вазни хеле ҷиддӣ доранд. Аз ҷумлаи онҳо инҳоянд: шартномаҳои лизинг (иҷораи молиявӣ) барои харидани воситаҳои нақлиёт ва таҷҳизоти ба меҳмонхонаҳо зарур; шартномаҳои суғурта барои масъулияти муассисаҳои сайёҳӣ ва суғуртаи худи сайёҳон; шартномаҳои корӣ бо кормандон; шартномаҳои иҷораи биноҳову иншоот; шартномаҳои ҳамкории эҳтимолӣ бо муассисаҳои дигари сайёҳӣ (аз қабили ҳамкории туроператорон бо агентҳои сафар, меҳмонхонаҳо, ширкатҳои нақлиётӣ ва ғайра).

Дар алоқамандӣ бо намуди шартномаҳо дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ, А.Н. Ошноков чунин таъкид менамояд, ки шартномаҳо дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ як категорияи махсуси шартномаҳои ҳуқуқи маданиро ташкил медиҳанд ва фаъолияти соҳибкориро ба танзим меоранд, ки ба ташкил ва амалисозии сафарҳои сайёҳӣ берун аз мамлакати ҷойи истиқомати доимии сайёҳ равона карда шудаанд. Иштирокчиёни чунин шартномаҳо сатҳҳои гуногуни давлатӣ ва ё ҷойгиршавии корхонаҳои тиҷоратиро дар ҳудуди давлатҳои гуногун доранд, ки ин зарурати татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусиро пешбинӣ менамояд. Ҳуқуқи аврупоӣ дар соҳаи сайёҳӣ чор гурӯҳи шартномаҳои сайёҳӣ ва меҳмонхонагиро ҷудо мекунад:

шартномаҳое, ки байни расонандагони хизматрасонии сайёҳӣ ва истифодабарандагони бевосита (шахсони воқеӣ) баста мешаванд (шартномаи хизматрасонии меҳмонхона, шартнома оид ба истиқомат дар апартаментҳои сайёҳӣ ва ғайра); шартномаҳое, ки байни агентиҳои сайёҳӣ ва истифодабарандагони хизматрасонии онҳо баста мешаванд (шартномаи ташкили сафар, шартномаи миёнаравӣ оид ба сафар); шартномаҳое, ки байни расонандагони хизматрасонӣ ва агентиҳои сайёҳӣ баста мешаванд (шартномаи агентӣ оид ба хизматрасонии меҳмонхона, шартнома оид ба истифодаи иқтидори меҳмонхона); шартномаҳое, ки бо пешниҳоди хизматрасониҳо дар сайёҳӣ алоқаманданд (шартномаи лизинг, сармоягузории хориҷӣ ва ғайра) [235, с.56-57]

Мавзуи ҷавобгарии ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ яке аз масъалаҳои мураккаб ва мубрами фаъолияти онҳо мебошад. Ташкилотҳои сайёҳӣ дар назди сайёҳон (истеъмолкунандагон), дигар контрагентҳо, давлат ва ҷомеа дар маҷмуъ ҷавобгар мебошанд. Дар ин замина, ду намуди асосии ҷавобгариро фарқ кардан мумкин аст: ҷавобгарии шартномавӣ ва ҷавобгарии ғайришартномавӣ (деликтӣ).

Тибқи моддаи 57 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [10], ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ, ба ғайр аз корхонаи давлатии махсус ва муассисаҳо, барои қарзҳои (уҳдадориҳои) худ бо тамоми амволе, ки аз они онҳост, ҷавобгӯ ҳастанд. Бунёдгузор (иштирокчӣ)-и шахси ҳуқуқӣ ё молики он барои қарзҳои худи шахси ҳуқуқӣ ҷавобгар нест ва баръакс, шахси ҳуқуқӣ низ барои уҳдадориҳои бунёдгузор (иштирокчӣ) ё молик масъул нест, магар дар ҳолатҳое, ки худи Кодекс ё ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқӣ тартиби дигарро пешбинӣ карда бошанд.

Масъулияти шартномавӣ дар заминаи созишномаи дуҷонибаи басташуда миёни муассисаи сайёҳӣ ва сайёҳ (ё ҳамкори дигар) пайдо шуда, барои вайрон намудани шартҳои ҳамон созишнома, монанди

пешниҳод накардани хидматҳои дар шартнома зикргардида, пешниҳоди хидматҳои сифаташон паст (бемазмун), риоя накардани муҳлатҳои супориши хидматҳо ва ғайра, муқаррар карда мешавад. Мутобиқи моддаи 356 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳар як ӯҳдадорӣ бояд ба таври дуруст ва мувофиқи шартҳои худи ӯҳдадорӣ, инчунин мувофиқи талаботи қонунгузорӣ иҷро карда шавад; агар чунин шартҳо ё талабот вуҷуд надошта бошанд, пас ӯҳдадорӣ бояд тибқи урфу одатҳои муомилоти тиҷоратӣ (моддаи 5 ҳамин Кодекс) ё тибқи талаботе, ки маъмулан пешниҳод карда мешаванд, анҷом дода шавад. Дар рафти иҷрои ӯҳдадорӣ ҳарду ҷониб вазифадор ҳастанд, ки бо виҷдон амал кунанд, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии якдигарро эҳтиром кунанд, барои ноил шудан ба мақсади ӯҳдадорӣ мусоидат намоянд ва инчунин маълумоти лозимаро ба ҳамдигар пешниҳод созанд [10].

Дар ин маврид, Ш.Т. Тағойназаров қайд менамояд, ки «ҷавобгарии мадании субъект дар назди истеъмолкунанда дорои хусусиятҳои хоссе мебошад, ки аз маҳсулият ва мураккабии фаъолияти онҳо, инчунин аз он, ки мизоҷ ҳамчун истеъмолкунанда ҷониби заифи шартнома мебошад, сарчашма мегирад» [213, с. 63].

Ҷавобгарии ғайришартномавӣ (деликтӣ) дар мавридҳое ба миён меояд, ки ба сайёҳ ё шахсони сеюм аз ҷониби ташкилоти сайёҳӣ зарар расонида шудааст, новобаста аз он ки ин зарар дар натиҷаи вайрон кардани шартҳои шартнома ба вуҷуд омадааст ё не. Тибқи муқаррароти моддаи 1189 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳар гуна зиёне, ки дар натиҷаи амали (ё бетаваҷҷуҳии) хилофи қонун ба шахс, ба амволи шахси воқеӣ, ба молу мулки шахси ҳуқуқӣ, ба давлат, ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ё мақомоти маҳаллии худидоракунӣ ворид шуда бошад, бояд дар ҳаҷми пурраи он аз ҷониби он шахсе, ки ин зарарро расонидааст, баргардонда (ҷуброн) карда шавад. Қонунгузорӣ метавонад вазифаи ҷуброни зиёнро ба дӯши шахсе низ бигузорад, ки

аслан зараре нарасондааст, аммо бо сабабҳои махсус ба ин масъулият кашида мешавад [10]. Дар ин замина олимон таъкид менамояд, ки «масъалаи ҷавобгарӣ барои вайрон кардани талабот оид ба сифат ва бехатарии хизматрасониҳо дар соҳаи сайёҳӣ аҳаммияти махсус дорад, зеро ин на фақат манфиатҳои молу мулкии сайёҳон, балки саломатӣ ва ҳаёти онҳоро низ дар бар мегирад» [162, с. 249].

Ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ низ дар фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ метавонад ба миён ояд. Аз ҷумла, барои вайрон кардани қоидаҳои бехатарӣ, қоидаҳои сӯхторӣ, қоидаҳои тиббӣ ва гигиенӣ, инчунин барои дигар ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи сайёҳӣ ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ шудааст. Дар мавридҳое, ки дар натиҷаи фаъолияти ташкилотҳои сайёҳӣ ба саломатӣ ё ҳаёти сайёҳон зарари ҷиддӣ расонида шудааст, ҷавобгарии ҷиноятӣ низ метавонад ба миён ояд.

Ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ ҳамчун субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ аз ҳифзи ҳуқуқии давлатӣ бархӯрдор мебошанд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [1] кафолатҳои асосии ҳуқуқи соҳибкоронро, аз ҷумла ҳуқуқи моликият, ҳуқуқи озодии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳуқуқи ҳифзи судии ҳуқуқҳоро муқаррар намудааст. Дар ин маврид, Ш.К. Ғаюрзода ва Ф.А. Қосимов дар тафсири моддаи 12 Конститутсияи кишвар қайд менамоянд, ки «Дар қисми дуюми ҳамин моддаи тафсиршаванда сухан дар бораи кафолатҳои давлат оид ба фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ меравад. Кафолатҳои мазкур чунин уҳдадориҳои давлат дар назди дигар субъектони ҳуқуқ мебошад, ки дар шакли пешниҳоди неъматҳои моддӣ ва ё ғайримоддӣ (хизматрасониҳои давлатӣ) ифода мегарданд. Кафолатҳои тафсиршаванда ройгон, конститутсионӣ, мақсаднок ва ғайримоддӣ мебошанд. Бояд зикр намуд, ки асоси калимаи «фаъолият» вожаи арабии «фаъол» буда, серҳаракатӣ, серкор будани инсон ё

иттиҳодияҳои онҳоро ифода мекунад, ки субъект бо чунин сифатҳои нек дар ҷомеа ва ё дар маҳалли фаъолият шинохта мешавад. Фаъолияти озоди иқтисодӣ яке аз шартҳои муҳимми таъсис ва инкишофи иқтисодиёти ҶТ буда, як шакли мустақили пешбурди иқтисодӣ мебошад. Дар он ба субъектони ҳуқуқ имконият пайдо мекунанд, ки дар асоси ин ё он шакли моликият эҳтиёҷоти худро қонеъ гардонанд, ба истеҳсоли ашёи муайян, иҷрои кор ва ё хизматрасониҳои ройгон ва ё ғайриройгон машғул шаванд. Ин фаъолият мақсаднок анҷом дода шуда, дар таносуб ба самтҳои иқтисодии аҳаммияти калони иҷтимоидошта, ки метавонад инҳисории давлат бошад, бинобар ин мутлақ намебошад. Ин ба асоси роҳбарикунандаи сиёсати иқтисодии ҶТ бо дастгириҳои давлатӣ, фазои ягонаи иқтисодии кишвар ва рақобати иқтисодӣ алоқамандӣ дорад» [108, с. 63].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» [6] барои ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон кафолатҳои иловагиро ба расмият даровардааст, аз ҷумла: ғайриқонунӣ эълон кардани дахолати мақомоти давлатӣ ба кори соҳибкорӣ, муайян намудани тартиби гузаронидани боздидҳо (санҷишҳо), дар назар доштани масъулияти мақомоти давлатӣ ҳангоми расонидани зарар ба соҳибкорон ва дигар кафолатҳо. Тафсири ин қонун, ки таҳти таҳрири Д.Ш. Сангинзода нашр шудааст [92], ба таври муфассал механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи соҳибкоронро мавриди таҳлил қарор додааст.

Яке аз воситаҳои муҳимми ҳифзи ҳуқуқи ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ, муроҷиат ба суд мебошад. Мувофиқи қонунгузории мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилотҳои сайёҳӣ ҳуқуқ доранд, ки барои ҳифзи ҳуқуқҳои вайроншуда ё баҳснок ба суд муроҷиат намоянд. Дар баробари судҳои ҳакамии давлатӣ, ташкилотҳои сайёҳӣ метавонанд барои ҳалли баҳсҳо ба суди ҳакамии

байналмилалӣ низ мурочиат намоянд, агар ин дар шартнома пешбинӣ шуда бошад.

Д.Ш. Сангинзода ва С. Искандарӣ дар китоби дарсии худ оид ба ҳуқуқи соҳибкорӣ қайд менамоянд, ки «ташкилотҳои соҳибкорӣ (аз ҷумла ташкилотҳои сайёҳӣ), дар фаъолияти худ метавонанд бо масъалаҳои гуногуни ҳуқуқӣ, аз қабили вайрон кардани шартҳои шартнома аз ҷониби контрагентҳо, амалҳои ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, рақобати ғайриқонунӣ ва ғайра рӯбарӯ шаванд. Дар ин мавридҳо, донистани роҳҳои ҳифзи ҳуқуқ ва истифодаи самараноки воситаҳои ҳуқуқӣ барои соҳибкорон аҳаммияти калон дорад» [78, с. 320].

Сарфи назар аз таҳия ва қабули як қатор санадҳои муҳимми меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи сайёҳӣ, ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз пурра ба талаботи муосир мувофиқат намекунад.

Дар ин радиф, метавон як силсила ихтилофҳоро зери нуқтаҳои зер қайд кард:

1. Бо вуҷуди он ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» дар таҳрири соли 2020 ба тасвиб расидааст [9], ҳоло ҳам байни ин санад ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, аз қабили Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [10], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» [2] ва монанди инҳо, ҳамоҳангӣ вуҷуд надошта, нобатанзимиҳо ба назар мерасанд. Барои таъмини танзими босамари ҳуқуқии кори туризм, зарур аст, ки қонунгузории соҳавӣ бо қонунгузории умумии маданӣ ва тиҷоратӣ ҳамоҳанг карда шавад.

2. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳанӯз як низоми мукаммали стандартҳои миллӣ дар бахши туризм, ба мисли стандартҳои сифати хидматҳои сайёҳӣ, стандартҳои амният, стандартҳои экскурсионӣ ва ғайра, пурра таҳия ва амалӣ карда нашудааст. Ҳарчанд Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ» [5] ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби сертификатсияи маҳсулоти сайёҳӣ, мол ва хидматрасонии субъектони соҳаи туризм» [34] қабул шуда бошанд ҳам, дар амалия то имрӯз баъзе душвориҳо ҳалли худро наёфтаанд.

3. Бо вуҷуди ин ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоя ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ» [11] ба сармоягузорон як қатор кафолатҳо медиҳад, вале ҷалби маблағҳои бузурги сармоявӣ ба соҳаи туризм, махсусан барои бунёди меҳмонхонаҳои муосир, маҷмааҳои фароғатӣ, шабакаҳои нақлиётӣ, то кунун душворӣ ва монеаҳои ҷиддӣ дорад.

Р.Б. Бозоров дар ин замина қайд намуда буд, ки «барои ҷалби сармоягузориҳо зарур аст, ки на фақат кафолатҳои ҳуқуқӣ, балки фазои мусоиди сармоягузорӣ, аз ҷумла инфрасохтори рушдёфта, кадрҳои баландихтисос ва механизмҳои самараноки ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорон таъмин карда шавад» [45, с. 135].

4. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми суғуртаи масъулияти ташкилотҳои сайёҳӣ ва суғуртаи сайёҳон ҳанӯз пурра ташаккул наёфтааст. Сарфи назар аз он ки дар моддаи 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9] суғуртаи ихтиёрии хавфҳо пешбинӣ шудааст, аммо дар амалия аксари сайёҳон ва ташкилотҳои сайёҳӣ аз суғурта истифода намебаранд. Дар кишварҳои пешрафта суғуртаи масъулияти танзимгарони сайёҳӣ ва суғуртаи сайёҳон як талаботи ҳатмӣ мебошад, ки дар Тоҷикистон ҳанӯз ҷорӣ нашудааст.

5. Ҳифзи ҳуқуқи ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ, аз ҷумла ҳифзи онҳо аз рақобати ғайриқонунӣ, амалҳои ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, вайрон кардани шартҳои шартнома аз ҷониби контрагентҳо, ҳанӯз ҳам самаранок нест. Дар ин замина, Д.Ш. Сангинов қайд менамояд, ки «беҳбуди механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон, аз

ҷумла ташкилотҳои сайёҳӣ, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии давлат бояд бошад» [189, с. 650].

Дар робита ба мушкилоти мавҷуда, дурнамои рушди ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дар самтҳои зерин амалӣ карда шавад:

– Дар таҳрири нав қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» бо дарназардошти таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ, ҳамоҳангсозии он бо дигар санадҳои соҳавӣ, ворид намудани меъёрҳои нав оид ба суғуртаи масъулияти танзимгарони сайёҳӣ, сертификатсияи хизматрасониҳои сайёҳӣ ва ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон.

– Таҳия ва ҷорӣ намудани стандартҳои миллӣ дар соҳаи сайёҳӣ, таъсиси судҳои ихтисосӣ ё ҳайатҳои судӣ барои ҳалли баҳсҳо дар соҳаи сайёҳӣ, баланд бардоштани салоҳияти ҳуқуқии кормандони мақомоти иҷроия ва ташкилотҳои сайёҳӣ.

– Тартиб додан ва ба кор андохтани барномаҳои мақсадноки давлатӣ барои ҳавасмандгардонии ворид гардидани маблағҳои сармоявӣ ба соҳаи сайёҳӣ, пешбинӣ намудани имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ барои муассисаҳои сайёҳӣ, ҳамчунин бунёд намудани минтақаҳои озоди сайёҳӣ;

– Васеъ гардонидани робитаҳои байналмилалӣ дар соҳаи туризм, аз ҷумла имзо намудани созишномаҳои дуҷонибаву бисёрҷониба оид ба ҳамкорӣ дар ин бахш, ширкати фаъолона дар кори Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ (UNWTO), ҳамоҳангсозии қонунгузории дохилӣ бо талаботи стандартҳои ҷаҳонӣ.

Пас рушди устувори соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон бе такмили ҳамаҷонибаи қонунгузорӣ, беҳбуди фазои сармоягузорӣ, таъмини ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон ва ташкилотҳои сайёҳӣ, инчунин густариши ҳамкории байналмилалӣ имконнопазир аст.

Дар асоси таҳлили зербоби мазкур (ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон), метавон хулосаҳои зеринро баён намуд:

1. Ташкилоти тиҷоратии соҳаи сайёҳӣ шахси ҳуқуқиест, ки мувофиқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории давлат ба қайд гирифта шуда, бо мақсади ба даст овардани фоида ба хидматрасонии сайёҳӣ (таҳия додан, таблиғ ва амалӣ гардонидани он) машғул аст ва фаъолияташ дорои хусусияти тиҷоративу иҷтимоӣ аст. Ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ – категорияи ҳуқуқӣ ва илмӣ буда, ширкати сайёҳӣ (фирмаи сайёҳӣ) – номи оммавӣ ва соҳавӣ аст. Ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ мафҳуми васеътар ва ҳуқуқӣ аст, дар ҳоле ки ширкати сайёҳӣ бештар номи тиҷоратӣ ва соҳавӣ мебошад.

Дар тафовут аз дигар ташкилоти тиҷоратӣ ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ дорои чунин хусусиятҳо мебошад:

– Объекти асосии фаъолияти ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ ташаккул, пешбурд ва таъмини хизматрасонии сайёҳӣ мебошад.

– Фаъолияти ин дорои ҷанбаи тиҷоратӣ ва иҷтимоӣ аст, яъне на танҳо ба мақсади ба даст овардани фоида равона шудааст, балки ҳатман ба қонеъгардонии эҳтиёҷоти маънавӣ, зеҳнӣ ва ҷисмонии сайёҳон равона гардидааст.

– Ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ масъулияти ҳамоҳангсозии якчанд соҳаҳо (савдо, нақлиёт, алоқа, энергетика, кишоварзӣ, фарҳанг, тиб ва ғайраро )-ро ба зимма дорад, ки хавфҳои иловагӣ дар ҷараёни фаъолият пайдо мешаванд.

– Амали ин субъект бевосита ба истифодаи сарватҳои табиӣ, фароғатӣ (рекреатсионӣ), фарҳангӣ ва таърихии кишвар пайваста буда, нисбат ба он талаботҳои махсуси давлатӣ оид ба бехатарии сайёҳон, ҳифзи муҳити зист, сертификатсия ва назорати қатъӣ мавҷуданд.

2. Шаклҳои асосии ташкилию ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъиятҳои дорои масъулияти

маҳдуд (ҶДММ) ва ҷамъиятҳои саҳомӣ мебошанд, ки интихоби онҳо ба андозаи сармоя, миқёси фаъолият ва мақсадҳои соҳибкор вобаста мебошад.

3. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» [3] раванди таъсис додани ташкилоти тиҷоратии соҳаи сайёҳӣ ва ба қайди давлатӣ гирифтани онҳо ба таври возеҳ мушаххас гардидааст. Ин раванд барои ҳама гуна шахсони ҳуқуқӣ, новобаста аз намуд ва соҳаи фаъолияташон, якхела ва ягона мебошад. Содагардонии тартиби бақайдгирӣ ва аз байн бурдани иҷозатдиҳии фаъолияти танзимгари сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ ба рушди соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ мусоидат намуд.

4. Ҷавобгарии ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар назди сайёҳон, дигар контрагентҳо ва давлат дар қонунгузории амалкунанда пешбинӣ шудааст, вале дар амалия механизмҳои ҷалби ин ҷавобгарӣ ҳанӯз самаранок нест. Дар қонунгузории миллӣ барои вайрон кардани талабот оид ба сифат ва бехатарии хизматрасониҳои сайёҳӣ ҷавобгарии қатъии ташкилотҳои сайёҳӣ бояд пешбинӣ карда шавад.

5. Ҳифзи ҳуқуқи ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [1], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» [6] ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Пешниҳод менамоем механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон, аз ҷумла ташкилотҳои сайёҳӣ, такмил дода шуда, барои ҳалли баҳсҳо дар соҳаи сайёҳӣ судҳои ихтисосӣ таъсис дода шаванд.

## 1.2. Ширкати сайёҳӣ ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ

Дар низоми муносибатҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ширкати сайёҳӣ ҳамчун субъекти махсуси ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ

мақоми муҳимро ишғол менамояд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» мафҳумҳои асосии марбут ба фаъолияти сайёҳиро муайян намуда, ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ин соҳа равона карда шудааст. Мувофиқи моддаи 1 ин қонун, «субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ – шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ мебошанд, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дохили мамлакат ба хизматрасонии сайёҳӣ машғул мебошанд» [9] Мафҳуми «ширкати сайёҳӣ» дар қонунгузории миллии Тоҷикистон мустақиман муайян нашудааст, вале аз таҳлили моддаи 1 Қонуни мазкур метавон хулоса кард, ки ширкати сайёҳӣ шахси ҳуқуқиест, ки ба фаъолияти танзимгарони сайёҳӣ ё агентҳои сайёҳӣ машғул мебошад. Мутобиқи моддаи 27 Қонуни мазкур, субъектҳое, ки хидматҳои сайёҳӣ пешниҳод мекунанд, метавонанд дар шаклҳои зер ба фаъолият машғул шаванд: ҳамчун шахсони воқеӣ, ҳамчун шахсони ҳуқуқӣ, ҳамчун соҳибкорони инфиродӣ, инчунин дар намуди давлатӣ, ғайридавлатӣ, гурӯҳӣ (корпоративӣ) ва фардӣ. Ин муқаррарот барои фаҳмидани мафҳуми «ширкати сайёҳӣ» аҳаммияти калон дорад, зеро он имкониятҳои ташкили соҳибкориро дар бахши сайёҳӣ муайян менамояд.

Аз нигоҳи шакли ташкилию ҳуқуқӣ, субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ метавонанд дар шаклҳои зерин амал кунанд:

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ – яъне ҳам шаҳрвандоне, ки ҳамчун соҳибкорони инфиродӣ сабти ном шудаанд ва ҳам шахсони ҳуқуқӣ (ширкатҳо, ҷамъиятҳо, кооперативҳо) метавонанд ба хизматрасонии сайёҳӣ машғул шаванд. Дар ин ҷо, мафҳуми «ширкати сайёҳӣ» бештар ба шахсони ҳуқуқӣ дахл дорад, аммо соҳибкорони инфиродӣ низ ҳуқуқ доранд ҳамчун субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ кор кунанд.

2. Давлатӣ ва ғайридавлатӣ – ин ибора мазмуни зерро дорад, ки дар соҳаи сайёҳӣ ҳам муассисаҳои зери ҳимояи давлат (масалан,

корхонаҳои воҳиди давлатӣ) ва ҳам муассисаҳои хусусӣ (ба монанди ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд, ҷамъиятҳои саҳомӣ ва монанди инҳо) метавонанд ба фаъолият машғул гарданд. Дар амалияи муосири сайёҳӣ, аксари ширкатҳои соҳавӣ дар шакли ғайридавлатӣ (хусусӣ) таъсис ёфтаанд.

3. Гурӯҳӣ (корпоративӣ) ва фардӣ – яъне пешниҳодкунандагони хидматҳои сайёҳӣ метавонанд ҳам дар доираи гурӯҳи корпоративӣ (масалан, иттиҳодияи шахсони ҳуқуқӣ, ассотсиатсия) ва ҳам ҳамчун як субъекти алоҳида (як шахси ҳуқуқӣ ё як соҳибкори инфиродӣ) амал кунанд.

Аз рӯйи мушаххас гардонидани мафҳуми «ширкати сайёҳӣ», муқаррароти моддаи 27 ба хулосаҳои зер роҳ менамояд:

1. Ширкати сайёҳӣ ҳамчун як намуди пешниҳодкунандаи хидматҳои сайёҳӣ – ин як шахси ҳуқуқӣ (ки фаъолияташ асосан дар шакли тиҷоратӣ ба роҳ монда мешавад) аст, ки ба хидматрасонии сайёҳӣ машғул мебошад. Бинобар ин, чунин ширкат мувофиқи шаклҳои қонунан пешбинишуда барои шахсони ҳуқуқӣ таъсис дода мешавад.

2. Имкони интихоби шакли ташкилию ҳуқуқӣ – ширкатҳои сайёҳӣ метавонанд дар шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ, ба мисли ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд (ҶДММ), ҷамъиятҳои саҳомӣ, кооперативҳои тиҷоратӣ ва ғайра ба вуҷуд оянд. Гузиниши шакли мувофиқ ба андозаи сармоя, шумораи иштирокдорон, сатҳи масъулият ва дигар омилҳо вобастагии бевосита дорад.

3. Хусусияти тиҷоратӣ – азбаски қонун ба таъсиси ҳам субъектҳои давлатӣ ва ҳам ғайридавлатӣ ҷавоби мусбат медиҳад, ширкатҳои сайёҳӣ метавонанд ҳамчун ташкилотҳои тиҷоратӣ (яъне бо мақсади фоидаоварӣ) амал намоянд. Дар чунин ҳолат, ҳадафи асосии кори онҳо ба даст овардани фоида мебошад.

4. Имконияти ба ҳам пайвастан ва ҳамкории муштарак – аз он сабаб ки қонун шакли гурӯҳии (корпоративии) фаъолиятро пешбинӣ

намудааст, ширкатҳои сайёҳӣ метавонанд барои ҳамоҳанг намудани корҳо, ҳифзи манфиатҳои умумӣ ва пеш бурдани соҳа ба иттиҳодияҳо ва ассотсиатсияҳо ҳамроҳ гарданд.

Дар асоси таҷрибае, ки дар амалияи ҳуқуқӣ ҷой дорад, муқаррароти моддаи 27 ба ширкатҳои сайёҳӣ ин имкониятҳоро медиҳад, ки:

– шакли кори худро вобаста аз мақсад, бузургӣ ва хусусияти фаъолият интихоб намоянд;

– ҳамчун ташкилоти давлатӣ ё ғайридавлатӣ кор карда, барои ҷалби сармоя ва рушди инфрасохтор имконоти гуногун дошта бошанд;

– ҳам ба таври алоҳида ва ҳам ба таври корпоративӣ амал намуда, дар муносибатҳои бозорӣ вазифаҳои сершуморро ба ҷо оранд.

Ба ин тартиб, моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» барои муайян кардани мафҳуми «ширкати сайёҳӣ» замина гузошта, имкон медиҳад, ки ширкати сайёҳӣ ҳамчун як шахси ҳуқуқӣ (ё дар баъзе ҳолатҳои мушаххас соҳибкори инфиродӣ) тавсиф карда шавад; ширкате, ки дар шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ, ҳам давлатӣ ва ҳам ғайридавлатӣ, ҳам гурӯҳӣ ва ҳам фардӣ ба хидматрасонии сайёҳӣ машғул буда, ҳадафи асосии фаъолияти он ба даст овардани фоида мебошад.

Дар назарияи ҳуқуқ оид ба мафҳуми ширакти сайёҳӣ андешаҳои гуногун ҷой доранд. Масалан ба андешаи Д.Ш. Сангинзода, «ширкати сайёҳӣ ҳамчун субъекти фаъолияти соҳибкорӣ дорои хусусиятҳои махсусе мебошад, ки онро аз дигар намудҳои шахсони ҳуқуқӣ фарқ мекунад. Аз ҷумла, ширкати сайёҳӣ дар асоси шартномаҳои хизматрасонии пулакӣ бо сайёҳон муносибатҳои ҳуқуқӣ барқарор намуда, барои сифат ва бехатарии хизматрасониҳои пешниҳоднамудааш ҷавобгар мебошад» [87, с. 45]. Ин нукта нишон медиҳад, ки ширкати сайёҳӣ на фақат субъекти муносибатҳои

соҳибкорӣ, балки ҳамчун иҷрокунандаи хизматрасониҳо дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ низ мақоми муайяне дорад.

С.Х. Раҳимов дар таносуб ба мафҳуми ширкати сайёҳӣ мафҳуми маҳудтарро истифода менамояд: «Корхонаҳои тиҷорати сайёҳӣ – ин шахсони ҳуқуқӣ мебошанд, ки бо мақсади ба даст овардани фоида ба ташкил ва пешниҳоди маҳсулоти сайёҳӣ, инчунин ба расонидани хизматрасониҳои гуногуни сайёҳӣ (нақлиётӣ, меҳмонхонагӣ, экскурсионӣ, санаторӣ-курортӣ ва ғайра) ба сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ машғул мебошанд. Хусусиятҳои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ чунин мебошанд: 1. Маҳсулият ва гуногунии фаъолият – дар фаъолияти корхонаҳои тиҷорати сайёҳӣ намудҳои гуногуни хизматрасониҳо (нақлиёт, меҳмонхона, экскурсия, суғурта ва ғайра) мавҷуданд, ки ҳар кадоми онҳо тартиби махсуси баҳисобгириро талаб мекунад. 2. Мавҷудияти хароҷоти гуногунҷанба – хароҷоти корхонаҳои тиҷорати сайёҳӣ аз хароҷоти марбут ба ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ, хароҷоти фурӯш, хароҷоти маъмурӣ ва ғайра иборат буда, баҳисобгирии онҳо нозукиҳои махсус дорад. 3. Зарурати ҳисобгирии алоҳидаи ҳар як роҳхат ё гурӯҳи сайёҳӣ – дар корхонаҳои тиҷорати сайёҳӣ баҳисобгирии хароҷот ва даромад одатан барои ҳар як тур ё гурӯҳи сайёҳӣ алоҳида сурат мегирад. 4. Истифодаи усулҳои махсуси баҳисобгирии арзиши хизматрасониҳо – дар корхонаҳои тиҷорати сайёҳӣ барои муайян намудани арзиши аслии хизматрасониҳои сайёҳӣ усулҳои махсуси ҳисоббаробаркунӣ истифода мешаванд» [134, с.155].

Мафҳуми мазкур ва хусусиятҳои ба он хос нишон медиҳанд, ки корхонаҳои тиҷоратӣ дар соҳаи туризм на танҳо ба ҳайси субъектҳои асосии фаъолияти соҳибкорӣ дар ин бахш баромад мекунанд, балки соҳиби хусусиятҳои махсуси ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ низ мебошанд, ки ин хусусиятҳо аз маҳсулият ва гуногунпаҳлуии кори онҳо сарчашма мегиранд. Аммо ба ақидаи мо, чунин мафҳум муқаррароти

Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистонро пурра риоя намекунад, зеро тибқи моддаи 121 ҳамин Кодекс, корхонаи воҳиди давлатӣ ташкилоти тиҷоратиест, ки нисбати молу мулки аз ҷониби соҳибмулк ба он вогузоршуда, ҳуқуқи моликият надорад. Корхонаҳои воҳиди давлатӣ метавонанд дар ду шакл вуҷуд дошта бошанд: ҳамчун корхонаи воҳид бо ҳуқуқи хоҷагӣ (тасарруфи иқтисодӣ) ва ҳамчун корхонаи махсус (казёнӣ) бо ҳуқуқи идораи оперативӣ. Аммо дар баробари ин, ширкатҳо ва ҷамъиятҳои гуногун низ ба гурӯҳи ташкилотҳои тиҷоратӣ дохил мешаванд.

К.Д. Собирова ва Р.А. Шарифзода дар бораи ташкилотҳои тиҷоратии байналмилалии соҳаи сайёҳӣ чунин мафҳум пешниҳод мекунанд: ин гуна ташкилотҳои тиҷоратӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ дар бахши сайёҳӣ – онҳо шахсони ҳуқуқӣ мебошанд (ки бештар ҷамъиятҳои саҳомӣ, ширкатҳои фаромиллӣ, холдингҳо ва иттиҳодияҳои байналмилалӣ мебошанд), ки фаъолияташон аз марзҳои давлатӣ берун рафта, бо ҳадафи ба даст овардани даромад ба корҳои ташкилӣ, амалӣ намудани барномаҳои сайёҳӣ дар сарзаминҳои гуногун, ҷалби сармояҳои хориҷӣ ба соҳаи сайёҳӣ, инчунин ба рушди зерсохтори сайёҳӣ ва таъмини ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин бахш машғул мешаванд. Аз дидгоҳи ҷалби сармояҳои байналмилалӣ, ин гуна ташкилотҳои тиҷоратии байналмилалии сайёҳӣ дорои хусусиятҳои зер мебошанд:

1. Фаъолияти фаромиллӣ – ин ташкилотҳо дар як вақт дар чанд давлат фаъолият ба роҳ монда, аз таҷрибаҳои ҷаҳонӣ, технологияҳои пешрафта ва равишҳои нави идоракунӣ истифода мебаранд.

2. Ҷалби сармояҳои бузурги хориҷӣ – ташкилотҳои тиҷоратии байналмилалӣ дар соҳаи туризм бо мақсади бунёди меҳмонхонаҳо, маҷмааҳои фароғатӣ, шабакаҳои нақлиётӣ ва дигар иншооти сайёҳӣ сармояҳои назаррас ҷалб мекунанд.

3. Ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ – ин ташкилотҳо бо созмонҳои байналмилалӣ, ба мисли Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ (UNWTO), Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Осиёии Рушд (БОР) ва дигар ниҳодҳои молиявӣ робитаҳои зич доранд.

4. Стандартҳои байналмилалии сифат – ташкилотҳои тиҷоратии байналмилалӣ дар соҳаи туризм ҳангоми кор ба стандартҳои байналмилалии сифат ва бехатарӣ (ISO, OHSAS ва ғайра) пурра риоя карда, барои ҷалби сайёҳони хориҷӣ шароити мусоид фароҳам меоранд.

5. Рушди минтақавӣ – ташкилотҳои тиҷоратии байналмилалӣ дар соҳаи туризм ба рушди он минтақаҳое, ки дорои захираҳои ғании сайёҳӣ мебошанд, вале ба сабаби набудани маблағ ва инфрасохтор ин захираҳо бекор мондаанд, аҳаммияти хосса медиҳанд [212, с.58].

Мо андеша дорем, ки ин мафҳум бо назардошти шакли сайёҳӣ, яъне дохилӣ ва байналмилалӣ пешниҳод шудааст. Бинобар ин ташкилотҳои тиҷорати байналмилалии сайёҳӣ на танҳо субъектҳои асосии ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба соҳаи сайёҳӣ мебошанд, балки дар рушди устувори инфрасохтори сайёҳӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо, ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалӣ ва таъмини ҳамкории байналмилалӣ дар ин соҳа нақши калидӣ мебозанд.

Дар заминаи таҳлили ба сомон расонида гуфтан мункин аст, ки дар забони ҳуқуқшиносии ватанӣ, интихоби дурусти истилоҳ барои ифодаи субъектҳои фаъолияткунанда дар соҳаи сайёҳӣ аҳаммияти калон дорад. Аз нигоҳи ҳуқуқӣ, ҳарду истилоҳ – «ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ» ва «ширкати сайёҳӣ» – мавриди истифода қарор мегиранд, аммо ҳар кадоми онҳо мазмуни ҳуқуқии мушаххас доранд.

«Ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ» мафҳуми васеътар буда, тамоми шахсони ҳуқуқии тиҷоратиро дар бар мегирад, ки ба хизматрасонии сайёҳӣ машғул мебошанд. Ин истилоҳ ба ҳама гуна шаклҳои ташкилию

ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд, ҷамъиятҳои саҳомӣ, кооперативҳои тиҷоратӣ ва корхонаҳои воҳиди давлатӣ дахл дорад.

«Ширкати сайёҳӣ» мафҳуми маҳдудтар буда, одатан ба ҷамъиятҳои хоҷагии тиҷоратӣ (ҶДММ ва ҷамъиятҳои саҳомӣ) ишора мекунад, ки дар соҳаи сайёҳӣ фаъолият менамоянд.

Аз нигоҳи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифодаи дурусти ҳуқуқии ин мафҳумҳо ба таври зерин муайян карда мешавад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» ибораи «субъектҳои хидматрасонии сайёҳӣ»-ро истифода мекунад, ки ин ибора ҳам шахсони ҳуқуқӣ ва ҳам соҳибкорони инфиродиро дар худ ҷой медиҳад. Дар ҳамин замина, «ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ» ҳамчун як навъи субъекти хидматрасонии сайёҳӣ, яъне шахси ҳуқуқии тиҷоратӣ, ки ба хидматрасонии сайёҳӣ машғул аст, мушаххас карда мешавад. «Ширкати сайёҳӣ» дар қонунгузорӣ ҳамчун истилоҳи алоҳида истифода нашудааст, вале дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ ва амалияи соҳибкорӣ он ҳамчун ҳаммаънои «ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ» дар шакли ҷамъиятҳои хоҷагӣ (ҶДММ ва ҷамъиятҳои саҳомӣ) ба кор бурда мешавад.

Аз нигоҳи ҳуқуқи маданӣ, «ташкилоти тиҷоратӣ» мафҳуми асосӣ мебошад, зеро Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз истилоҳи «ташкилотҳои тиҷоратиро» истифода мекунад. Дар ин маврид, «ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ» ҳамчун намуди ташкилоти тиҷоратӣ, ки мавзуи фаъолияти он расонидани хизматрасониҳои сайёҳӣ мебошад, муайян карда мешавад. «Ширкати сайёҳӣ» мафҳуми маҳдудтар буда, он одатан ба шаклҳои ташкилию ҳуқуқие дахл дорад, ки номи «ширкат»-ро доранд (ширкати комил, ширкати ба боварӣ асосёфта). Аммо дар амалия, ин истилоҳ аксар вақт нисбат ба ҳама гуна ҷамъиятҳои хоҷагӣ, ки дар соҳаи сайёҳӣ фаъолият мекунанд, истифода бурда мешавад.

Хулоса, аз нигоҳи ҳуқуқӣ дурусттарин ва васеътарин мафҳум «ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ» мебошад, зеро:

1. Он ба қонунгузории маданӣ ва соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад;

2. Тамоми шаклҳои ташкилию ҳуқуқии шахсони ҳуқуқии тиҷоратиро дар соҳаи сайёҳӣ фаро мегирад;

3. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» мафҳуми «субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ» ҳамчун мафҳуми асосӣ истифода шуда, «ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ» ҳамчун намуди он муайян карда мешавад.

«Ширкати сайёҳӣ» ҳамчун мафҳуми маҳдудтар метавонад дар мавридҳое истифода шавад, ки сухан дар бораи шаклҳои мушаххаси ташкилию ҳуқуқӣ, бавижа ҷамъиятҳои хоҷагӣ (ҶДММ ва ҷамъиятҳои саҳомӣ) меравад. Аммо дар маҷмуъ, барои ифодаи ҳамаи шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ дар соҳаи сайёҳӣ, истилоҳи «ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ» аз ҷиҳати ҳуқуқӣ дурусттар ва мувофиқтар мебошад.

Ширкатҳои сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъектони муҳимми муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ ва соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасониҳои сайёҳӣ фаъолият мекунанд. Онҳо нақши калидӣ дар ташкили сафарҳо, ҷалби сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ, инчунин рушди иқтисоди миллӣ ва фарҳангии кишвар доранд. Тибқи маълумоти Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати ҶТ, дар соли 2023 шумораи сайёҳони хориҷӣ ба 1,2 миллион нафар расид, ки нисбат ба соли 2020 (тақрибан 400 ҳазор) афзоиши назаррасро нишон медиҳад [274]. Саҳми соҳаи сайёҳӣ дар Маҷмуи Маҳсулоти Дохилӣ (ММД) дар ҳамин сол 3,5%-ро ташкил дод ва ширкатҳои сайёҳӣ қисми зиёди ин даромадро таъмин намуданд. Ин ширкатҳо на танҳо ба иқтисод мусоидат мекунанд, балки ҷойҳои корӣ эҷод карда, дар минтақаҳои дурдаст, ба монанди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва водии Зарафшон,

сатҳи зиндагии аҳолиро беҳтар мекунанд. Масалан, ширкати «Pamir Travel» дар соли 2023 зиёда аз 50 сафарро ба минтақаҳои кӯҳии Помир ташкил кард, ки дар натиҷа даҳҳо роҳбалад ва хизматрасони маҳаллӣ ба кор ҷалб шуданд. Аммо, бо вуҷуди ин саҳм, норавшании мақоми ҳуқуқии онҳо дар муносибатҳои маданӣ ва соҳибкорӣ мушкилоти зиёдеро ба миён меорад, ки таҳлили муфассал ва ислоҳоти қонунгузориро талаб мекунад [275].

Мақоми ҳуқуқии ширкатҳои сайёҳӣ дар Тоҷикистон таърихи чандмарҳила дорад, ки аз давраи Шӯравӣ оғоз меёбад. Дар он замон фаъолияти сайёҳӣ комилан таҳти идораи давлат қарор дошт, ва созмонҳое, ба монанди «Инсайёҳ», масъули ташкили сафарҳо буданд. Баъди истиқлолияти Тоҷикистон дар соли 1991 ва гузариш ба иқтисоди бозорӣ, зарурати пайдоиши ширкатҳои хусусӣ ва танзими ҳуқуқии онҳо ба миён омад. Дар солҳои аввали истиқлолият, қонунгузорӣ дар ин самт маҳдуд буд ва асосан ба Кодекси мадании соли 1964 (дар таҳрири нав) ва қонунҳои умумии соҳибкорӣ такя мекард.

Қадами ҷиддӣ дар ташаккули мақоми ҳуқуқии ширкатҳои сайёҳӣ бо қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи сайёҳӣ» дар соли 2020 ( №1718) гузошта шуд [9]. Ин санад барои аввалин бор фаъолияти сайёҳиро ҳамчун намуди соҳибкорӣ эътироф карда, ширкатҳоро ба танзимгарон ва агентиҳо ҷудо намуд. Баъдан, тағйироти соли 2024 баъзе ҷанбаҳои танзимро такмил дод, аз ҷумла талабот ба риояи стандартҳои экологӣ ва фарҳангӣ. Аммо, ин пешрафтҳо ҳанӯз ҳам барои ҳалли пурраи мушкилот кофӣ нестанд, зеро норасоиҳо дар муайян кардани масъулият ва ӯҳдадориҳо боқӣ мемонанд.

Мақоми ҳуқуқии ширкатҳои сайёҳӣ дар Тоҷикистон дар асоси якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян мешавад:

– Кодекси мадании ҶТ (аз 24 декабри 2022, №1918). Тибқи моддаи 48, ширкатҳои сайёҳӣ ҳамчун шахсони ҳуқуқӣ эътироф шуда, дорои

қобилияти ҳуқуқӣ (имкони доштани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо) ва қобилияти амалӣ (имкони татбиқи онҳо тавассути амалҳо) мебошанд [10]. Ин мақом ба онҳо имкон медиҳад, ки шартномаҳо банданд, хизматрасониҳо пешниҳод кунанд ва дар муносибатҳои иқтисодӣ иштирок намоянд.

– Қонуни ҶТ «Дар бораи сайёҳӣ» (аз 7 августи 2020, №1718). Ин санад ширкатҳоро ба ду гурӯҳ – операторони сайёҳӣ (таҳиякунандагони маҳсулоти сайёҳӣ) ва агентиҳои сайёҳӣ (расонандагони маҳсулот ба муштариён) тақсим мекунад [9].

– Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» (аз 26 июли 2014, №1107). Ин қонун фаъолияти ширкатҳои сайёҳиро ҳамчун соҳибкорӣ муайян карда, онро ҳамчун фаъолияти мустақил барои ба даст овардани фоида тавсиф мекунад [6].

– Тартиби додани шаҳодатномаҳои тахассусӣ ба роҳбарони гурӯҳҳои сайёҳии субъектҳои хоҷагидори соҳаи туризм аз 3 апрели соли 2009, №56 [41] ва ғайра.

Ин санадҳо заминаи ҳуқуқиро таъмин мекунанд, аммо норавшании фарқи байни мафҳуми танзимгар ва агентии сайёҳӣ мушкилот эҷод мекунад. Барои фаҳмидани камбудиҳо ва имкониятҳои қонунгузории Тоҷикистон, муқоиса бо кишварҳои ҳамсоя муфид аст:

– Дар Федератсияи Русия тибқи Қонуни федералӣ «Дар бораи асосҳои фаъолияти сайёҳӣ» (1996), операторони сайёҳӣ вазифадоранд, ки суғуртаи молиявии масъулият дошта бошанд, ки ҳадди ақалли он 500,000 рубл аст [273]. Ин талабот дар ҳолати бекор шудани сафарҳо ё муфлисшавии ширкатҳо муштариёнро ҳимоя мекунад, ки дар Тоҷикистон пешбинӣ нашудааст.

– Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи фаъолияти сайёҳӣ» (2001) дар Қазоқистон литсензияи махсусро барои ширкатҳои сайёҳӣ ҳатмӣ мекунад, ки аз Вазорати фарҳанг ва варзиш дарёфт мешавад [255].

Ин низом сифати хизматрасониҳоро таъмин мекунад ва аз фаъолияти ширкатҳои бесалоҳият ҷилавгирӣ менамояд.

Ин муқоиса нишон медиҳад, ки қонунгузории Тоҷикистон дар муқоиса бо кишварҳои ҳамсоя дар марҳилаи рушд қарор дорад ва ба такмили ҷиддӣ ниёз дорад, махсусан дар самти муайян кардани масъулият ва ҳимояи муштариён.

Инчунин, набудани талабот ба суғуртаи масъулият дар қонунгузорӣ мушкилотро шадидтар мекунад. Дар соли 2023 дар Душанбе як ширкати сайёҳӣ пас аз бекор шудани сафар ба кӯҳҳои Фон маблағи пешпардохти муштариёнро (15,000 сомонӣ) барнагардонд ва муштариён аз сабаби набудани кафолати молиявӣ зарар диданд [262].

Ҳамчун субъекти соҳибкорӣ, ширкатҳои сайёҳӣ тибқи Қонун «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» фаъолият мекунанд [6]. Онҳо вазифадоранд, ки дар Феҳристи давлатӣ сабт шаванд ва ба талаботи андозбандӣ ва стандартҳо ҷавобгӯ бошанд. Аммо, набудани литсензияи махсус ва заъфи назорат боиси пайдоиши ширкатҳои бесалоҳият мегардад. Масалан, дар соли 2023 дар вилояти Суғд як ширкати сабтшуда, ки воқеан фаъолият надошт, бо муштариён шартнома баст ва пас аз гирифтани пешпардохт ғайб зад [277].

Тибқи фармоиши раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2025, №15 «Дар бораи тасдиқ намудани шакли ҳисобот оид ба ситонидани хироҷи сайёҳӣ» шакли ҳисобот оид ба ситонидани хироҷи сайёҳӣ тасдиқ карда шудааст [44].

Инчунин мо ҷонибдори Д.Ш. Сангинзода мебошем, ки ташкилоти тиҷоратии сайёҳиро бо танзимгари сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ тасниф менамояд ва таъкид мекунад, ки танзимгари сайёҳӣ (туроператор) ва агентии сайёҳиро (турагент) зарур аст, ки бо истифода аз нишонаҳои зерин аз ҳамдигар ҷудо кунем:

Аввалан, аз рӯйи тарзи ба даст овардани даромад. Туроператор маҷмуи хидматҳои сайёҳиро таркиб дода, фоидаи ӯ аз тафовути миёни нархи тайёркунӣ ва нархи ниҳоии пешниҳод ба вуҷуд меояд. Дар аксари мавридҳо, туроператор хидматҳои алоҳидаро омода карда, аз онҳо бо ёрии механизми мустақили нархгузорӣ як бастаи пурраи сайёҳиро ташаккул медиҳад. Аммо турагент ҳамчун фурӯшандаи чакана (хурд) амал намуда, фоидаи худро аз комиссияи фурӯши хидматҳои сайёҳӣ (бастаи сафар) аз ҷониби дигар ба даст меорад. Турагент хидматҳои сайёҳиро (аз ҷумла хидматҳои ҷудогона, монанди чиптаҳои ҳавопаймоӣ ё ҷойҳои меҳмонхона) бо нархҳои воқеие, ки туроператор ё истеҳсолкунандагон муайян кардаанд, ба фурӯш мегузорад.

Дуюм, аз рӯйи моликияти хидматҳои сайёҳӣ. Туроператор ҳамеша дорои захираи муайяни хидматҳои сайёҳӣ барои фурӯш мебошад, дар ҳоле ки турагент хидматрасонии заруриро танҳо пас аз он ки харидор (муштарӣ) таваҷҷуҳи худро зоҳир кунад, дархост менамояд [158, с.90].

Дар адабиёти илмӣ ақидаҳои монанд низ мавҷуд аст. Масалан Е.В Ахтямова иброз намудааст, ки «комплектатсияи маҳсулоти сайёҳӣ (ташаккули маҷмуи хизматҳо бо номи «тур (роҳхат)» ба зиммаи танзимгари сайёҳӣ меафтад. Танзимгари сайёҳӣ (дар баъзе кишварҳо ӯро турорганизатор меноманд) маҳсулоти сайёҳии гуногунро аз хизматҳои ҷузъӣ дар мувофиқа бо ниёзҳо ва хоҳишҳои мизоҷон ташаккул медиҳад. Танзимгари сайёҳӣ маҳсулоти сайёҳиро ба мизоҷ дар шакли маҷмуъҳо (турҳои инклюзивӣ) ё дар шакли маҷмуи озоди хизматҳо (турҳои фармоишӣ – фурӯши хизматҳо) амалӣ мекунад ва инчунин фурӯши молро барои комиссионӣ ташкил мекунад. Аз ин рӯ, танзимгари сайёҳӣ ин ташкилот ё шахси воқеӣ аст, ки ба комплектатсияи турҳо ва ташаккули маҷмуи хизматҳо барои сайёҳон машғул мебошад» [224, с.68].

Е.А. Батишев, андеша дорад, ки «танзимгари сайёҳӣ роҳхатҳои сайёҳиро таҳия мекунад, онҳоро бо хизматҳо тавассути ҳамкорӣ бо таъминкунандагони хизматҳо пур мекунад, фаъолияти турҳоро таъмин менамояд, хизматҳо пешниҳод мекунад, нашрияҳои рекламиву иттилоотиро оид ба турҳои худ омода месозад, нархҳои турҳоро ҳисоб мекунад ва турҳоро ба турагентҳо барои фурӯши минбаъда ба сайёҳон мегузорад. Агентии сайёҳӣ бошад, ташкилот ё шахси воқеӣ–миёнарав аст, ки ба фурӯши турҳои ташаккулёфтаи танзимгари сайёҳӣ машғул мебошад. Агентии сайёҳӣ турҳоро аз танзимгари сайёҳ харида, онҳоро ба истеъмолкунанда мефурӯшад. Агентии сайёҳӣ ба тури харидашуда хизмати интиқоли сайёҳонро аз ҷойи зисти онҳо то нуқтаи аввали ҷойгиршавӣ дар роҳхат, аз нуқтаи охирини ҷойгиршавӣ ва бозгашт илова мекунад» [225, с.68].

Ба андешаи мо нақши асосии бозории ин ташкилотҳо пайваст кардани таъминкунандагони хизматҳо бо мизоҷон-сайёҳон мебошад, ки аксар вақт ҳам аз ҷиҳати вақт ва ҳам аз ҷиҳати ҷуғрофӣ аз ҳам дур ҳастанд. Ин намуди махсуси тиҷорати сайёҳист. Дар ин ҷо интихоби дурусти таъминкунандагони хизматҳо, ки бар асоси донишҳои касбӣ оид ба бозори сайёҳӣ, тиҷорат, хусусиятҳо ва механизмҳои рушд ва идоракунии он асос ёфтааст, аҳаммияти калон дорад.

Н.А. Ган функсияҳои асосии танзимзгари сайёҳӣ ва агентии сайёҳиро комплектатсионӣ, сервисӣ ва кафолатӣ маънидод менамояд: «Функсияи комплектатсионӣ – ин комплектатсияи тур аз хизматҳои ҷудогона (барои танзимгари ретсептивӣ), комплектатсияи турҳои комбинатсионӣ аз турҳои ретсептивӣ (барои танзимгари инитсиативӣ) ва комплектатсияи пакетҳои турҳо бо хизматҳои нақлиётӣ ва баъзе намудҳои дигар (барои агент) мебошад. Функсияи сервисӣ – ин хизматрасонии сайёҳон дар роҳхатҳо ва хизматрасонии сайёҳон дар офис ҳангоми фурӯши пакетҳои турҳо мебошад. Функсияи кафолатӣ –

ин додани кафолатҳо ба сайёҳон оид ба хизматҳои сайёҳии пешпардохтшуда дар ҳаҷм ва сатҳи муайяншуда мебошад» [227, с.86].

Мувофиқи қонунгузории байналмилалӣ ва қонунгузории Тоҷикистон, барои хизматрасонӣ ба сайёҳ масъулияти пурраро он субъекте ба уҳда дорад, ки бастаи хизматҳоро ташаккул дода ва ба ӯ фурӯхтааст, новобаста аз он ки худи ӯ ин хизматҳоро пешниҳод мекунад ё шахси сеюм (таъминкунандаи хизматҳо). Аз ин рӯ, одатан танзимгари сайёҳӣ ширкати калонтар аз агентии сайёҳӣ буда, дорои офиси марказӣ ва якчанд филиалҳо – шабакаи агентӣ мебошад. Бисёр танзимгарони сайёҳӣ шабакаҳои агентӣ дар тамоми ҷаҳон доранд. Ҳамзамон, новобаста аз мавҷудияти шабакаи агентии худ, танзимгар бо агентиҳои мустақил шартномаҳои агентӣ мебандад, то роҳхатҳои худро фурӯшанд. Ҳар қадар танзимгарон шарикони бештар – агентҳо дошта бошад ва онҳо дар шумораи бештари кишварҳо ва минтақаҳо ҷойгир бошанд, ҳаҷми фурӯш ҳамон қадар васеътар ва мувофиқан шумораи сайёҳон бештар, фоида баландтар ва корҳо бомуваффақияттар мешавад.

Танзимгарони сайёҳӣ ва агентиҳои сайёҳӣ ба андешаи Иво Мравичич «метавонанд шаклҳои гуногуни моликият дошта бошанд. Онҳо метавонанд хусусӣ ё давлатӣ бошанд – мазмуни фаъолияти соҳибкорӣ ва вазифаҳои бозории онҳо аз ин тағйир намеёбанд. Вазифаи асосии бозории ҳам танзимгар ва ҳам агентии сайёҳӣ ба даст овардани ҷойгоҳи устувор дар бозори сайёҳӣ ва гирифтани фоидаи устувор мебошад. Зарур аст, ки сатҳи худро, сегменти истеъмолкунандагони худро дар асоси дифференсиатсияи бозори сайёҳӣ пайдо кунанд» [233, с.184].

Тавре ки Ю.В. Никонорова: қайд мекунад, «Танзимгарони сайёҳӣ намуди хеле маъмули тиҷорат дар соҳаи сайёҳӣ мебошанд. Рақобат ширкатҳои сайёҳиро водор месозад, ки нақшаи худро дар тиҷорати сайёҳӣ тавассути мутобиқ шудан ба талаботи воқеӣ бо назардошти

фарқиятҳои байни гурӯҳҳои алоҳидаи истеъмолкунандагон пайдо кунанд. Қисми зиёди ширкатҳо ҳамчун агентиҳои сайёҳии чакана амал мекунанд ва мустақиман бо мизоҷон кор мебаранд» [234, с.110].

Т.Э. Погудина вазифаҳои асосии танзимгари сайёҳиро чунин баён намудааст: «пурра ва васеъ равшан кардани имкониятҳои истироҳат ва сафарҳо оид ба ҳамаи роҳхатҳои мавҷуда, курортҳо, марказҳои сайёҳӣ ва ғайра; пешбурди ин маълумот тавассути реклама, ташкили фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ мувофиқи усулҳои муосири савдо; истифодаи хусусиятҳо ва вижагиҳои бозори сайёҳӣ» [234, с.69].

Дар моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» чунин зикр шудааст, ки туроператорон (танзимгарони сайёҳӣ) барои тайёр кардани бастаҳои сайёҳӣ, паҳн намудани онҳо ва ба фурӯш гузоштани ин бастаҳо ё барои анҷом додани хидматрасонии сайёҳӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунанд. Турагентҳо (агентҳои сайёҳӣ) низ бо ҳадафи фурӯши маҳсулот ва паҳн намудани бастаҳои сайёҳӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолият машғул мешаванд. Ҳам туроператорон ва ҳам турагентҳо хидматҳои сайёҳиро ба мусофирон дар асоси шартномае, ки баста шудааст, пешниҳод менамоянд [9].

Дар Қонуни Федератсияи Русия «Дар бораи асосҳои фаъолияти сайёҳии Русия» фаъолияти туроператорӣ чунин тавриф шудааст: ин он намуди фаъолият аст, ки ташаккул додан, таблиғ ва амалӣ намудани маҳсулоти сайёҳиро дар бар мегирад ва аз ҷониби як шахси ҳуқуқӣ (минбаъд – туроператор) анҷом дода мешавад. Фаъолияти турагентӣ – фаъолият оид ба таблиғ ва амалӣ намудани маҳсулоти сайёҳӣ мебошад, ки аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ ба амал бароварда мешавад; маълумот дар бораи чунин шахсони ҳуқуқӣ ё соҳибкорони инфиродӣ мувофиқи тартиби пешбининамудаи ҳамин Қонуни федералӣ ба реестри ягонаи федералии турагентҳо ва субагентҳо ворид карда

мешавад (минбаъд – турагент). Ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ – кори туроператор оид ба бастани шартномаҳо бо шахсони сеюм ва иҷро намудани онҳо; ин шахсони сеюм хидматҳои алоҳидаеро пешниҳод мекунанд, ки ба маҳсулоти сайёҳӣ дохил мешаванд (ба мисли ҷойҳои истиқомат (меҳмонхонаҳо), интиқолдиҳандагон, экскурсоводон (роҳнамоён) ва дигарон). Пешбурди (таблиғи) маҳсулоти сайёҳӣ – маҷмуи чорабиниҳоест, ки ба амалӣ намудани маҳсулоти сайёҳӣ нигаронида шудаанд, аз қабили таблиғ, иштирок дар намоишгоҳҳои махсус, ярмаркаҳо, ташкили марказҳои иттилоотии сайёҳӣ, нашри китобчаҳо, буклетҳо ва ғайра. Амалӣ намудани маҳсулоти сайёҳӣ – фаъолияти туроператор ё турагент оид ба бастани шартномаи марбут ба амалӣ намудани маҳсулоти сайёҳӣ бо сайёҳ ё фармоишгари дигари ин маҳсулот, инчунин кори туроператор ва (ё) шахсони сеюм оид ба расонидани хидматҳо ба сайёҳ мувофиқи ҳамон шартнома. Маҳсулоти сайёҳӣ – маҷмуи хидматҳоест, ки бо нархи ягона (умумӣ) тибқи шартнома оид ба амалӣ намудани маҳсулоти сайёҳӣ ба сайёҳ пешниҳод карда мешаванд ва мувофиқи талаботу хусусиятҳои дар ҳамин Қонуни федералӣ муқарраршуда ташаккул ёфтааст.

Бо мақсади ҳифзи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ амалӣ намудани фаъолияти туроператорӣ дар қаламрави Федератсияи Русия ба шахси ҳуқуқӣ фақат дар ҳолати мавҷуд будани шартнома ё шартномаҳои суғуртаи масъулияти шаҳрвандӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳо аз рӯйи шартнома оид ба амалӣ намудани маҳсулоти сайёҳӣ ва (ё) кафолати бонкӣ ё кафолатҳои бонкӣ оид ба иҷрои уҳдадориҳо аз рӯйи шартнома оид ба амалӣ намудани маҳсулоти сайёҳӣ (минбаъд инчунин – таъмини молиявии масъулияти туроператор), агар ин моддаи мазкур тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошад ва ҳангоми мувофиқат кардани шахсоне, ки вазифаҳои роҳбари туроператор, муовини ӯ, сармуҳосиб, инчунин дигар мансабдори туроператор, ки ба зиммаи ӯ ҳисобдорӣ гузошта

шудааст (минбаъд – мансабдори туроператор), ба талаботҳои муқаррарнамудаи қисми сеюми ҳамин модда иҷозат дода мешавад. Туроператороне, ки фаъолиятро дар соҳаи сайёҳии хориҷӣ амалӣ мекунанд, инчунин бояд аъзои иттиҳодияи туроператорон дар соҳаи сайёҳии хориҷӣ бошанд, ки тибқи ҳамин Қонуни федералӣ фаъолият мекунад, ва фонди масъулияти шахсии туроператорро мувофиқи ҳамин Қонуни федералӣ дошта бошанд. Ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти туроператорӣ аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ бо сабти маълумот дар реестри ягонаи федералии туроператорон тасдиқ карда мешавад. Талаботҳое, ки мувофиқи ҳамин Қонуни федералӣ ба амалӣ намудани фаъолияти туроператорӣ пешниҳод карда мешаванд, инчунин нисбат ба шахсони ҳуқуқие, татбиқ мешаванд ки дар қаламрави Федератсияи Русия маҳсулоти сайёҳиро, ки аз ҷониби туроператори хориҷӣ ташаккул дода шудааст, амалӣ мекунанд. Амалӣ намудани фаъолияти туроператорӣ аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ, манъ аст ки маълумот дар бораи ӯ дар реестри ягонаи федералии туроператорон вуҷуд надорад, инчунин амалӣ намудани фаъолияти туроператорӣ дар соҳаи муайяни сайёҳӣ (сайёҳии воридотӣ, сайёҳии хориҷӣ, сайёҳии дохилӣ), ки маълумот дар бораи он нисбат ба чунин туроператор дар реестри ягонаи федералии туроператорон вуҷуд надорад [273].

Дар асоси муқаррароти Кодекси сайёҳии Фаронса ташкилкунанда ин туроператор аст. Яъне шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ, ки бастаи сайёҳиро таҳия (ташаккул) медиҳад ва онро мустақиман ё тавассути миёнаравҳо мефурӯшад. Ин ташкилот хизматҳои гуногунро (нақлиёт, ҷойгиршавӣ, экскурсияҳо ва ғ.) муттаҳид карда, бастаи ягона бо нархи умумӣ пешниҳод мекунад. Детаилёр ин турагент аст. Яъне субъекте, ки ғайр аз ташкилотчӣ, бастаи сайёҳиро, ки аз ҷониби туроператор ташаккул дода шудааст, мефурӯшад ё пешниҳод мекунад. Турагент одатан миёнарав аст ва масъулияти пурраи ташаккулро ба уҳда намегирад [262].

Дар асоси таҳлили анҷомдода, барои бартараф кардани нуқсонҳои мавҷуда ва такмили мақоми ҳуқуқии ширкатҳои сайёҳӣ, чанд тавсияи мушаххас пешниҳод мешавад:

– Ба монанди Туркия [259] ва Қазоқистон [255], иҷозатномаи махсус бо арзиши 20000 сомонӣ барои агентии сайёҳӣ ва 50000 сомонӣ барои танзимгари сайёҳӣ муқаррар шавад, то сифати хизматрасониҳо баланд бардошта шавад.

– Ҳар як ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ суғуртаи масъулият бо ҳадди ақалли 100000 сомонӣ дошта бошад, то дар ҳолати мушкилот зарари муштариён ҷуброн гардад.

– Фонди муштарак аз ҳисоби саҳми солонаи ширкатҳо (100000 сомонӣ) ташкил шавад, ки дар ҳолати муфлисшавӣ ё баҳсҳо муштариёнро ҳимоя кунад.

– Портали электронии «e-Tourism» барои сабти ном дар Феҳрист роҳандозӣ шуда, бочҳо аз 500 то 300 сомонӣ коҳиш ёбад.

– Кумитаи рушди сайёҳӣ бо кадрҳо ва технология муҷаҳҳаз гардад, ва ҷаримаҳо барои риоя накардани стандартҳо то 10000 сомонӣ баланд бардошта шаванд.

– Ассотсиатсияи мустақил барои назорати сифат, ҳалли баҳсҳо ва ҳимояи манфиатҳои ширкатҳо ташкил карда шавад.

Ширкатҳои сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъектони муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ ва соҳибкорӣ дорои мақоми дугона мебошанд, ки дар асоси қонунгузории мавҷуда муайян шудааст. Аммо, норасоиҳо дар муайян кардани масъулият, набудани суғурта, заъфи назорат ва ихтилофҳо дар танзим монеаҳои ҷиддӣ эҷод мекунанд. Таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, киислоҳоти ҳуқуқӣ метавонад ин мушкилотро ҳал карда, эътимод ва сифатро афзоиш диҳад.

## 1.3. Ҳуқуқ ва уҳдадории ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ

Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ яке аз масъалаҳои муҳимми танзими ҳуқуқии фаъолияти сайёҳӣ мебошад. Дар низоми муносибатҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ ҳамчун субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ маҷмуи ҳуқуқ ва уҳдадориҳоеро доранд, ки дар қонунгузории миллӣ муайян карда шудаанд. Мафҳуми ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ин гуна ташкилотҳо аз ҳуқуқи умумии шахсони ҳуқуқӣ барои соҳибкорӣ сарчашма гирифта, бо хусусияти фаъолияти сайёҳӣ муайян карда мешавад.

Ба андешаи Ш.М. Исмаилов, «Баланд шудани нақши соҳибкорӣ ва бахши хусусӣ дар рушди иқтисодии Тоҷикистон боиси ба бозор ворид шудан шумораи зиёди субъектҳои хоҷагидор (инфиродӣ ва коллективӣ) гардид, ки фаъолияти соҳибкориро ба роҳ монда, ба дарёфти фоида равона шудаанд. Аҳаммияти иҷтимоию иқтисодии ҳамаи субъектҳои соҳибкорӣ дар Тоҷикистон дар солҳои охир, бавижа дар робита ба сахт шудани шароит барои фаъолияти муҳоҷирони меҳнатӣ дар кишварҳои ҳамсоя, инчунин таъсири бuҳрони иқтисодии хориҷӣ ба иқтисоди кишвар, хеле баланд шудааст. Тибқи арзёбиҳои Бонки Осиёии Рушд (БОР) ва Бонки Байналмилалии Пул (ББП) суръати афзоиши иқтисодии кишвар, ки қаблан дар як сол ба ҳисоби миёна 7%-ро ташкил медод, дар солҳои 2015-2016 бо сабаби коҳиши ёрии пулии муҳоҷирон метавонад то 4% паст шавад (ин мавзуъ бо нишондиҳандаҳои коҳиши суръати маҳсулоти дохилии умумӣ ва коҳиши ҳаҷми воридоти молҳо дар моҳҳои январ-феврали соли 2015 тасдиқ мегардад). Ин аз ҳукумати кишвар талаб мекунад, ки ислоҳоти сохторӣ ва дигар ислоҳотро, пеш аз ҳама ислоҳоте, ки ба дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ нигаронида шудаанд, аз ҷумла такмил додани ҳолати ҳуқуқии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ суръат бахшад» [47, с.71].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» дар моддаи 28 чунин иброз медорад, ки шаҳрвандони мамлакати Тоҷикистон, шахсони мансуб ба давлатҳои хориҷӣ ва афроди бешаҳрванд (онҳое, ки шаҳрвандӣ надоранд), бе ягон табъизи миллӣ, нажодӣ, ҷинсӣ, забонӣ, эътиқоди динӣ, нуқтаи назари сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, сатҳи таҳсилот ё молу мулк, дар сурате ки ба синни ҳаждаҳсолагӣ расида бошанд ва аз лиҳози ақлӣ солим (қобили амал) бошанд, ҳуқуқ доранд, ки ба кори хидматрасонии сайёҳӣ машғул гарданд. Мувофиқи ин модда, субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ ҳуқуқ доранд: «дар амалигардонии барномаҳои давлатӣ ва дигар чорабиниҳои марбут ба рушди сайёҳӣ иштирок кунанд; барои рушди соҳаи сайёҳӣ ба мақоми ваколатдори давлатӣ таклифҳо манзур намоянд; аз имтиёзҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода баранд; бо шахсони дигари воқеию ҳуқуқӣ ҳамкорӣ намоянд ва агентии сайёҳӣ ташкил кунанд; бо ҷалби шаҳрвандони хоҳишманд ба сифати корманд, агенти сайёҳӣ ва волонтёр гурӯҳҳои сайёҳӣ ташкил намоянд; аз хизматрасонии субъектҳои дигари хизматрасонии сайёҳӣ, ҳамзамон, ширкатҳои сайёҳӣ истифода намоянд; намуди дигари фаъолиятро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, амалӣ намоянд» [9].

Д.Ш. Сангинзода ва О.А. Мавлоназарзода таъкид менамоянд, ки мазмуни ҳуқуқҳои асосии пешниҳодкунандагони хидматҳои сайёҳиро ба таври рӯйхатӣ метавон ба ду гурӯҳи калон ҷудо намуд: ҳуқуқҳои иштирок ва ташаббускорӣ – дар амалӣ намудани барномаҳои давлатии рушди сайёҳӣ саҳм гузоштан, ба мақоми ваколатдори давлатӣ таклифҳо пешниҳод намудан, аз имтиёзҳои қонунӣ баҳравар шудан ва бо дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла тавассути таъсиси агентҳои сайёҳӣ, ҳамкориҳоро ба роҳ мондан; ҳуқуқҳои амалиётӣ ва ташкилӣ – барои ташкили гурӯҳҳои сайёҳӣ шаҳрвандонро ҳамчун корманд, агент ё волонтёр ҷалб намудан, аз хидматҳои дигар субъектҳои соҳа истифода бурдан, ҳамчунин ба анҷом расонидани ҳар гуна намуди фаъолияте, ки

аз ҷониби қонунгузорӣ манъ нашудааст. Аз рӯйи ҳуқуқ, ин ҳуқуқҳо аҳаммияти назаррас доранд, зеро онҳо на танҳо озодии соҳибкориро дар бахши сайёҳӣ эътироф мекунанд, балки робитаҳои ҳамкориро байни бахши хусусӣ ва давлат низ таъмин менамоянд. Илова бар ин, ҳуқуқи «амалӣ намудани намуди дигари фаъолияте, ки қонунгузорӣ онро манъ накардааст» дар соҳаи сайёҳӣ принсипи «ҳар чизе, ки манъ нашудааст, иҷозат дода мешавад»-ро ҷорӣ мекунад, ки ин амр барои рушди бозори сайёҳии Тоҷикистон шароити мусоид фароҳам меорад. Бо вуҷуди ин, ин ҳуқуқҳо бештар хусусияти эълонӣ (декларативӣ) дошта, аз нигоҳи механизмҳои амалӣ (масалан, тартиби истифодаи имтиёзҳо, шаклҳои аниқи иштирок дар барномаҳои давлатӣ ва масъулияти ҳуқуқӣ) то андозае умумӣ ва номушаххас боқӣ мондааст, ки ин масъаларо барои такмили минбаъдаи қонунгузорӣ ҳаллуфаслнашуда мегузорад [72, с.56]. Ин ҳуқуқҳо дар маҷмуъ ба рушди соҳаи сайёҳӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ мусоидат намуда, ҳолати ҳуқуқии субъектҳои хизматрасонии сайёҳиро дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам менамояд.

В.А. Ойгензихт низ таъкид намуда буд, ки «дар шароити муносибатҳои бозорӣ ҳамаи асосҳо барои даст кашидан аз маҳдуд кардани интихоби алтернативии шарикон ва бинобар ин, аз иродаи озоди мутақобилаи субъектҳо оид ба бастани шартномаҳо, интихоби шартҳои онҳо, интихоби вариантҳои рафтор вуҷуд доранд. Ва дигар маҳдудият дар намуди робитаҳои муқарраргардида лозим нахоҳад буд ва дар оянда низ фармоиши давлатӣ хеле кам карда мешавад ё қабули озмунии он тасдиқ мегардад. Варианти дилхоҳро ҳавасманд кардан мумкин аст, вале танҳо ҳавасманд кардан, гарчанде ки танзим дар давраи аввал ҳатмист» [56, с.954].

Моддаи 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» дар амал принсипҳои назариявии В.А. Ойгензихтро дар бораи озодии ирода ва маҳдуд кардани дахолати давлатӣ дар муносибатҳои бозорӣ татбиқ

намудааст. Ин қоида аз як ҷониб озодии соҳибкориро ҳифз намуда, аз ҷониби дигар тавассути бахшидани ҳуқуқҳои фаровон ва иҷозат додан ба анҷоми ҳар гуна намуди фаъолияте, ки манъ нагардидааст, ба рушди табиӣ ва пурмаҳсули бозори сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ёрӣ мерасонад. Бо вуҷуди ин, барои пурра амалӣ шудани ғояҳои В.А. Ойгензихт зарур аст, ки давлат дар марҳилаи аввал на танҳо ҳавасмандкунӣ, балки механизмҳои самарабахши назорат ва ҳифзи ҳуқуқҳои сайёҳонро низ таъмин намояд. Аз ин рӯ, моддаи 28 Қонун ҳамчун заминаи ҳуқуқии озодии соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ хизмат карда, дар ҳолати такмили механизмҳои амалӣ метавонад ба рушди устувори бозори сайёҳии кишвар заминаи мустаҳкам гузорад.

Ба андешаи Н.А. Ган, «ҳуқуқҳои субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ на фақат дар соҳаи расонидани хизматрасониҳо, балки дар соҳаи иштирок дар рушди ин соҳа, ҳамкорӣ бо дигар субъектҳо ва истифодаи дастгирии давлатӣ низ зоҳир мешаванд» [227, с. 78].

Пешниҳодкунандагони хидматҳои сайёҳӣ уҳдадоранд, ки: тартиби бақайдгириро дар Феҳристи миллии субъектҳои хидматрасонии сайёҳӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро намоянд; ҳангоми вуруди сайёҳон ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, фиристодани онҳо ба хориҷи кишвар ё интиқоли онҳо ба минтақаҳои сайёҳӣ дар дохили мамлакат, мақоми ваколатдори давлатии соҳаи сайёҳиро расман хабардор кунанд ва ҳисоботи муқарраршударо мувофиқи шаклҳои пешбинигардида пешниҳод намоянд; хидматҳои сайёҳиро ба сайёҳон бо сифати баланд пешниҳод намоянд; ҳангоми сафар бехатарии сайёҳонро пурра таъмин кунанд; сайёҳонро аз зарурати анҷом додани суғуртаи сайёҳӣ (дар ҳолати беморӣ) ва суғуртаи ҳаёт огоҳ созанд ва дар ин хусус ба онҳо ёрии зарурӣ расонанд; ҳангоми сафар ҳифзи сарватҳои сайёҳиро таъмин намоянд; дар сурати иҷро накардани шартҳои созишнома, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар

баробари сайёҳон ҷавобгар бошанд; дигар уҳдадориҳоеро, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, низ ба ҷо оранд [9].

Ҳуқуқҳои асосии муассисаҳои тиҷоратӣ дар бахши туризмро метавон ба чанд гурӯҳ ҷудо намуд: ҳуқуқҳои умумии соҳибкорӣ, ҳуқуқҳои махсус, ки ба кори сайёҳӣ алоқаманданд, ва ҳуқуқҳои марбут ба дастгирии давлатӣ.

Ҳуқуқҳои умумии соҳибкорӣ ба муассисаҳои тиҷоратии сайёҳӣ ҳамчун субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ хос мебошанд. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» [6], соҳибкорон вазифадоранд, ки: барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ иҷозатнома (литсензия) гиранд; барномаи кории худро мустақилона муайян кунанд; шартномаҳо банданд; молу мулк ва дигар ашёи моликиятро хариду фурӯш кунанд; барои рушди кори тиҷорати худ сармоя ҷалб намоянд; аз дастгирии давлатӣ баҳраманд шаванд; ба додгоҳ муроҷиат кунанд.

Дар ин маврид, А.В. Золотухин дар таҳқиқоти худ оид ба ҳуқуқи соҳибкорӣ қайд менамояд, ки «ҳуқуқҳои умумии соҳибкорон асоси фаъолияти онҳоро ташкил медиҳанд ва барои амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ заруранд» [46, с. 156].

Ҳуқуқҳои махсуси марбут ба фаъолияти сайёҳӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9] ва дигар санадҳои соҳавӣ муайян карда шудаанд. Аз ҷумла, ташкилоти тиҷоратии бахши сайёҳӣ ҳуқуқ доранд, ки: барои ташкили саёҳатҳои сайёҳӣ роҳнамоии (роҳхати) сайёҳиро муайян намоянд; бо сайёҳон қарордодҳои хидматрасонии сайёҳӣ ба имзо расонанд; бо меҳмонхонаҳо, ширкатҳои нақлиётӣ ва дигар муассисаҳо шартномаҳои ҳамкорӣ банданд; барои кори худ таблиғот ва реклама анҷом диҳанд; дар намоишгоҳҳо, ярмаркаҳо ва дигар чорабиниҳои вобаста ба сайёҳӣ иштирок намоянд;

барои рушди фаъолияти худ грантҳо ва дигар намудҳои дастгирии давлатиро ҷалб созанд. И.М. Шарифов дар таҳқиқоти худ оид ба соҳибкории хурд қайд менамояд, ки «ҳуқуқҳои махсуси субъектҳои соҳибкорӣ имкон медиҳанд, ки онҳо фаъолияти худро дар доираи талаботи қонунгузорӣ амалӣ намуда, аз имкониятҳои пешбинишуда истифода баранд» [248, с. 98].

Ҳуқуқҳои марбут ба дастгирии давлатӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» дар Боби 6, ки «Ҳавасмандгардонӣ дар соҳаи сайёҳӣ» ном гузошта шудааст, ба таври возеҳ муайян карда шудаанд. Тибқи моддаи 30 ҳамин қонун, бо мақсади рушд бахшидан ба соҳаи сайёҳӣ ҳамчун бахши афзалиятнок, ҳавасмандгардонӣ дар шакли имтиёзҳо ва дигар намудҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда мешавад [9].

Дар ин маврид, Р.Б. Бозоров қайд менамояд, ки «дастгирии давлатии соҳибкорӣ, аз ҷумла дар соҳаи сармоягузорӣ, на фақат дар шакли имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ, балки дар шакли таъсиси инфрасохтори зарурӣ, омода намудани кадрҳои баландихтисос, таъмини бехатарӣ ва ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон ифода меёбад» [45, с. 112].

Уҳдадориҳои асосии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳиро низ метавон ба чанд гурӯҳ ҷудо кард: уҳдадориҳои умумии соҳибкорӣ, уҳдадориҳои махсуси марбут ба фаъолияти сайёҳӣ ва уҳдадориҳои марбут ба ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон. Уҳдадории умумие, ки ба соҳибкорӣ хоссанд, ба муассисаҳои тиҷоратии сайёҳӣ ҳамчун субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ тааллуқ доранд. Аз ҷумла, ин гуна муассисаҳои тиҷоратии сайёҳӣ уҳдадоранд, ки: бақайдгирии давлатиро тибқи тартиби қонунӣ анҷом диҳанд; андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмиро супориш кунанд; ҳисоботи пешбинигардидаро пешниҳод намоянд; қоидаҳои амният, бехатарии оташ ва гигиенаро риоя кунанд; ҳуқуқҳои меҳнатии кормандонро эҳтиром намоянд. Уҳдадории махсусе, ки

бевосита ба кори сайёҳӣ пайвастанд, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9] муқаррар карда шудаанд. Тибқи моддаи 28 ҳамин қонун, пешниҳодкунандагони хидматҳои сайёҳӣ вазифадоранд, ки: тартиби бақайдгириро дар Феҳристи миллии субъектҳои хидматрасонии сайёҳӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расонанд; ҳангоми вуруди сайёҳон ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, сафарбар намудани онҳо ба хориҷи мамлакат ё интиқоли онҳо ба манотиқи сайёҳӣ дар дохили кишвар, мақоми ваколатдори давлатии соҳаи сайёҳиро расман огоҳ созанд ва мувофиқи шаклҳои муқарраргардида ҳисобот пешниҳод намоянд; хидматҳои сайёҳиро бо сифати баланд ба сайёҳон расонанд; ҳангоми сафар амнияти сайёҳонро пурра таъмин кунанд; сайёҳонро аз зарурати анҷом додани суғуртаи сайёҳӣ (дар ҳолати беморӣ) ва суғуртаи ҳаёт огоҳ кунанд ва дар ин бобат ба онҳо кумак расонанд; ҳангоми сафар ҳифзи манбаъҳои сайёҳиро таъмин намоянд; дар сурати вайрон намудани шартҳои шартнома, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари сайёҳон ҷавобгар бошанд [9].

Ба андешаи П.З. Мирзозода, «уҳдадориҳои субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ оид ба таъмини сифат ва бехатарии хизматрасониҳо яке аз уҳдадориҳои муҳимтарин мебошад, зеро он ба ҳифзи ҳаёт ва саломатии сайёҳон равона карда шудааст» [124, с. 62].

Уҳдадориҳои марбут ба ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» [2] муайян карда шудаанд. Мувофиқи муқаррароти ин қонун, иҷрокунанда (яъне субъекти сайёҳӣ) ӯҳдадор мебошад, ки: хидматҳои пешбинишударо дар сатҳи сифат ва бехатарии мувофиқ бо талаботи ҳатмӣ ё шартҳои дар шартнома зикргардида расонад; дар бораи хидматҳои пешниҳодшаванда маълумоти лозимаро

ба фармоишгар пешниҳод кунад; дар ҳолати вайрон намудани шартҳои шартнома, зарари ба фармоишгар воридшударо пурра ҷуброн намояд.

Ю.В. Никонорова дар таҳқиқоти худ оид ба шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ қайд менамояд, ки «уҳдадориҳои туроператор дар назди сайёҳ дорои хусусияти мураккаб буда, аз уҳдадориҳои расонидани хизматрасониҳои муайян, уҳдадориҳои пешниҳоди маълумоти дуруст ва уҳдадориҳои таъмини бехатарӣ иборат мебошанд» [234, с. 98].

Туроператорон (танзимгарони сайёҳӣ) ҳамчун як навъи пешниҳодкунандагони хидматҳои сайёҳӣ дорои ҳуқуқ ва вазифаҳои махсуси худ мебошанд. Тибқи моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9], туроператорон бо ҳадафи омода кардани бастаҳои сайёҳӣ, паҳн намудани онҳо ва ба фурӯш гузоштани ин бастаҳо ё барои анҷом додани хидматрасонии сайёҳӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд. Ҳуқуқҳои танзимгарони сайёҳӣ аз ҳуқуқҳои умумии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ иборат буда, инчунин ҳуқуқҳои махсусеро дар бар мегиранд, ки ба фаъолияти танзимгари сайёҳӣ хос мебошанд. Аз ҷумла, танзимгарони сайёҳӣ ҳуқуқ доранд: маҳсулоти сайёҳиро ташаккул диҳанд; бастаҳои сайёҳиро омода, паҳн ва фурӯшанд; барои фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ агентҳои сайёҳиро ҷалб кунанд; бо меҳмонхонаҳо, ширкатҳои нақлиётӣ ва дигар ташкилотҳо шартномаҳои ҳамкорӣ банданд; барои фаъолияти худ реклама ва таблиғот анҷом диҳанд.

Д.Ш. Сангинов дар ин маврид қайд менамояд, ки «туроператор дар муносибатҳои худ бо сайёҳон вазифаи мураккабро иҷро мекунад, зеро он на фақат хизматрасониҳои муайянро мефурӯшад, балки маҷмуи ин хизматрасониҳоро ташаккул медиҳад ва барои сифат ва бехатарии онҳо ҷавобгар мебошад» [158, с. 90].

Вазифаҳои туроператорон (танзимгарони сайёҳӣ) низ аз уҳдадориҳои умумии муассисаҳои тиҷоратии сайёҳӣ иборат буда, инчунин он вазифаҳои махсусеро дар бар мегиранд, ки ба кори туроператорӣ хос мебошанд. Аз ҷумла, туроператорон вазифадор ҳастанд, ки: маҷмуи хидматҳои сайёҳиро бо сифати баланд таркиб диҳанд; барои сифат ва бехатарии ҳамаи он хидматҳое, ки ба бастаи сайёҳӣ дохил мешаванд, масъул бошанд; дар бораи бастаи сайёҳӣ иттилооти дуруст (воқеӣ) пешниҳод намоянд; дар сурати вайрон кардани шартҳои созишнома, зиёни воридшударо баргардонанд (ҷуброн кунанд).

Дар ин маврид, Е.Л. Писаревский қайд менамояд, ки «уҳдадориҳои туроператор дар назди сайёҳ аз уҳдадориҳои расонидани хизматрасониҳои пешбинишуда, уҳдадориҳои пешниҳоди маълумоти дуруст ва уҳдадориҳои таъмини бехатарӣ иборат мебошанд» [237, с. 145].

Турагентҳо (агентҳои сайёҳӣ) ҳамчун як навъи дигари пешниҳодкунандагони хидматҳои сайёҳӣ дорои ҳуқуқу вазифаҳои махсуси худ мебошанд. Тибқи моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9], турагентҳо бо ҳадафи фурӯши маҳсулот ва паҳн намудани бастаҳои сайёҳӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолият машғул мешаванд. Ҳуқуқҳои турагентҳо аз ҳуқуқҳои умумии муассисаҳои тиҷоратии сайёҳӣ иборат буда, инчунин он ҳуқуқҳои махсусеро дар бар мегиранд, ки ба кори турагентӣ хос мебошанд. Аз ҷумла, турагентҳо сазоворанд, ки: маҳсулоти сайёҳии туроператоронро ба фурӯш бароранд; аз фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ комиссия (фоиз) гиранд; барои фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ таблиғот ва реклама анҷом диҳанд; бо туроператорон созишномаҳои ҳамкорӣ банданд.

Д.Ш. Сангинов дар ин маврид қайд менамояд, ки «турагент дар муносибатҳои худ бо сайёҳон ва туроператор вазифаи миёнаравро иҷро

мекунад, зеро он маҳсулоти сайёҳии туроператорро мефурӯшад ва барои маълумоти дурусте, ки ба сайёҳ медиҳад, ҷавобгар мебошад» [158, с. 92].

Вазифаҳои турагентҳо (агентҳои сайёҳӣ) низ аз уҳдадориҳои умумии муассисаҳои тиҷоратии сайёҳӣ иборат буда, инчунин он вазифаҳои махсусеро дар бар мегиранд, ки ба кори турагентӣ хос мебошанд. Аз ҷумла, турагентҳо вазифадор ҳастанд, ки: иттилооти дуруст (воқеӣ)-ро дар бораи маҳсулоти сайёҳӣ ба сайёҳон пешниҳод намоянд; маблағҳои гирифташударо ба туроператор интиқол диҳанд; дар сурати вайрон кардани шартҳои созишнома, зиёни воридшударо баргардонанд (ҷуброн кунанд).

К.С. Свиридов дар таҳқиқоти худ қайд менамояд, ки «уҳдадориҳои турагент дар назди сайёҳ асосан аз уҳдадориҳои пешниҳоди маълумоти дуруст ва уҳдадориҳои интиқоли маблағҳои гирифташуда ба туроператор иборат мебошанд» [243, с. 112].

Дар муносибатҳои шартномавӣ, муассисаҳои тиҷоратии сайёҳӣ ҳамчун иҷрокунанда дар созишномаи хидматрасонии сайёҳӣ баромад намуда, соҳиби ҳуқуқу вазифаҳои мушаххас мебошанд. Тибқи моддаи 859 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [10], дар доираи шартномаи хидмати музднок, иҷрокунанда уҳдадор мешавад, ки бо супориши фармоишгар хидмат расонад (яъне амалҳои мушаххасеро иҷро кунад, ки бо мундариҷаи ӯҳдадорӣ мувофиқат доранд), фармоишгар низ уҳдадор мешавад, ки арзиши ин хидматрасониро пардохт намояд. Ҳуқуқҳои иҷрокунанда дар шартномаи хидматрасонии сайёҳӣ аз ҳуқуқи умумии иҷрокунанда дар шартномаи хидмати музднок сарчашма гирифта, инчунин ҳуқуқҳои махсусеро дар бар мегиранд, ки ба хусусияти хидматрасонии сайёҳӣ вобастаанд. Аз ҷумла, иҷрокунанда (муассисаи сайёҳӣ) ҳуқуқ дорад, ки: аз фармоишгар пардохти арзиши хидматҳоро талаб кунад; дар сурате, ки фармоишгар шартҳои шартномаро вайрон кунад, аз иҷрои минбаъдаи он даст кашад; дар

ҳолате, ки иҷрои шартнома бо сабаби гуноҳи фармоишгар ғайриимкон гардад, пардохти пурраи арзиши хидматҳоро талаб намояд.

Вазифаҳои иҷрокунанда дар шартномаи хидматрасонии сайёҳӣ низ аз уҳдадориҳои умумии иҷрокунанда дар созишномаи хидмати музднок сарчашма гирифта, инчунин вазифаҳои махсусе дар бар мегиранд, ки ба хусусияти хидматрасонии сайёҳӣ алоқамананд. Тибқи моддаи 861 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [10], агар дар шартномаи хидмати музднок тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, иҷрокунанда вазифадор аст, ки хидматрасониро шахсан ба ҷо орад.

Н.В. Сирик дар ин маврид қайд менамояд, ки «иҷрокунанда дар шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ уҳдадор аст на фақат хизматрасониҳои пешбинишударо расонад, балки инчунин ба фармоишгар маълумоти дуруст дар бораи хизматрасониҳо, шароити сафар, хавфҳои эҳтимолӣ ва ғайра пешниҳод намояд» [244, с. 98].

Дар муносибатҳои ғайришартномавӣ, ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ ҳамчун субъектҳои ҳуқуқи маданӣ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайяне доранд, ки бо расонидани зарар, ғанигардонии беасос ва дигар асосҳои ғайришартномавӣ алоқамананд.

Мувофиқи моддаи 1080 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [10], зараре, ки ба шахсият ё молу мулки шаҳрванд, инчунин ба молу мулки шахси ҳуқуқӣ расонида шудааст, бояд пурра аз ҷониби зараррасон барқарор карда шавад. Дар сурате ки зарар дар натиҷаи фаъолияти ташкилоти сайёҳӣ расонида шудааст, ин ташкилот уҳдадор аст зарари расонидашударо ҷуброн намояд.

Ҳуқуқҳои ташкилоти тиҷоратӣ дар соҳаи туризм дар муносибатҳои ғайришартномавӣ аз ҳуқуқе сарчашма мегиранд, ки ҳар шахс нисбати ҳифзи молу мулк ва шахсияти худ соҳиб аст; инчунин ин ҳуқуқҳо ҳуқуқи талаб намудани ҷуброни зиёни воридшударо дар бар мегиранд. Вазифаҳои муассисаҳои тиҷоратӣ дар соҳаи туризм дар муносибатҳои

ғайришартномавӣ аз ӯҳдадории ҷуброни зарари расонидашуда иборат мебошанд.

Д.Ш. Сангинов дар ин маврид қайд менамояд, ки «масъулияти ғайришартномавии ташкилотҳои сайёҳӣ дар ҳолатҳое ба миён меояд, ки ба сайёҳ ё шахсони сеюм аз ҷониби ташкилоти сайёҳӣ зарар расонида шудааст, новобаста аз он ки ин зарар дар натиҷаи вайрон кардани шартҳои шартнома ба вуҷуд омадааст ё не» [162, с. 246].

Т.Э. Погудина дар таҳқиқоти худ оид ба ҳифзи ҳуқуқи тарафҳои шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ қайд менамояд, ки «дар муносибатҳои ғайришартномавӣ, ташкилотҳои сайёҳӣ метавонанд ҳамчун зараррасон ва ҳамчун зарардида баромад кунанд, ки дар ҳар ду ҳолат онҳо аз ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайян бархӯрдоранд» [236, с. 134].

Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ метавонанд дар ҳолатҳои муайян маҳдуд карда шаванд. Мувофиқи моддаи 49 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [10], ҳуқуқҳои шахси ҳуқуқӣ танҳо дар ҳолатҳо ва бо тартиби пешбининамудаи қонун метавонанд маҳдуд карда шаванд.

Маҳдудиятҳои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ метавонанд дар шаклҳои гуногун зоҳир шаванд. Аз ҷумла:

– маҳдудиятҳои марбут ба иҷозатдиҳии фаъолият;

– маҳдудиятҳои марбут ба талаботи бехатарӣ;

– маҳдудиятҳои марбут ба ҳифзи муҳити зист;

– маҳдудиятҳои марбут ба ҳифзи захираҳои сайёҳӣ;

– маҳдудиятҳои марбут ба ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон;

– маҳдудиятҳои марбут ба мубориза бо рақобати ғайриқонунӣ.

Дар ин маврид, М.В. Шаруева қайд менамояд, ки «маҳдудиятҳои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ташкилотҳои сайёҳӣ асосан ба таъмини бехатарии сайёҳон, ҳифзи муҳити зист ва ҳифзи захираҳои сайёҳӣ равона карда шудаанд» [249, с. 112].

Ҳифзи ҳуқуқи ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [1], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» [6] ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ ҳамчун субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ аз ҳифзи ҳуқуқии давлатӣ бархӯрдоранд.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» [6], соҳибкорон ҳуқуқ доранд барои ҳифзи ҳуқуқҳои вайроншуда ба суд муроҷиат кунанд. Дар ин маврид, ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ метавонанд ба судҳои ҳакамии давлатӣ ва дар мавридҳои зарурӣ ба судҳои ҳакамии байналмилалӣ муроҷиат намоянд.

Д.Ш. Сангинов ва С. Искандари дар ин маврид қайд менамоянд, ки «ташкилотҳои соҳибкорӣ, аз ҷумла ташкилотҳои сайёҳӣ, дар фаъолияти худ метавонанд бо масъалаҳои гуногуни ҳуқуқӣ, аз қабили вайрон кардани шартҳои шартнома аз ҷониби контрагентҳо, амалҳои ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, рақобати ғайриқонунӣ ва ғайра рӯбарӯ шаванд. Дар ин мавридҳо, донистани роҳҳои ҳифзи ҳуқуқ ва истифодаи самараноки воситаҳои ҳуқуқӣ барои соҳибкорон аҳаммияти калон дорад» [78, с. 320].

Дар асоси таҳлили зербоб метавон хулосаҳои зеринро баён намуд:

1. Ҳуқуқҳо ва вазифаҳои муассисаи тиҷоратӣ дар бахши сайёҳӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9], Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [10] ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мушаххас карда шудаанд. Ин ҳуқуқҳо ва вазифаҳоро метавон ба ду гурӯҳ – умумӣ ва махсус ҷудо намуд.

2. Ҳуқуқҳои асосии муассисаи тиҷоратӣ дар бахши сайёҳӣ аз се ҷузъ иборат мебошанд: ҳуқуқҳои умумии соҳибкорӣ, ҳуқуқҳои махсусе, ки ба кори сайёҳӣ алоқамананд ва ҳуқуқҳое, ки ба дастгирии давлатӣ вобаста мебошанд. Ин ҳуқуқҳо ба муассисаҳои тиҷоратии сайёҳӣ имкон

медиҳанд, ки фаъолияти худро дар доираи талаботи қонунгузорӣ ба роҳ монанд ва аз имкониятҳои пешбинишуда истифода баранд.

3. Уҳдадориҳои асосии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ аз уҳдадориҳои умумии соҳибкорӣ, уҳдадориҳои махсуси марбут ба фаъолияти сайёҳӣ ва уҳдадориҳои марбут ба ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон иборат мебошанд. Уҳдадории муҳимтарини ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ таъмини сифат ва бехатарии хизматрасониҳои сайёҳӣ мебошад.

4. Танзимгарони сайёҳӣ ҳамчун як намуди субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои хос мебошанд. Онҳо ҳуқуқ доранд маҳсулоти сайёҳиро ташаккул диҳанд, бастаҳои сайёҳиро омода, паҳн ва фурӯшанд, барои фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ агентҳои сайёҳиро ҷалб кунанд. Уҳдадории муҳимтарини танзимгарони сайёҳӣ ҷавобгарӣ барои сифат ва бехатарии тамоми хизматрасониҳое мебошад, ки ба бастаи сайёҳӣ дохил мешаванд.

5. Агентҳои сайёҳӣ ҳамчун намуди дигари субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои хос мебошанд. Онҳо ҳуқуқ доранд маҳсулоти сайёҳии туроператоронро фурӯшанд, аз фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ комиссионӣ гиранд. Уҳдадории муҳимтарини агентҳои сайёҳӣ пешниҳоди маълумоти дуруст ба сайёҳон дар бораи маҳсулоти сайёҳӣ мебошад.

6. Дар муносибатҳои шартномавӣ, ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ ҳамчун иҷрокунанда дар шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ баромад намуда, ҳуқуқ доранд аз фармоишгар пардохти арзиши хизматрасониҳоро талаб кунанд, уҳдадоранд хизматрасониҳоро бо сифати мувофиқ расонанд. Дар муносибатҳои ғайришартномавӣ, ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ уҳдадоранд зарари расонидашударо ҷуброн намоянд.

7. Дар баъзе мавридҳо, ба монанди ба даст овардани иҷозатнома барои иҷрои кор, иҷрои талаботи амниятӣ, нигоҳубини табиат, ҳифзи

сарватҳои сайёҳӣ, посдории ҳуқуқи харидорон ва муқобилат бо рақобати хилофи қонун, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ташкилоти тиҷоратии соҳаи сайёҳӣ метавонанд маҳдуд карда шаванд.

8. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳифзи ҳуқуқи ин гуна ташкилоти тиҷоратӣ дар бахши сайёҳӣ дар заминаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [1], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» [6] ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ сурат мегирад. Ҳамчунин, ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ ҳуқуқ доранд, ки дар сурати вайрон гардидани ҳуқуқашон барои барқарорсозии он ба додгоҳ муроҷиат намоянд.

Дар асоси хулосаҳои дар боло зикргардида, пешниҳодҳои зерин оид ба такмили ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд:

1. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9] ҳуқуқ ва уҳдадориҳои танзимгарони сайёҳӣ ва агентҳои сайёҳиро ба таври муфассал танзим намуда, фарқияти онҳоро муайян созад.

2. Дар қонунгузории миллӣ талаботи ҳатмиро оид ба суғуртаи масъулияти танзимгарони сайёҳӣ пешбинӣ намуда, механизмҳои амалисозии ин талабро муайян созад.

3. Барои ҳифзи самараноки ҳуқуқи ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ, таъсиси судҳои ихтисосӣ ё ҳайатҳои судиро барои ҳалли баҳсҳо дар соҳаи сайёҳӣ пешбинӣ намояд.

4. Дар мавриди муфлисшавии танзимгарони сайёҳӣ, механизми махсуси ҳифзи манфиатҳои сайёҳонро пешбинӣ намуда, то дар сурати муфлисшавии оператор, сайёҳон имкони баргардонидани маблағҳои пардохтшударо дошта бошанд.

5. Барои баланд бардоштани самаранокии кори ташкилотҳои тиҷоратӣ дар бахши сайёҳӣ, зарур аст, ки таҳия ва ба кор андохтани стандартҳои миллии сифат ва бехатарии хидматҳои сайёҳӣ пешбинӣ гардад, зеро ин стандартҳо бояд ба талаботи байналмилалӣ пурра

мувофиқат кунанд. Ҳамчунин, ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ ҳуқуқ доранд, ки барои ҳифзи ҳуқуқҳои поймолгардида ба додгоҳ муроҷиат намоянд.

# БОБИ 2. ШАРТНОМА ҲАМЧУН ВОСИТАИ БААМАЛБАРОРИИ ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТИ ТИҶОРАТИИ САЙЁҲӢ

## 2.1. Шартномаи хизматрасонии муздноки сайёҳӣ дар низоми муносибатҳои шартномавии ширкати сайёҳӣ

Дар сохтори муносибатҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаи хидматрасонии муздноки сайёҳӣ яке аз воситаҳои асосии ба амал овардани кори муассисаҳои тиҷоратӣ дар соҳаи сайёҳӣ ба ҳисоб меравад. Ин шартнома муносибатҳои миёни сайёҳ (фармоишгар) ва муассисаи сайёҳӣ (иҷрокунанда)-ро танзим намуда, барои ҳарду ҷониб ҳуқуқу вазифаҳои мушаххасро муқаррар мекунад. Дар қонунгузории дохилии Тоҷикистон, мафҳуми шартномаи хидматрасонии муздноки сайёҳӣ дар чанд санади меъёрии ҳуқуқӣ, аз қабили Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [10] ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9] муқаррар карда шудааст. Мувофиқи моддаи 859 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [10], дар доираи шартномаи хидмати музднок, иҷрокунанда уҳдадор мешавад, ки тибқи супориши фармоишгар хидмат расонад (яъне амалҳои муайянеро иҷро кунад, ки бо мазмуни ӯҳдадорӣ ҳамоҳанг бошанд), фармоишгар низ уҳдадор мешавад, ки маблағи ин хидматрасониро пардохт намояд. Қоидаҳои ин боб ба он шартномаҳое дахл доранд, ки ба хидматҳои алоқа, иттилоотӣ, машваратӣ, ҳуқуқӣ, миёнаравӣ, таълимӣ, фарҳангӣ, сайёҳӣ, аудиторӣ, тиббӣ, байторӣ ва инчунин дигар хидматҳои музднок алоқаманданд [10]. Аз ин бармеояд, ки шартномаи хидматрасонии сайёҳӣ ба тартиботи умумии шартномаи хидмати музднок тобеъ аст.

Ба андешаи Д.Ш. Сангинов, «шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ намуди махсуси шартномаи хизматрасонии пулакӣ буда, дорои хусусиятҳои мураккаби ҳуқуқӣ мебошад. Аз ҷумла, ин шартнома

одатан маҷмуи хизматрасониҳои гуногунро, аз қабили хизматрасониҳои нақлиётӣ, меҳмонхонаӣ, экскурсионӣ, санаторӣ-курортӣ ва ғайраро дар бар мегирад, ки ҳар кадоми онҳо метавонад шартномаи алоҳида бошанд» [191, с. 71].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9] дар моддаи 27 асосҳои шартномаи хидматрасонии сайёҳиро муайян намудааст. Тибқи ин модда, туроператорҳо (танзимгарони сайёҳӣ) ва турагентҳо (агентҳои сайёҳӣ) хидматҳои сайёҳиро ба мусофирон дар асоси як созишнома пешниҳод менамоянд. Дар дохили ин созишнома маълумот ва шартҳои зерин сабт мегарданд: номи пурра, суроғаи ҷойгиршавӣ ва почтаи электронии туроператор ё турагент; иттилооти шахсии сайёҳ; феҳристи хидматҳое, ки ба бастаи сайёҳӣ дохил мешаванд; шарҳи мухтасар ва нархи бастаи сайёҳӣ; чӣ гуна пардохт кардан, рӯзи оғози сафар ва рӯзи анҷоми он; сабабҳо ва муҳлатҳои имконпазир барои тағйир додан ё бекор кардани шартнома; тартиби чӣ гуна ҷуброн намудани зиён ба сайёҳ; муқаррароти марбут ба додани роҳхати сайёҳӣ; ҳолатҳои пешбининашаванда (форс-мажор) ва дигар талаботе, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст; инчунин дигар бандҳое, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф нестанд [9].

А.Н. Ошноков дар таҳқиқоти худ оид ба шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ қайд менамояд, ки «шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ дорои хусусияти мураккаби ҳуқуқӣ буда, онро метавон ҳамчун шартномаи омехта баҳо дод, ки унсурҳои шартномаҳои гуногун, аз қабили шартномаи нақлиёт, шартномаи меҳмонхона, шартномаи экскурсия ва ғайраро дар бар мегирад» [235, с. 45].

Аҳаммияти ҳуқуқии шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ дар он зоҳир мешавад, ки он воситаи асосии баамалбарории фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ буда, ба танзими муносибатҳои байни

сайёҳон ва ташкилотҳои сайёҳӣ равона карда шудааст. Ин шартнома ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳоро муайян намуда, ба ҳифзи манфиатҳои онҳо мусоидат менамояд.

Мавзуи шартномаи хидматрасонии музднoки сайёҳӣ яке аз шартҳои муҳимми ин созишнома ба ҳисоб меравад. Мувофиқи моддаи 860 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [10], он чизе ки дар маркази шартномаи хидмати музднок қарор дорад, иборат аст аз амалҳои мушаххасе, ки дар заминаи уҳдадориҳо оид ба хидматҳои алоқа, иттилоотӣ, машваратӣ, ҳуқуқӣ, миёнаравӣ, таълимӣ, фарҳангӣ, сайёҳӣ, аудиторӣ, тиббӣ, байторӣ ва дигар намуди хидматҳои музднок иҷро карда мешаванд. Ҳангоми баҳс дар бораи шартномаи хидматрасонии музднoки сайёҳӣ, мавзуи он ҳамон маҷмуи хидматҳост, ки дар дохили бастаи сайёҳӣ ҷой дода шудааст. Тибқи моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9], дар шартнома рӯйхати хидматҳое, ки ба бастаи сайёҳӣ дохил мешаванд, ҳамчунин тавсиф ва арзиши бастаи сайёҳӣ дарҷ карда мешавад.

Ба андешаи Ю.В. Никонорова, «мавзуи шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ дорои хусусияти мураккаб буда, онро ҳамчун маҷмуи хизматрасониҳои гуногун тавсиф кардан мумкин аст, ки ҳар кадоми онҳо метавонад мавзуи шартномаи алоҳида бошад» [234, с. 78].

Дар қонунҳои дохилии Тоҷикистон, хидматҳои сайёҳӣ дар моддаи 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9] ба таври возеҳ нишон дода шудаанд. Тибқи ин модда, дар бахши сайёҳӣ ин намудҳои хидматрасонӣ муқаррар шудаанд: марказҳои хидматрасонии якҷоя (комплексӣ); машварат ва иттилоот; меҳмондорӣ ва пешхизматӣ; меҳмонхонадорӣ; кишоварзӣ (агартуризм); техника ва нақлиёт; ҳамроҳӣ дар сафар ва тозагии муҳит; сохтан ва фурӯхтани тӯҳфаҳои сайёҳӣ; чорабиниҳои фарҳангӣ ва фароғатӣ; табобат ва оромӣ; роҳнамоӣ (гид) ва тарҷумонӣ; намоиш ва реклама; тайёр кардан ва ба

кор андохтани хидматрасонии пурраи сайёҳӣ [9]. Ин намудҳои хидматрасонӣ метавонанд дар шаклҳои гуногун дар шартномаи хидматрасонии муздноки сайёҳӣ дарҷ карда шаванд.

Д.Д. Хошимов дар таҳқиқоти худ оид ба хизматрасонӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ қайд менамояд, ки «хизматрасонии сайёҳӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ дорои хусусиятҳои хосе мебошад, ки онро аз дигар объектҳои ҳуқуқи маданӣ фарқ мекунад. Аз ҷумла, хизматрасонии сайёҳӣ маҳсули ниҳоӣ надорад ва истеъмоли он бо истеҳсолаш дар як вақт сурат мегирад» [247, с. 98].

Ҷонибҳои шартномаи хидматрасонии муздноки сайёҳӣ иҷрокунанда ва фармоишгар мебошанд. Тибқи моддаи 859 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [10], дар доираи шартномаи хидмати музднок, иҷрокунанда уҳдадор мешавад, ки бо супориши фармоишгар хидмат расонад, фармоишгар низ уҳдадор мешавад, ки арзиши ин хидматрасониро пардохт намояд.

Дар шартномаи хидматрасонии муздноки сайёҳӣ, иҷрокунанда ҳамон ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ (туроператор ё турагент) мебошад. Тибқи моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9], туроператорон бо мақсади омода кардани бастаҳои сайёҳӣ, паҳн намудани онҳо ва ба фурӯш гузоштани ин бастаҳо ё барои анҷом додани хидматрасонии сайёҳӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд. Турагентҳо низ бо мақсади фурӯши маҳсулот ва паҳн намудани бастаҳои сайёҳӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор машғул мешаванд.

Фармоишгар дар шартномаи хидматрасонии муздноки сайёҳӣ сайёҳ мебошад. Тибқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9], сайёҳ – ин шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, тобеони давлатҳои хориҷӣ ва афроди бешаҳрванд (шаҳрвандӣ надошта) мебошанд, ки аз ҷойи истиқомати доимии худ ба макони

дигари будубоши муваққатӣ бо ҳадафҳои солимгардонӣ, шиносоӣ (тамошо), зиёрат, тиҷорат, варзиш ва дигар мақсадҳои марбут ба сафар раҳсипор мешаванд.

Ба андешаи Д.Ш. Сангинов, «дар шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ, сайёҳ ҳамчун истеъмолкунанда дар муқоиса бо ташкилоти сайёҳӣ ҷониби заифи шартнома мебошад, аз ин рӯ қонунгузорӣ барои ҳифзи ҳуқуқи ӯ кафолатҳои махсус пешбинӣ намудааст» [195, с. 48].

Дар баъзе мавридҳо, дар шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ шахси сеюм низ метавонад ҳамчун тарафи шартнома баромад кунад. Масалан, агар шартнома ба манфиати шахси сеюм баста шуда бошад, он шахс метавонад ҳуқуқи талаб кардани иҷрои шартномаро дошта бошад. Дар ин маврид, А.В. Золотухин қайд менамояд, ки «шартномаи суғурта метавонад ба манфиати шахси сеюм баста шавад, масалан, вақте ки шартнома ба манфиати узви оилаи сайёҳ баста мешавад» [228, с. 156].

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шакл ва тарзи бастани шартномаи хидматрасонии музднoки сайёҳӣ пурра мушаххас карда шудааст. Мувофиқи моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9], туроператорҳо (танзимгарони сайёҳӣ) ва турагентҳо (агентҳои сайёҳӣ) хидматҳои сайёҳиро ба сайёҳон дар асоси як созишнома пешниҳод менамоянд. Шакли намунавии ин созишномаи соҳавӣ аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар бахши сайёҳӣ муқаррар карда мешавад [9].

Созишномаи хидматрасонии музднoки сайёҳӣ маъмулан ба таври хаттӣ ба имзо мерасад. Дар дохили ин ҳуҷҷат маълумоти зерин сабт мегардад: номи пурра, нишонӣ ва суроғаи почтаи электронии туроператор ё турагент; иттилооти шахсии сайёҳ; феҳристи хидматҳое, ки дар бастаи сайёҳӣ ҷой дода шудаанд; тавсифи мухтасар ва нархи бастаи сайёҳӣ; тартиби пардохт, рӯзи оғози сафар ва рӯзи анҷоми он; сабабҳое, ки метавонанд боиси тағйир ё бекор шудани шартнома

гарданд ва мӯҳлатҳои мувофиқи он; чӣ гуна зарари воридшуда ба сайёҳ ҷуброн карда мешавад; муқаррароти марбут ба додани роҳхати сайёҳӣ; ҳолатҳои пешбининашаванда (форс-мажор) ва дигар талаботе, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст; инчунин дигар шартҳое, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф намебошанд [9].

Е.А. Батишев дар таҳқиқоти худ оид ба танзими ҳуқуқии фаъолияти сайёҳӣ қайд менамояд, ки «шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ бояд ба таври хаттӣ баста шавад ва дар он ҳамаи шартҳои муҳимми хизматрасонӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо, масъулияти тарафҳо, тартиби ҳалли баҳсҳо ва ғайра дарҷ карда шаванд» [225, с. 98].

Тартиби бастани шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ аз пешниҳод (оферта) ва қабули он (аксепт) иборат мебошад. Ташкилоти сайёҳӣ пешниҳоди хизматрасониҳои худро ба сайёҳ пешкаш менамояд, сайёҳ бошад, ин пешниҳодро қабул карда, шартномаро имзо мекунад. Дар ин маврид, Н.В. Сирик қайд менамояд, ки «шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ аз лаҳзаи имзои он аз ҷониби ҳарду тараф басташуда ҳисобида мешавад, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад» [244, с. 112].

Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо тибқи шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд. Иҷрокунанда (ташкилоти сайёҳӣ) уҳдадор аст хизматрасониҳои пешбининамудаи шартномаро бо сифати мувофиқ расонад. Мувофиқи моддаи 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9], субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ уҳдадоранд хизматрасонии сайёҳиро бо сифати баланд пешниҳоди сайёҳон намоянд, амнияти сайёҳонро ҳангоми саёҳат таъмин намоянд.

Фармоишгар уҳдадор аст арзиши хизматрасониҳои пешбининамудаи шартномаро пардохт намояд. Мувофиқи моддаи 862

Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [10], фармоишгар уҳдадор аст арзиши хизматрасонии ба он анҷомдодашударо дар муҳлат ва бо тартиби муқаррарнамудаи шартномаи хизматрасонии музднок пардохт намояд.

Ба андешаи Д.Ш. Сангинов, «дар шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ, иҷрокунанда уҳдадор аст на фақат хизматрасониҳои пешбинишударо расонад, балки инчунин ба фармоишгар маълумоти дуруст дар бораи хизматрасониҳо, шароити сафар, хавфҳои эҳтимолӣ ва ғайра пешниҳод намояд» [191, с. 73].

Ҳуқуқҳои иҷрокунанда аз ҳуқуқи талаб кардани пардохти арзиши хизматрасониҳо, ҳуқуқи талаб кардани иҷрои уҳдадориҳо аз ҷониби фармоишгар, ҳуқуқи дар сурати вайрон кардани шартҳои шартнома аз ҷониби фармоишгар аз иҷрои шартнома даст кашидан иборат мебошад. Ҳуқуқҳои фармоишгар аз ҳуқуқи талаб кардани иҷрои шартнома, ҳуқуқи талаб кардани ҷуброни зарари расонидашуда, ҳуқуқи дар сурати вайрон кардани шартҳои шартнома аз ҷониби иҷрокунанда аз иҷрои шартнома даст кашидан иборат мебошад.

Е.В. Ахтямова дар ин маврид қайд менамояд, ки «уҳдадории асосии туроператор дар назди сайёҳ расонидани хизматрасониҳои пешбинишуда бо сифати мувофиқ мебошад. Дар сурати вайрон кардани ин уҳдадорӣ, туроператор дар назди сайёҳ ҷавобгар мебошад» [224, с. 112].

Масъулияти ҷонибҳо дар доираи шартномаи хидматрасонии музднoки сайёҳӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас карда шудааст. Тибқи моддаи 862 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [10], агар иҷро накардан ё иҷрои нодурусти ӯҳдадорӣ оид ба хидмати музднок бо гуноҳи иҷрокунанда ба вуҷуд омада бошад, ӯ (иҷрокунанда) вазифадор аст, ки зиёни воридшударо ба фармоишгар ҷуброн намояд.

Дар сурати вайрон кардани шартҳои созишнома аз тарафи фармоишгар, ӯ низ вазифадор аст, ки зиёни воридшударо ҷуброн кунад. Тибқи моддаи 862 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [10], дар ҳолате, ки иҷрои ӯҳдадорӣ бо гуноҳи фармоишгар ғайриимкон гардад, арзиши пурраи хидматрасонӣ пардохт карда мешавад, магар он ки дар қонунгузорӣ ё шартномаи хидмати музднок тартиби дигар пешбинӣ шуда бошад.

Ба андешаи Д.Ш. Сангинов, «масъулияти ташкилотҳои сайёҳӣ дар назди сайёҳон дорои хусусиятҳои хосе мебошад, ки аз маҳсулият ва мураккабии хизматрасониҳои сайёҳӣ, инчунин аз он, ки сайёҳ ҳамчун истеъмолкунанда дар муқоиса бо ташкилоти сайёҳӣ ҷониби заифи шартнома мебошад, сарчашма мегирад» [162, с. 244].

Масъулияти тарафҳо тибқи шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ метавонад дар шаклҳои гуногун, аз қабили ҷуброни зиёни воқеӣ, ҷуброни зиёни маънавӣ, пардохти ҷарима ва дигар шаклҳо зоҳир шавад. Дар ин маврид, П.З. Мирзозода қайд менамояд, ки «ҷавобгарӣ барои вайрон кардани талабот оид ба сифат ва бехатарии хизматрасониҳо дар соҳаи сайёҳӣ аҳаммияти махсус дорад, зеро ин на фақат манфиатҳои молу мулкии сайёҳон, балки саломатӣ ва ҳаёти онҳоро низ дар бар мегирад» [125, с. 29].

Тағйир додан ва қатъ кардани шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст. Тибқи моддаи 863 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишгар сазовор аст, ки ба таври якҷониба (яктарафа) аз иҷрои шартномаи хидмати музднок даст кашад, ба шарте ки хароҷоти воқеиеро, ки иҷрокунанда барои иҷрои шартнома сарф кардааст, пурра ҷуброн кунад. Иҷрокунанда низ сазовор аст, ки аз иҷрои ӯҳдадорӣ оид ба хидмати музднок даст кашад, ба шарте ки зиёни бо сабаби бекор намудани шартнома ба фармоишгар расонидаро ҷуброн намояд; магар

дар ҳолатҳое, ки шартнома бо гуноҳи худи фармоишгар бекор шуда бошад.

Дар шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ, ҳолатҳои тағйир додан ва қатъ кардани шартнома метавонанд дар худи шартнома пешбинӣ карда шаванд. Мувофиқи моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9], дар шартнома асосҳо ва шартҳои тағйир ва қатъи шартнома дарҷ карда мешаванд.

Е.Л. Писаревский дар таҳқиқоти худ қайд менамояд, ки «дар шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ, ҳарду тараф ҳуқуқ доранд дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ва шартнома аз иҷрои шартнома даст кашанд. Дар сурати даст кашидани фармоишгар аз иҷрои шартнома, ӯ уҳдадор аст ба иҷрокунанда хароҷоти воқеии кардаи онро ҷуброн намояд» [237, с. 189].

Ҳолатҳои рафънопазир низ метавонанд боиси тағйир додан ё қатъ кардани шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ гарданд. Мувофиқи моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9], дар шартнома ҳолатҳои рафънопазир дарҷ карда мешаванд. Дар сурати ба амал омадани ҳолатҳои рафънопазир, ҳарду тараф аз ҷавобгарӣ озод карда мешаванд.

Шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ дорои хусусиятҳои хосе мебошад, ки онро аз дигар намудҳои шартномаҳо фарқ мекунад. Аз ҷумла, ин шартнома одатан маҷмуи хизматрасониҳои гуногунро, аз қабили хизматрасониҳои нақлиётӣ, меҳмонхонаӣ, экскурсионӣ, санаторӣ-курортӣ ва ғайраро дар бар мегирад, ки ҳар кадоми онҳо метавонад шартномаи алоҳида бошад. Аз ин рӯ, шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ ба шартномаи омехта шабоҳат дорад.

Дар муқоиса бо шартномаи хариду фурӯш, ки мавзуи он интиқоли молу мулк мебошад, мавзуи шартномаи хидматрасонии музднoки сайёҳӣ анҷом додани амалҳои мушаххас (хидматҳо) мебошад. Дар муқоиса бо шартномаи иҷора, ки мавзуи он истифодаи муваққатии

молу мулк аст, мавзуи шартномаи хидматрасонии муздноки сайёҳӣ расонидани хидматҳои муайян мебошад.

Ба андешаи Д.Ш. Сангинов, «шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ ба шартномаи хизматрасонии пулакӣ дар шакли анъанавии он мувофиқат накарда, бештар ба шартномаи омехта шабоҳат дорад, зеро он на фақат расонидани хизматрасониҳоро, балки ташкили сафар, банақшагирии роҳхат, таъмини бехатарӣ ва дигар унсурҳоро дар бар мегирад» [191, с. 73].

Дар муқоиса бо шартномаи комиссия, ки дар он як тараф (комиссионер) ба номи худ, вале ба манфиати тарафи дигар (комитент) аҳд мекунад, дар шартномаи хизматрасонии муздноки сайёҳӣ, иҷрокунанда (ташкилоти сайёҳӣ) ба номи худ ва ба манфиати худ аҳд мекунад, гарчанде ки хизматрасониҳо ба манфиати фармоишгар расонида мешаванд. Дар ин маврид, Ф.Д. Самизода қайд менамояд, ки «шартномаи хизматрасонии пулакӣ дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ ҳамчун намуди аҳдҳои иқтисоди беруна дорои хусусиятҳои хосе мебошад, ки онҳоро аз дигар намудҳои шартномаҳои хизматрасонӣ фарқ мекунад» [139, с. 169].

Дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ, шартномаи хидматрасонии муздноки сайёҳӣ хусусиятҳои вижае пайдо мекунад, ки онро аз ҳамин навъ шартнома дар сайёҳии дохилӣ фарқ менамояд. Ба таври хусусӣ, ба чунин шартномаҳо дар муносибатҳои байналмилалӣ қоидаҳои ҳуқуқи хусусии байналхалқӣ татбиқ карда мешаванд.

Мувофиқи моддаи 35 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9], ҳамкориҳои байналмилалӣ дар бахши сайёҳӣ тибқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, ба амал бароварда мешаванд.

Ф.Д. Самизода дар таҳқиқоти худ оид ба танзими ҳуқуқии сайёҳии байналмилалӣ қайд менамояд, ки «дар муносибатҳои байналмилалии

сайёҳӣ, шартномаи хизматрасонии пулакӣ шакли мураккаби ҳуқуқӣ дошта, дорои хусусиятҳои хосе мебошад, ки онҳоро аз дигар намудҳои шартномаҳои тиҷоратии дохилӣ фарқ мекунад. Аз ҷумла, ба ин шартномаҳо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, аз қабили Конвенсияи байналмилалӣ оид ба шартномаҳои сайёҳӣ (агар чунин вуҷуд дошта бошад) ё қонунгузории кишвари муайян татбиқ мегардад» [139, с. 171].

Дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ, шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ одатан бо забонҳои гуногун баста мешавад ва дар он меъёрҳои ҳуқуқии кишвари муайян ё меъёрҳои байналмилалӣ татбиқ карда мешаванд. Ин масъала дар худи шартнома пешбинӣ карда мешавад. Дар ин маврид, А.П. Иванов қайд менамояд, ки «дар шартномаҳои байналмилалии сайёҳӣ, тарафҳо одатан қонунгузории кишвари иҷрокунандаро татбиқ мекунанд, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад» [229, с. 12].

Дар асоси таҳлили зербоб, метавон хулосаҳои зеринро баён намуд:

1. Шартномаи хидматрасонии музднoки сайёҳӣ яке аз воситаҳои асосии амалӣ гардонидани кори ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ ба ҳисоб меравад. Ин шартнома муносибатҳои байни сайёҳ (фармоишгар) ва ташкилоти сайёҳӣ (иҷрокунанда)-ро танзим намуда, барои ҳарду ҷониб ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайянеро муқаррар мекунад.

2. Мавзуи шартномаи хидматрасонии музднoки сайёҳӣ маҷмуи хидматҳоест, ки ба бастаи сайёҳӣ дохил карда мешаванд. Ин хидматҳо метавонанд дар шаклҳои гуногун зоҳир шаванд, ба мисли: марказҳои хидматрасонии комплексӣ (маҷмуӣ), машваратию иттилоотӣ, меҳмонпазирӣ ва пешхизматӣ, меҳмонхонагӣ, сайёҳии кишоварзӣ (агартуризм), техникию нақлиётӣ, ҳамроҳӣ дар роҳ ва таъмини тозагӣ, истеҳсол ва фурӯши туҳфаҳои сайёҳӣ (сувенир), чорабиниҳои фарҳангию фароғатӣ, табобатию истироҳатӣ, роҳбаладӣ (гидӣ) ва

тарҷумонӣ, намоишию таблиғотӣ, таҳия ва амалӣ гардонидани хидматрасонии маҷмуии сайёҳӣ.

3. Ҷонибҳои шартномаи хидматрасонии музднoки сайёҳӣ иҷрокунанда (ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ - туроператор ё турагент) ва фармоишгар мебошанд. Дар баъзе ҳолатҳо, шахси сеюм низ метавонад ҳамчун ҷониби шартномаи хидматрасонии музднoки сайёҳӣ баромад кунад.

4. Шартномаи хидматрасонии музднoки сайёҳӣ ба таври хаттӣ баста мешавад. Дар ин созишнома маълумоти мушаххас, аз ҷумла: ном, маҳалли ҷойгиршавӣ ва суроғаи почтаи электронии туроператор (танзимгари сайёҳӣ), турагент (агенти сайёҳӣ); маълумот дар бораи сайёҳ; рӯйхати хидматҳое, ки ба бастаи сайёҳӣ дохил мешаванд; тавсиф ва нархи бастаи сайёҳӣ; тартиби пардохт, санаи оғоз ва анҷоми сафар; асосҳо ва муҳлатҳои тағйир додан ё бекор кардани шартнома; тартиби ҷуброни зиён ба сайёҳ; муқаррарот оид ба додани роҳхати сайёҳӣ; ҳолатҳои форс-мажор (беҷилав) ва ғайра дарҷ карда мешаванд.

5. Иҷрокунанда (ташкилоти сайёҳӣ) вазифадор аст, ки хидматҳои пешбининамудаи шартномаро бо сифати мувофиқ расонад ва бехатарии сайёҳонро ҳангоми сафар таъмин намояд. Фармоишгар вазифадор аст, ки арзиши хидматҳои пешбининамудаи шартномаро пардохт кунад.

6. Дар сурати вайрон кардани шартҳои шартнома, тарафҳо дар назди якдигар ҷавобгар мебошанд. Масъулияти тарафҳо метавонад дар шаклҳои гуногун, аз қабили ҷуброни зиёни воқеӣ, ҷуброни зиёни маънавӣ, пардохти ҷарима ва дигар шаклҳо зоҳир шавад.

7. Шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ метавонад бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ва шартнома тағйир дода шавад ё қатъ карда шавад. Ҳарду тараф ҳуқуқ доранд дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ва шартнома аз иҷрои шартнома даст кашанд.

8. Шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ дорои хусусиятҳои хосе мебошад, ки онро аз дигар намудҳои шартномаҳо фарқ мекунад. Аз ҷумла, ин шартнома одатан маҷмуи хизматрасониҳои гуногунро дар бар мегирад, ки ҳар кадоми онҳо метавонад шартномаи алоҳида бошад. Аз ин рӯ, шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ ба шартномаи омехта шабоҳат дорад.

9. Шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ дорои хусусиятҳои хосе мебошад, ки онро аз шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ дар соҳаи сайёҳии дохилӣ фарқ мекунад. Аз ҷумла, дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ ба шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ татбиқ карда мешаванд.

Дар заминаи хулосаҳои дар боло зикргардида, пешниҳодҳои зерин оид ба беҳтар намудани танзими ҳуқуқии шартномаи хидматрасонии музднoки сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд:

1. Зарур аст, ки дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [10] мазмуни «шартномаи хидматрасонии сайёҳӣ» пурра баён гардад ва ҷузъиёти он, аз қабили чизи асосии шартнома (мавзуъ), тарафҳо, шакл, тарзи ба имзо расонидан, ҳуқуқҳо ва вазифаҳои ҳар як ҷониб, сатҳи масъулияти онҳо, чӣ гуна шартномаро тағйир додан ё бекор кардан ва дигар масъалаҳои марбута ба таври равшан танзим карда шаванд.

2. Дар қонунгузории миллӣ бояд як қатор талаботи ҳатмӣ барои сабт намудани шартҳои мушаххас дар шартномаи хидматрасонии музднoки сайёҳӣ пешбинӣ гардад; ин талабот бояд ба ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон ҳамчун истеъмолкунандагон равона карда шуда бошад.

3. Бо ҳадафи ҳифзи самараноки ҳуқуқи сайёҳон, дар матни шартномаи хидматрасонии музднoки сайёҳӣ шартҳои ҳатмии марбут ба суғуртаи масъулияти туроператорон (танзимгарони сайёҳӣ) ва низ суғуртаи худи сайёҳон пешбинӣ карда шаванд.

4. Дар шартномаи хидматрасонии музднoки сайёҳӣ ҳолатҳои бечилав (форс-мажор) ва оқибатҳои ҳуқуқии онҳоро ба таври муфассал муайян намояд.

5. Барои ҳалли баҳсҳое, ки аз шартномаи хидматрасонии музднoки сайёҳӣ сарчашма мегиранд, таъсиси судҳои ихтисосӣ ё ҳайатҳои судӣ пешбинӣ намояд.

6. Дар ҳамкорӣ бо Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ (UNWTO) ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ, шартномаи намунавии байналмилалии хидматрасонии музднoки сайёҳиро таҳия намуда, онро барои истифодаи ихтиёрӣ пешниҳод намояд.

## 2.2. Ҷонибҳои шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ

Дар низоми муносибатҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ яке аз шартномаҳои муҳим барои баамалбарории фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ мебошад. Ҷонибҳои ин шартнома – иҷрокунанда ва фармоишгар – ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайяне доранд, ки дар қонунгузории миллӣ муқаррар карда шудаанд. Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [10] ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9] маънои тарафҳое, ки дар шартномаи хидматрасонии музднoки сайёҳӣ иштирок мекунанд, мушаххас гардидааст. Тибқи моддаи 859 Кодекси гражданӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон [10], дар қолаби шартномаи хидмати музднок, иҷрокунанда вазифадор мегардад, ки бо фармоиши фармоишгар хидмат расонад (яъне амалҳои муайянеро иҷро намояд, ки ба мазмуни ӯҳдадорӣ мувофиқат мекунанд), фармоишгар низ вазифадор мешавад, ки қимати ин хидматрасониро пардохт кунад.Дар шартномаи хидматрасонии музднoки сайёҳӣ, иҷрокунанда ҳамон муассисаи тиҷоратии сайёҳӣ (туроператор ё турагент) мебошад, фармоишгар бошад, сайёҳ  мебошад.

Ба андешаи Н.А. Ган, «дар шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ, иҷрокунанда ҳамчун касб дар соҳаи расонидани хизматрасониҳои сайёҳӣ баромад мекунад, дар ҳоле ки фармоишгар ҳамчун истеъмолкунандаи ин хизматрасониҳо ба шартнома дохил мешавад» [227, с. 89]. Ин фарқият барои муайян намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳар як ҷониб, инчунин барои муқаррар намудани механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи ҷонибҳо аҳаммияти калон дорад.

Ҷонибҳои шартномаи хизматрасонии муздноки сайёҳӣ дорои аломатҳои хоси ҳуқуқӣ мебошанд. Аз ҷумла, иҷрокунанда бояд шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ бошад, ки ба тартиби муқаррарнамудаи қонун ба қайд гирифта шудааст. Фармоишгар метавонад шахси воқеӣ бошад, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, хонагӣ ва дигар эҳтиёҷоти ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд надошта, хизматрасониҳои сайёҳиро фармоиш медиҳад. Дар ин маврид, К.С. Свиридов қайд менамояд, ки «фармоишгар дар шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ ҳамчун истеъмолкунанда эътироф карда мешавад, ки ба ӯ кафолатҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» [2] пурра татбиқ мегарданд» [242, с. 12].

Иҷрокунанда дар шартномаи хидматрасонии муздноки сайёҳӣ ҳамон муассисаи тиҷоратии сайёҳӣ мебошад, ки ба фармоишгар хидматҳои сайёҳиро расонида, дар баробари он музд (пардохт) мегирад. Тибқи моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9], туроператорҳо (танзимгарони сайёҳӣ) бо ҳадафи тайёр кардани бастаҳои сайёҳӣ, паҳн намудани онҳо ва ба фурӯш мондани ин бастаҳо ё барои анҷом додани хидматрасонии сайёҳӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд. Турагентҳо (агентҳои сайёҳӣ) низ бо мақсади фурӯхтани маҳсулот ва паҳн намудани бастаҳои

сайёҳӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кори худ машғул мешаванд.

Ба андешаи Д.Ш. Сангинов, «туроператор ва турагент дар муносибатҳои худ бо сайёҳон ҳуқуқ ва уҳдадориҳои гуногун доранд. Туроператор дар назди сайёҳ барои сифат ва бехатарии тамоми маҷмуи хизматрасониҳои сайёҳӣ ҷавобгар мебошад, дар ҳоле ки турагент асосан барои маълумоти дурусте, ки ба сайёҳ медиҳад, ҷавобгар мебошад» [158, с. 90].

Иҷрокунанда ҳамчун ҷониби шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайяне мебошад. Ҳуқуқи асосии иҷрокунанда аз ҳуқуқи талаб кардани пардохти арзиши хизматрасониҳое иборат аст, ки ба фармоишгар расонида шудаанд. Уҳдадории асосии иҷрокунанда аз уҳдадории расонидани хизматрасониҳои пешбининамудаи шартнома бо сифати мувофиқ ва дар муҳлати муқарраргардида иборат мебошад.

Дар ин маврид, Е.А. Батищев қайд менамояд, ки «иҷрокунанда дар шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ уҳдадор аст на фақат хизматрасониҳои пешбинишударо расонад, балки инчунин ба фармоишгар маълумоти дуруст дар бораи хизматрасониҳо, шароити сафар, хавфҳои эҳтимолӣ ва ғайра пешниҳод намояд» [225, с. 102].

Фармоишгар дар шартномаи хидматрасонии музднoки сайёҳӣ ҳамон сайёҳ мебошад, ки барои қонеъ гардонидани ниёзҳои шахсии худ хидматҳои сайёҳиро фармоиш медиҳад. Тибқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» «сайёҳ – ин шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, тобеони давлатҳои хориҷӣ ва афроди бешаҳрванд (шаҳрвандӣ надошта) ҳастанд, ки аз ҷойи истиқомати доимии худ ба макони дигари будубоши муваққатӣ бо мақсадҳои солимгардонӣ, шиносоӣ (тамошо), зиёрат, тиҷорат, варзиш ва дигар ҳадафҳои марбут ба сафар раҳсипор мешаванд» [9].

Фармоишгар ҳамчун ҷониби шартномаи хидматрасонии музднoки сайёҳӣ соҳиби ҳуқуқу вазифаҳои мушаххас мебошад. Ҳуқуқи асосии фармоишгар иборат аст аз: ҳуқуқи талаб намудани иҷрои шартнома аз тарафи иҷрокунанда, ҳуқуқи талаб намудани ҷуброни зиёни воридшуда, ҳуқуқи даст кашидан аз иҷрои шартнома дар сурате, ки иҷрокунанда шартҳои созишномаро вайрон кунад. Вазифаи асосии фармоишгар иборат аст аз ӯҳдадории пардохти арзиши хидматҳои пешбининамудаи шартнома.

Ба андешаи Д.Ш. Сангинов, «дар шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ, сайёҳ ҳамчун истеъмолкунанда дар муқоиса бо ташкилоти сайёҳӣ ҷониби заифи шартнома мебошад, аз ин рӯ қонунгузорӣ барои ҳифзи ҳуқуқи ӯ кафолатҳои махсус пешбинӣ намудааст» [195, с. 48].

Фармоишгар метавонад як шахси воқеӣ бошад, ки барои баровардани талаботҳои шахсӣ, оилавӣ, маишӣ ва дигар ниёзҳои ба соҳибкорӣ алоқаманд набуда, хидматҳои сайёҳиро дархост мекунад. Дар баъзе ҳолатҳо, фармоишгар метавонад шахси ҳуқуқӣ бошад, ки хидматҳои сайёҳиро барои кормандонаш фармоиш медиҳад. Дар ин маврид, А.Н. Ошноков қайд менамояд, ки «агар фармоишгар шахси ҳуқуқӣ бошад, ба муносибатҳои тарафҳо қоидаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» [2] татбиқ карда намешаванд, зеро ин қонун танҳо ба муносибатҳое татбиқ мегардад, ки фармоишгар хизматрасониҳоро барои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, хонагӣ ва дигар эҳтиёҷоти ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд надошта фармоиш медиҳад» [235, с. 56].

Иҷрокунанда тибқи шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ дорои ҳуқуқҳои муайяне мебошад, ки дар қонунгузории миллӣ пешбинӣ шудаанд. Ҳуқуқҳои иҷрокунандаро метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кард:

1. Ҳуқуқи талаб кардани пардохт: Иҷрокунанда ҳуқуқ дорад аз фармоишгар пардохти арзиши хизматрасониҳои пешбининамудаи

шартномаро талаб кунад. Тибқи моддаи 862 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [10], фармоишгар вазифадор аст, ки арзиши хидматрасонии ба ӯ расонидашударо дар муҳлат ва бо тартиби муқаррарнамудаи шартномаи хидмати музднок пардохт кунад.

2. Ҳуқуқи даст кашидан аз иҷрои шартнома: Иҷрокунанда сазовор аст, ки дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ва шартнома аз иҷрои созишнома даст кашад. Тибқи моддаи 863 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон «иҷрокунанда сазовор аст, ки аз иҷрои ӯҳдадорӣ оид ба хидмати музднок даст кашад, ба шарте ки зиёни бо сабаби бекор намудани шартнома ба фармоишгар расонидаро ҷуброн намояд; магар дар ҳолатҳое, ки шартнома бо гуноҳи худи фармоишгар бекор шуда бошад» [10].

3. Ҳуқуқи талаб кардани ҷуброни зарар: Иҷрокунанда ҳуқуқ дорад дар сурати вайрон кардани шартҳои шартнома аз ҷониби фармоишгар, ҷуброни зарари расонидашударо талаб кунад. Дар ин маврид, Н.В. Сирик қайд менамояд, ки «иҷрокунанда метавонад дар сурати вайрон кардани шартҳои шартнома аз ҷониби фармоишгар, аз ҷумла дар сурати пардохт накардани арзиши хизматрасониҳо, ҷуброни зарари расонидашударо талаб кунад» [244, с. 118].

4. Ҳуқуқи талаб кардани иҷрои шартнома: Иҷрокунанда ҳуқуқ дорад дар сурати вайрон кардани шартҳои шартнома аз ҷониби фармоишгар, иҷрои шартномаро талаб кунад.

5. Ҳуқуқи маҳдуд кардани масъулият: Иҷрокунанда ҳуқуқ дорад дар шартнома масъулияти худро дар доираи қонун маҳдуд кунад. Дар ин маврид, Т.Э. Погудина қайд менамояд, ки «маҳдуд кардани масъулияти иҷрокунанда дар шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ танҳо дар ҳолатҳое иҷозат дода мешавад, ки ин маҳдудият мухолифи қонун набошад ва ба манфиатҳои фармоишгар халал нарасонад» [236, с. 145].

Иҷрокунанда тибқи шартномаи хидматрасонии музднoки сайёҳӣ дорои уҳдадориҳои муайяне мебошад, ки дар қонунгузории миллӣ

пешбинӣ шудаанд. Уҳдадориҳои иҷрокунандаро метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намуд:

1. Уҳдадории расонидани хидматҳо: Иҷрокунанда вазифадор аст, ки хидматҳои пешбининамудаи шартномаро бо сифати мувофиқ ва дар муҳлати муқарраргардида расонад. Тибқи моддаи 861 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [10], агар дар шартномаи хидмати музднок тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, иҷрокунанда вазифадор аст, ки хидматрасониро шахсан ба ҷо орад.

2. Уҳдадории таъмини сифати хизматрасониҳо: Иҷрокунанда уҳдадор аст хизматрасониҳоро бо сифати мувофиқ ба талаботи ҳатмӣ ё шартҳои шартнома расонад. Дар ин маврид, П.З. Мирзозода қайд менамояд, ки «уҳдадории таъмини сифати хизматрасониҳо яке аз уҳдадориҳои муҳимтарини иҷрокунанда мебошад, зеро вайрон кардани он метавонад ба саломатӣ ва ҳаёти фармоишгар зарари ҷиддӣ расонад» [124, с. 63].

3. Уҳдадории таъмини бехатарӣ: Иҷрокунанда уҳдадор аст амнияти фармоишгарро ҳангоми саёҳат таъмин намояд. Мувофиқи моддаи 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9], субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ уҳдадоранд амнияти сайёҳонро ҳангоми саёҳат таъмин намоянд.

4. Уҳдадории пешниҳоди иттилоот: Иҷрокунанда вазифадор аст, ки ба фармоишгар маълумоти дуруст (воқеӣ) дар бораи хидматҳо, шароити сафар, хатарҳои эҳтимолӣ ва ғайра пешниҳод намояд. Тибқи моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9], пешниҳодкунандагони хидматҳои сайёҳӣ на дертар аз се рӯз пеш аз оғози сафар ба сайёҳон дар шакли хаттӣ маълумоти заруриро пешниҳод менамоянд.

5. Уҳдадории ҳифзи захираҳои сайёҳӣ: Иҷрокунанда вазифадор аст, ки ҳангоми сафар ҳифзи захираҳои сайёҳиро таъмин намояд. Тибқи моддаи 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9],

пешниҳодкунандагони хидматҳои сайёҳӣ вазифадор ҳастанд, ки ҳангоми сафар ҳифзи захираҳои сайёҳиро таъмин кунанд.

6. Уҳдадории ҳисоботдиҳӣ: Иҷрокунанда вазифадор аст, ки ҳангоми ворид шудани сайёҳон ба сарзамини Ҷумҳурии Тоҷикистон, сафарбар намудани онҳо ба хориҷа ва интиқоли онҳо ба минтақаҳои сайёҳӣ дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ваколатдори давлатии соҳаи туризмро расман огоҳ созад ва мувофиқи намунаҳои муқарраршуда ҳисобот пешниҳод намояд [9].

Фармоишгар тибқи шартномаи хизматрасонии музднокии сайёҳӣ дорои ҳуқуқҳои муайяне мебошад, ки дар қонунгузории миллӣ пешбинӣ шудаанд. Ҳуқуқҳои фармоишгарро метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кард:

1. Ҳуқуқи талаб намудани иҷрои шартнома: Фармоишгар ҳуқуқ дорад, ки иҷрокунанда уҳдадориҳои худро тибқи шартнома ба ҷо орад. Мувофиқи моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9], сайёҳ  метавонад талаб кунад, ки ба ӯ дар доираи шартнома шароити муносиби хидматрасонӣ фароҳам оварда шавад.

2. Ҳуқуқи талаб намудани ҷуброни зиён: Агар иҷрокунанда шартҳои шартномаро вайрон кунад, фармоишгар ҳуқуқ дорад, ки зиёни ба ӯ расонидашударо пурра ҷуброн намояд. Тибқи моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9], сайёҳ дар сурати иҷрои номатлуби шартҳои шартномаи хидматрасонии сайёҳӣ метавонад ҷуброни зиёни воридшударо талаб кунад.

3. Ҳуқуқи даст кашидан аз иҷрои шартнома: Дар ҳолатҳое, ки қонун ё шартнома пешбинӣ кардааст, фармоишгар ҳуқуқ дорад, ки иҷрои шартномаро бекор кунад. Тибқи моддаи 863 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [10], фармоишгар метавонад ба таври якҷониба шартномаи хидмати музднокро бекор кунад, ба шарте ки хароҷоти воқеии иҷрокунандаро ҷуброн намояд.

4. Ҳуқуқи гирифтани иттилоот: Фармоишгар ҳуқуқ дорад, ки маълумоти дуруст ва пурраро дар бораи хидматҳо, шароити сафар, хатарҳои эҳтимолӣ ва дигар масъалаҳои марбут гирад. Тибқи моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9], сайёҳ метавонад иттилооти заруриро оид ба маҳсулот, хатсайри сайёҳӣ ва шароити сафар талаб кунад.

5. Ҳуқуқи суғурта: Фармоишгар ҳуқуқ дорад, ки барои сафар, беморӣ, ҳаёт ва дигар ҳолатҳои эҳтимолии хатар суғурта дархост кунад. Мувофиқи моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9], сайёҳ метавонад суғуртаи сафар, беморӣ, ҳаёт ва дигар ҳолатҳои хатарро дархост намояд.

6. Ҳуқуқи ҳифзи судӣ: Фармоишгар сазовор аст, ки барои ҳифзи ҳуқуқҳои поймолшуда ба додгоҳ мурочиат кунад. Дар ин маврид, М.В. Шаруева қайд менамояд, ки «ҳуқуқи фармоишгар ба ҳифзи судӣ яке аз кафолатҳои муҳимми ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон мебошад, ки дар қонунгузорӣ пешбинӣ шудааст» [249, с. 132].

Фармоишгар тибқи шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ дорои уҳдадориҳои муайяне мебошад, ки дар қонунгузории миллӣ пешбинӣ шудаанд. Уҳдадориҳои фармоишгарро метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кард:

1.Уҳдадории пардохт: Фармоишгар бояд қимати хидматҳои дар шартнома пешбинишударо пурра пардохт намояд.  Тибқи моддаи 862 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [10], фармоишгар уҳдадор аст, ки маблағи хидматрасонии ба ӯ расонидашударо дар муҳлати муайян ва мувофиқи тартиби дар шартномаи хидмати музднок пешбинигардида супориш диҳад.

2.Уҳдадории риояи қонун: Фармоишгар вазифадор аст, ки қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро пурра риоя кунад, низоми сиёсӣ ва иҷтимоии мамлакат, арзишҳои фарҳангӣ ва урфу

одатҳои маҳаллӣ, эътиқоди динӣ ва мазҳабии сокинон, инчунин тарзи зиндагии мардуми макони муваққатии иқоматро эҳтиром намояд. Тибқи моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9], ҳангоми сафар сайёҳ уҳдадор аст, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя кунад, низоми сиёсию иҷтимоии давлат, урфу одатҳо, эътиқоди динӣ ва мазҳабӣ, инчунин тарзи зиндагии аҳолии макони будубоши муваққатиро эҳтиром намояд.

3.Уҳдадории ҳифзи сарватҳои сайёҳӣ: Фармоишгар бояд захираҳои сайёҳиро тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оқилона истифода барад, ба минтақаҳои мамнӯъ дохил нагардад, ба муҳити зист, ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, ҷойҳои муқаддас ва дигар арзишҳои зери ҳимояти давлат бодиққат ва эҳтиромона муносибат кунад [9].

4.Уҳдадории риояи бехатарӣ: Фармоишгар вазифадор аст, ки ҳангоми ворид шудан ба маконҳо ва иншооти дорои хатар, тамоми талаботи бехатариро риоя намояд. Мувофиқи моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9], ҳангоми сафар сайёҳ уҳдадор аст, ки ҳангоми ворид гардидан ба мавзеъҳо ва иншооти хавфнок талаботи бехатариро қатъиян риоя кунад.

5.Уҳдадории пешниҳоди ҳуҷҷатҳо: Фармоишгар бояд ҳуҷҷатҳои заруриро барои анҷоми сафар ва бастани шартнома дар вақти муайяншуда пешниҳод намояд. Тибқи моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9], ҳангоми сафар сайёҳ уҳдадор аст, ки ҳуҷҷатҳои заруриро барои сафар ва бастани шартномаи дахлдор сари вақт пешниҳод кунад.

Дар баъзе мавридҳо, дар шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ ҷонибҳои сеюм низ метавонанд ҳамчун тарафи шартнома баромад кунанд. Масалан, агар шартнома ба манфиати шахси сеюм баста шуда бошад, он шахс метавонад ҳуқуқи талаб кардани иҷрои шартномаро дошта бошад. Дар ин маврид, А.В. Золотухин қайд

менамояд, ки «шартномаи хизматрасонӣ дар соҳаи соҳибкорӣ метавонад ба манфиати шахси сеюм баста шавад, масалан, вақте ки шартнома ба манфиати узви оила баста мешавад» [228, с. 156].

Ҷонибҳои сеюм инчунин метавонанд дар шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ ҳамчун иҷрокунандагони воқеӣ баромад кунанд. Масалан, туроператор метавонад барои иҷрои уҳдадориҳои худ шахсони сеюмро (меҳмонхонаҳо, ширкатҳои нақлиётӣ, агентҳои сайёҳӣ ва ғайра) ҷалб кунад. Дар ин маврид, Е.Л. Писаревский қайд менамояд, ки «туроператор дар назди сайёҳ барои амалҳои шахсони сеюме, ки барои иҷрои уҳдадориҳояш ҷалб кардааст, ҷавобгар мебошад, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад» [237, с. 178].

Масъулияти ҷонибҳо дар шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст. Масъулияти иҷрокунанда дар сурати вайрон кардани шартҳои шартнома ба вуҷуд омада, метавонад дар шаклҳои гуногун зоҳир шавад. Тибқи моддаи 862 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар иҷро накардан ё иҷрои нодурусти ӯҳдадорӣ оид ба хидмати музднок бо гуноҳи иҷрокунанда ба вуҷуд омада бошад, ӯ (иҷрокунанда) вазифадор аст, ки зиёни воридшударо ба фармоишгар ҷуброн намояд. Масъулияти фармоишгар дар сурати вайрон кардани шартҳои созишнома ба вуҷуд омада, метавонад дар шаклҳои гуногун зоҳир гардад. Тибқи моддаи 862 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳолате, ки иҷрои ӯҳдадорӣ бо гуноҳи фармоишгар ғайриимкон гардад, арзиши пурраи хидматрасонӣ пардохт карда мешавад, магар он ки дар қонунгузорӣ ё шартномаи хидмати музднок тартиби дигар пешбинӣ шуда бошад. Дар ин маврид, Д.Ш. Сангинов қайд менамояд, ки «масъулияти иҷрокунанда дар назди фармоишгар на фақат барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ, балки инчунин барои амалҳои шахсони

сеюме, ки барои иҷрои уҳдадориҳояш ҷалб кардааст, ба вуҷуд меояд» [162, с. 246].

Дар асоси таҳлили зербоб, метавон хулосаҳои зеринро баён намуд:

1. Ҷонибҳои шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ иҷрокунанда (ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ - оператори сайёҳӣ ё агенти сайёҳӣ) ва фармоишгар мебошанд. Дар баъзе мавридҳо, дар ин шартнома ҷонибҳои сеюм низ метавонанд ҳамчун тарафи шартнома баромад кунанд.

2. Иҷрокунанда ҳамчун яке аз тарафҳои шартномаи хидматрасонии музднoки сайёҳӣ дорои ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои мушаххас мебошад. Ҳуқуқи асосии иҷрокунанда ин аст, ки метавонад пардохти арзиши хидматҳои расонидашударо аз фармоишгар талаб кунад. Ӯҳдадории асосии иҷрокунанда низ иборат аст аз он, ки хидматҳои пешбининамудаи шартномаро бо сифати мувофиқ ва дар муҳлати муқарраршуда ба фармоишгар расонад.

3. Фармоишгар ҳамчун тарафи дигари шартномаи хидматрасонии музднoки сайёҳӣ соҳиби ҳуқуқҳо ва вазифаҳои муайян мебошад. Ҳуқуқҳои асосии фармоишгар иборатанд аз: ҳуқуқи талаб намудани иҷрои шартнома аз ҷониби иҷрокунанда, ҳуқуқи талаб намудани ҷуброни зиёни воридшуда, ҳуқуқи даст кашидан аз иҷрои шартнома дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун. Вазифаи асосии фармоишгар низ иборат аст аз ӯҳдадории пардохти арзиши хидматҳои дар шартнома пешбинигардида.

4. Дар шартномаи хидматрасонии музднoки сайёҳӣ, фармоишгар ҳамчун истеъмолкунанда эътироф мегардад, ки ба ӯ кафолатҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» [2] пурра татбиқ карда мешаванд. Ин кафолатҳо ҳуқуқи фармоишгарро ба гирифтани маълумоти дуруст ва боэътимод, ба сифат ва бехатарии хидматҳои пешниҳодшаванда, ба ҷуброни зарари воридшуда ва дигар ҳуқуқҳоро дар бар мегиранд.

5. Масъулияти ҷонибҳо дар шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ дар сурати вайрон кардани шартҳои шартнома ба вуҷуд омада, метавонад дар шаклҳои гуногун, аз қабили ҷуброни зиёни воқеӣ, ҷуброни зиёни маънавӣ, пардохти ҷарима ва дигар шаклҳо зоҳир шавад.

6. Дар баъзе мавридҳо, дар шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ ҷонибҳои сеюм низ метавонанд ҳамчун тарафи шартнома баромад кунанд. Дар ин маврид, иҷрокунанда дар назди фармоишгар барои амалҳои шахсони сеюме, ки барои иҷрои уҳдадориҳояш ҷалб кардааст, ҷавобгар мебошад.

Дар асоси хулосаҳои дар боло зикргардида, пешниҳодҳои зерин оид ба такмили ҳолати ҳуқуқии ҷонибҳои шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд:

1. Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [10] ба таври муфассал мафҳуми «иҷрокунанда» ва «фармоишгар»-ро дар шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ муайян карда, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳоро ба таври муфассал танзим намояд.

2. Дар қонунгузории миллӣ талаботи ҳатмиро оид ба мавҷудияти иҷозатнома (литсензия) барои иҷрокунандагон дар мавридҳои зарурӣ пешбинӣ намуда, механизмҳои назорати давлатиро барои таъмини сифат ва бехатарии хизматрасониҳо муайян созад.

3. Барои ҳифзи самараноки ҳуқуқи фармоишгар, дар шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ пешбинӣ намудани шартҳои ҳатмӣ оид ба суғуртаи масъулияти иҷрокунанда ва суғуртаи фармоишгар.

4. Дар шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ ба таври муфассал муайян намудани ҳолатҳои рафънопазир ва оқибатҳои ҳуқуқии онҳо барои ҳарду ҷониб.

5. Барои ҳалли баҳсҳое, ки аз шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ сарчашма мегиранд, таъсиси судҳои ихтисосӣ ё ҳайатҳои судиро пешбинӣ намояд.

6. Дар ҳамкорӣ бо Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ (UNWTO) ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ, шартномаи намунавии байналмилалии хизматрасонии муздноки сайёҳиро таҳия намуда, барои истифодаи ихтиёрӣ пешниҳод намояд.

## 2.3. Масъулияти мадании ширкатҳои сайёҳӣ аз рӯйи шартномаи хизматрасонии муздноки сайёҳӣ

Масъулияти мадании ширкатҳои сайёҳӣ аз рӯйи шартномаи хизматрасонии муздноки сайёҳӣ яке аз масъалаҳои муҳимми танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи сайёҳӣ мебошад. Ин намуди масъулият дар сурати вайрон кардани шартҳои шартнома аз ҷониби ширкати сайёҳӣ (қарздор) ба вуҷуд омада, барои ҳифзи ҳуқуқи сайёҳ (кредитор) равона карда шудааст. Тибқи моддаи 351 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар доираи як ӯҳдадорӣ, як шахс (қарздор) вазифадор аст, ки ба манфиати шахси дигар (кредитор) амали мушаххасеро анҷом диҳад, ба монанди додани молу мулк, иҷрои кор, расонидани хидмат, супоридани пул ва ғайра, ё аз иҷрои ягон амал худдорӣ кунад; кредитор бошад, сазовор аст, ки аз қарздор иҷрои уҳдадориҳояшро талаб намояд [10].

Дар шартномаи хизматрасонии муздноки сайёҳӣ, ширкати сайёҳӣ ҳамчун қарздор баромад намуда, уҳдадор аст хизматрасониҳои пешбининамудаи шартномаро ба сайёҳ (кредитор) расонад. Дар сурати вайрон кардани ин уҳдадорӣ, ширкати сайёҳӣ дар назди сайёҳ масъулият дорад. Ба андешаи Д.Ш. Сангинов, «масъулияти ширкатҳои сайёҳӣ дар назди сайёҳон дорои хусусиятҳои хосе мебошад, ки аз маҳсулият ва мураккабии хизматрасониҳои сайёҳӣ, инчунин аз он, ки сайёҳ ҳамчун истеъмолкунанда дар муқоиса бо ширкати сайёҳӣ ҷониби заифи шартнома мебошад, сарчашма мегирад» [162, с. 244].

Аҳаммияти ҳуқуқии масъулияти мадании ширкатҳои сайёҳӣ дар он зоҳир мешавад, ки он воситаи муҳимми ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон буда, ба таъмини иҷрои шартҳои шартнома мусоидат менамояд.

Тибқи моддаи 356 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳар гуна ӯҳдадорӣ бояд ба таври саҳеҳ ва мувофиқи шартҳои худи он ӯҳдадорӣ, ҳамчунин тибқи талаботи қонун ба иҷро расад; дар сурате ки чунин шартҳо ё талабот мавҷуд набошанд, ӯҳдадорӣ бояд мувофиқи одатҳои муқарраршудаи муомилоти тиҷоратӣ ё тибқи талаботе, ки маъмулан пешниҳод мегарданд, иҷро карда шавад. Ҳангоми иҷрои ӯҳдадорӣ ҳар ду ҷониб вазифадоранд, ки бо виҷдон рафтор кунанд, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии якдигарро ба инобат гиранд, барои ноил шудан ба ҳадафи ӯҳдадорӣ кумак расонанд ва инчунин иттилооти зарурирo ба ҳамдигар пешниҳод намоянд.

Сабабҳои ба вуҷуд омадани масъулияти мадании ширкатҳои сайёҳӣ аз рӯйи шартномаи хидматрасонии музднокӣ сайёҳӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас карда шудаанд. Мувофиқи моддаи 452 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, мафҳуми вайрон кардани ӯҳдадорӣ иҷро накардан ё иҷрои номатлуби онро дар бар мегирад (ба монанди риоя накардани муҳлат, иҷро бо нуқсонҳои мол, кор ё хидмат, иҷро бо вайрон намудани дигар шартҳое, ки дар мундариҷаи ӯҳдадорӣ муайян шудаанд). Қарздор дар ҳолате ки ҳодисае рух диҳад, ки иҷрои дурусти ӯҳдадориро ғайриимкон гардонад, вазифадор аст, ки бе дареғ гузаштан кредиторро аз ин ҳодиса огоҳ созад [10]

Дар шартномаи хизматрасонии музднокӣ сайёҳӣ, вайрон кардани уҳдадорӣ метавонад дар шаклҳои зерин зоҳир шавад:

– иҷро накардани хизматрасониҳои пешбининамудаи шартнома;

– иҷрои номатлуби хизматрасониҳо (сифаташон паст);

– вайрон кардани муҳлатҳои расонидани хизматрасониҳо;

– вайрон кардани дигар шартҳои шартнома.

Асоси дигари ба вуҷуд омадани масъулияти мадании ширкатҳои сайёҳӣ расонидани зарар ба сайёҳ мебошад. Мувофиқи моддаи 453 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарздоре, ки уҳдадориро вайрон кардааст, бояд ба кредитор зиёни (моддаи 14 ҳамин Кодекс) дар натиҷаи вайрон кардани уҳдадорӣ расондаро пардохт намояд. Дар ин маврид, зарар метавонад ҳам дар натиҷаи вайрон кардани шартҳои шартнома ва ҳам дар натиҷаи расонидани зарар ба саломатӣ ё ҳаёти сайёҳ ба вуҷуд ояд.

Ба андешаи Е.А. Батищев, «асоси ба вуҷуд омадани масъулияти туроператор дар назди сайёҳ вайрон кардани шартҳои шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ мебошад, ки метавонад дар шаклҳои гуногун зоҳир шавад, аз ҷумла дар шакли таъмини хизматрасониҳои сифаташон паст, вайрон кардани муҳлатҳои расонидани хизматрасониҳо ва ғайра» [225, с. 112].

Масъулияти мадании ширкатҳои сайёҳӣ аз рӯйи шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ метавонад дар шаклҳои гуногун зоҳир шавад. Мувофиқи моддаи 453 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [10], шакли асосии ин масъулият ҷуброни зиён мебошад. Зиён дар моддаи 14 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муайян карда мешавад: он иборат аст аз хароҷоти шахсе, ки ҳуқуқаш поймол шудааст ва барои барқарор кардани ҳуқуқи вайроншуда бояд анҷом диҳад; инчунин молу мулки гумкардашуда ё зарардида (зиёни воқеӣ); ва низ даромади аздастрафтае, ки ин шахс дар шароити муқаррарии муомилоти граждании (маданӣ) ба даст меовард, агар ҳуқуқи ӯ вайрон нашуда бошад (фоидаи аздастрафта) [10].

Шаклҳои асосии масъулияти мадании ширкатҳои сайёҳӣ иборатанд аз:

1. Ҷуброни зиёни воқеӣ: Зиёни воқеӣ хароҷоте мебошад, ки сайёҳ барои барқарор кардани ҳуқуқи вайроншуда кардааст ё бояд кунад, инчунин молу мулки гумкардашуда ё осебдида.

2. Ҷуброни фоидаи аздастрафта: Фоидаи аздастрафта даромади аздастрафтае мебошад, ки сайёҳ дар шароити муқаррарии муомилоти маданӣ мегирифт, агар ҳуқуқи ӯ вайрон нашуда бошад.

3. Пардохти ноустуворона (ҷарима, пеня): Тибқи моддаи 381 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноустуворона (ҷарима, пеня) маблағе мебошад, ки ё қонун ё шартнома онро муқаррар мекунад ва қарздор уҳдадор аст, дар ҳолати иҷро накардан ё ба таври нодуруст иҷро намудани ӯҳдадорӣ, онро ба кредитор бипардозад. Ҳангоми дархости пардохти ноустуворона, кредитор лозим нест, ки зиёни воридшударо собит кунад [10].

4. Ҷуброни зарари маънавӣ: Мувофиқи моддаи 455 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарари маънавие, ки дар натиҷаи вайрон шудани ӯҳдадорӣ ба шахси воқеӣ расидааст, илова бар зиёни дар моддаи 453 ҳамин Кодекс пешбинигардида, бояд товон дода шавад (ҷуброн карда шавад) [10].

Ба андешаи П.З. Мирзозода, «шаклҳои масъулияти субъектони соҳибкорӣ дар назди мизоҷон гуногун буда, аз хусусияти вайронкунӣ ва оқибатҳои он вобастаанд. Дар баъзе мавридҳо, қонунгузорӣ барои ҳифзи самараноки ҳуқуқи мизоҷон якчанд шакли масъулиятро дар як вақт пешбинӣ менамояд» [125, с. 28].

Ширкатҳои сайёҳӣ метавонанд дар ҳолатҳои мушаххас аз масъулияти граждан̣ӣ (маданӣ) озод карда шаванд. Асосҳои озодӣ аз масъулият дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд. Тибқи моддаи 462 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсе, ки ӯҳдадориро иҷро накардааст ё онро номатлуб иҷро кардааст, дар сурати мавҷуд будани гуноҳ (қасд ё саҳв), ба истисноии ҳолатҳое, ки қонун ё шартнома асосҳои дигари масъулиятро пешбинӣ кардаанд,

ҷавобгар мебошад. Шахс бегуноҳ ҳисобида мешавад, агар бо вуҷуди андешидани ҳама гуна чораҳои эҳтиётӣ ва ғамхорие, ки вобаста ба хусусияти ӯҳдадорӣ ва шароити муомилот аз ӯ талаб карда мешавад, тавониста бошад, ки иҷрои дурусти ӯҳдадориро таъмин кунад [10].

Барои ширкатҳои сайёҳӣ, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, қоидаҳои махсус муқаррар карда шудаанд. Мувофиқи моддаи 462 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар дар қонун ё шартнома чизе ба таври дигар муқаррар нашуда бошад, он шахсе, ки ҳангоми машғул будан ба фаъолияти соҳибкорӣ ӯҳдадории худро иҷро накардааст ё ба таври нодуруст иҷро кардааст, масъул дониста мешавад, ба истисноидан ҳолате ки исбот кунад, ки иҷрои дурусти ӯҳдадорӣ дар натиҷаи неруи қатъии рафънопазир (форс-мажор), яъне дар шароити ғайричашмдошт ва пешгирӣ карда нашаванда ғайриимкон гардидааст. Ба ин гуна ҳолатҳо вайрон кардани ӯҳдадорӣ аз ҷониби ҳамкорони қарздор, набудани молҳои зарурӣ дар бозор ё надоштани маблағи кофии қарздор дохил карда намешаванд [10].

Дар шартномаи хидматрасонии муздноки сайёҳӣ, ҳолатҳои форс-мажор (беҷилав) метавонанд сабаби озод будан аз масъулият гарданд. Мувофиқи моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9], дар матни шартнома ҳолатҳои рафънопазир қайд карда мешаванд. Дар сурати рух додани чунин ҳолатҳои беҷилав, ҳар ду тараф аз масъулият озод мегарданд.

Сабаби дигаре, ки боиси озодӣ аз масъулият мегардад, гуноҳи худи фармоишгар мебошад. Тибқи моддаи 465 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар иҷро накардан ё иҷрои номатлуби ӯҳдадорӣ бо гуноҳи ҳар ду тараф содир шуда бошад, суд мувофиқан андозаи масъулияти қарздорро кам мекунад. Агар кредитор (фармоишгар) қасдан ё аз рӯйи саҳлпарварӣ ба зиёд шудани ҳаҷми зиён сабаб гардида

бошад ё барои коҳиш додани он чораҳои оқилона наандешида бошад, суд ҳуқуқ дорад, ки андозаи масъулияти қарздорро кам кунад [10].

Вайрон кардани муҳлатҳои пешбинишуда барои расонидани хидматҳо яке аз маъмултарин намудҳои вайрон кардани шартҳои шартномаи хидматрасонии музднoки сайёҳӣ ба ҳисоб меравад. Масъулияти ширкатҳои сайёҳӣ дар ин хусус дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

Тибқи моддаи 361 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар ӯҳдадорӣ рӯзи иҷро ё давраи муайянеро, ки дар тӯли он ӯҳдадорӣ бояд иҷро шавад, пешбинӣ намуда бошад ё барои муайян намудани он имконият диҳад, ӯҳдадорӣ бояд дар ҳамон рӯз ё мувофиқан дар доираи ҳамон давра иҷро карда шавад. Дар ҳолатҳое, ки ӯҳдадорӣ муҳлати иҷроро муайян накардааст ва шартҳои муайян кардани чунин муҳлатро надошта бошад, он бояд дар муҳлати оқилонае, ки пас аз ба вуҷуд омадани ӯҳдадорӣ ҳисоб карда мешавад, иҷро гардад [10].

Дар сурати вайрон кардани муҳлатҳои расонидани хизматрасониҳо, ширкати сайёҳӣ уҳдадор аст зиёни расонидашударо ҷуброн намояд, инчунин ҷаримае, ки дар шартнома пешбинӣ шудааст, пардохт намояд. Ба андешаи Н.В. Сирик, «вайрон кардани муҳлатҳои расонидани хизматрасониҳо яке аз вайронкуниҳои ҷиддии шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ мебошад, зеро он метавонад ба сафар, ки барои сайёҳ аҳаммияти калон дорад, халал расонад. Аз ин рӯ, қонунгузорӣ барои чунин вайронкунӣ ҷавобгарии қатъиро пешбинӣ менамояд» [244, с. 125].

Таъмини сифат ва бехатарии хизматрасониҳо яке аз уҳдадориҳои муҳимтарини ширкатҳои сайёҳӣ мебошад. Мувофиқи моддаи 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9], субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ уҳдадоранд хизматрасонии сайёҳиро бо сифати

баланд пешниҳоди сайёҳон намоянд, амнияти сайёҳонро ҳангоми саёҳат таъмин намоянд.

Дар сурати таъмини хизматрасониҳои сифаташон паст, сайёҳ ҳуқуқ дорад мувофиқи моддаи 453 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [10] талаб намояд, ки зиёни расонидашуда ҷуброн карда шавад. Дар сурати расонидани зарар ба саломатӣ ё ҳаёти сайёҳ, ширкати сайёҳӣ уҳдадор аст зарари расонидашударо пурра ҷуброн намояд.

Ба андешаи П.З. Мирзозода, «масъулияти ширкатҳои сайёҳӣ барои таъмини сифат ва бехатарии хизматрасониҳо аҳаммияти махсус дорад, зеро ин на фақат манфиатҳои молу мулкии сайёҳон, балки саломатӣ ва ҳаёти онҳоро низ дар бар мегирад» [125, с. 29].

Дар раванди расонидани хизматрасониҳои сайёҳӣ, ширкатҳои сайёҳӣ одатан барои иҷрои уҳдадориҳои худ шахсони сеюмро (меҳмонхонаҳо, ширкатҳои нақлиётӣ, агентҳои сайёҳӣ ва ғайра) ҷалб менамоянд. Дар ин маврид, масъалаи масъулияти ширкатҳои сайёҳӣ барои амалҳои шахсони сеюм ба миён меояд.

Тибқи моддаи 464 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарздор дар он ҳолатҳое ки сабаби вайрон гардидани ӯҳдадорӣ амал ё бепарвоии шахсони сеюм нисбат ба уҳдадориҳои онҳо дар баробари қарздор мебошад, дар назди кредитор масъул аст. Агар дар қонунгузорӣ равшан нашуда бошад, ки масъулият ба зиммаи иҷрокунандаи бевосита вогузор мешавад, қарздор инчунин барои амал ё бепарвоии он шахсони сеюме, ки иҷрои ӯҳдадории худро дар назди кредитор ба онҳо вогузор карда буд, дар баробари кредитор ҷавобгар ҳисобида мешавад. Ҳангоми машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ, қарздор метавонад аз ҷавобгарӣ барои вайрон кардани ӯҳдадорӣ, ки дар натиҷаи амал ё бепарвоии шахсони сеюм ба вуҷуд омадааст, раҳо карда шавад, ба шарте ки ин вайронӣ бо нерӯйи қатъии рафънопазир

(форс-мажор) иртибот дошта бошад (мувофиқи қисми 4 моддаи 462 ҳамин Кодекс) [10].

Ба андешаи Е.А. Амирханова, «туроператор дар назди сайёҳ барои амалҳои ҳамаи шахсони сеюме, ки барои иҷрои уҳдадориҳояш ҷалб кардааст, аз қабили меҳмонхонаҳо, ширкатҳои нақлиётӣ, агентҳои сайёҳӣ ва ғайра, ҷавобгар мебошад. Ин қоида барои ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон ҳамчун истеъмолкунандагон муқаррар карда шудааст» [223, с. 145].

Масъулияти ширкатҳои сайёҳӣ аз рӯйи шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ дорои хусусиятҳои хосе мебошад, ки онро аз масъулияти дигар иштирокчиёни муносибатҳои сайёҳӣ фарқ мекунад. Аз ҷумла, масъулияти туроператор ва турагент дар назди сайёҳ гуногун мебошад.

Ба андешаи Д.Ш. Сангинов, «туроператор дар назди сайёҳ барои сифат ва бехатарии тамоми маҷмуи хизматрасониҳои сайёҳӣ ҷавобгар мебошад, дар ҳоле ки турагент асосан барои маълумоти дурусте, ки ба сайёҳ медиҳад, ҷавобгар мебошад» [158, с. 90].

Дар муқоиса бо масъулияти меҳмонхонаҳо, ширкатҳои нақлиётӣ ва дигар ташкилотҳое, ки ба сайёҳон хизматрасониҳои алоҳида мерасонанд, масъулияти туроператор васеътар мебошад, зеро он на фақат барои хизматрасониҳое, ки худаш мерасонад, балки барои хизматрасониҳои ҳамаи шахсони сеюме, ки барои иҷрои уҳдадориҳояш ҷалб кардааст, ҷавобгар мебошад.

Масъулияти мадании ширкатҳои сайёҳӣ дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ дорои хусусиятҳои хосе мебошад, ки онро аз масъулияти ширкатҳои сайёҳӣ дар соҳаи сайёҳии дохилӣ фарқ мекунад. Аз ҷумла, дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ ба масъулияти ширкатҳои сайёҳӣ меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ татбиқ карда мешаванд.

Тибқи моддаи 35 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9], ҳамкории байналмилалӣ дар бахши туризм мувофиқи

тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ба амал бароварда мешавад. Дар ин робита, ба масъулияти ширкатҳои сайёҳӣ на фақат қоидаҳои ҳуқуқи миллии Тоҷикистон, балки нормаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ низ татбиқ карда мешаванд.

Ба андешаи Ф.Д. Самизода, «дар муносибатҳои байналмилалии сайёҳӣ, масъулияти ширкатҳои сайёҳӣ метавонад мувофиқи қонунгузории кишвари муайян ё мувофиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ муайян карда шавад, ки ин дар худи шартнома пешбинӣ карда мешавад» [139, с. 171].

Дар асоси таҳлили зербоб, метавон хулосаҳои зеринро баён намуд:

1. Масъулияти мадании ширкатҳои сайёҳӣ аз рӯйи шартномаи хизматрасонии муздноки сайёҳӣ воситаи муҳимми ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон буда, ба таъмини иҷрои шартҳои шартнома мусоидат менамояд. Ин масъулият ширкатҳои сайёҳиро водор менамояд, ки уҳдадориҳои худро нисбат ба сайёҳон бо сифат ва дар муҳлати муқарраргардида иҷро намоянд.

2. Асосҳои пайдоиши масъулияти мадании ширкатҳои сайёҳӣ аз рӯйи шартномаи хидматрасонии муздноки сайёҳӣ иборатанд аз: вайрон кардани ӯҳдадорӣ (моддаи 452 Кодекси маданӣ) ва расонидани зарар (моддаи 453 Кодекси маданӣ). Вайрон кардани ӯҳдадорӣ метавонад дар шаклҳои гуногун зоҳир гардад, аз қабили иҷро накардани хидматҳои пешбининамудаи шартнома, иҷрои номатлуби хидматҳо (яъне сифаташон паст), вайрон кардани муҳлатҳои расонидани хидматҳо ва дигар шаклҳо.

3. Шаклҳои асосии масъулияти мадании ширкатҳои сайёҳӣ аз рӯйи шартномаи хизматрасонии муздноки сайёҳӣ ҷуброни зиёни воқеӣ, ҷуброни фоидаи аздастрафта, пардохти ноустуворона (ҷарима, пеня) ва ҷуброни зарари маънавӣ мебошанд. Дар баъзе мавридҳо, қонунгузорӣ

барои ҳифзи самараноки ҳуқуқи сайёҳон якчанд шакли масъулиятро дар як вақт пешбинӣ менамояд.

4. Ширкатҳои сайёҳӣ метавонанд дар ҳолатҳои муайян аз масъулияти маданӣ озод карда шаванд. Асосҳои озод кардан аз масъулият ҳолатҳои рафънопазир (форс-мажор) ва гуноҳи худи фармоишгар мебошанд (моддаи 462 ва 465 Кодекси маданӣ).

5. Вайрон кардани муҳлатҳои расонидани хизматрасониҳо яке аз намудҳои маъмултарини вайрон кардани шартҳои шартномаи хизматрасонии муздноки сайёҳӣ мебошад. Дар сурати вайрон кардани муҳлатҳои расонидани хизматрасониҳо, ширкати сайёҳӣ уҳдадор аст зиёни расонидашударо ҷуброн намояд, инчунин ҷаримае, ки дар шартнома пешбинӣ шудааст, пардохт намояд.

6. Таъмини сифат ва бехатарии хидматҳо яке аз вазифаҳои ҷудогона ва муҳимтарини ширкатҳои сайёҳӣ ба ҳисоб меравад. Дар сурате ки ширкат хидматҳои сифаташон паст пешниҳод кунад ё ба саломатӣ ё ҳаёти сайёҳ зарар расонад, ӯ вазифадор аст, ки зиёни воридшударо пурра ҷуброн намояд.

7. Дар раванди расонидани хизматрасониҳои сайёҳӣ, ширкатҳои сайёҳӣ дар назди сайёҳ барои амалҳои шахсони сеюме, ки барои иҷрои уҳдадориҳояшон ҷалб кардаанд, ҷавобгар мебошанд (моддаи 464 Кодекси маданӣ). Ин қоида барои ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон ҳамчун истеъмолкунандагон муқаррар карда шудааст.

8. Масъулияти мадании ширкатҳои сайёҳӣ дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ дорои хусусиятҳои хосе мебошад, ки онро аз масъулияти ширкатҳои сайёҳӣ дар соҳаи сайёҳии дохилӣ фарқ мекунад. Аз ҷумла, дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ ба масъулияти ширкатҳои сайёҳӣ меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ татбиқ карда мешаванд.

Дар асоси хулосаҳои дар боло зикргардида, пешниҳодҳои зерин оид ба такмили масъулияти мадании ширкатҳои сайёҳӣ аз рӯйи

шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд:

1. Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [10] ба таври муфассал асосҳо, шаклҳо ва ҳаҷми масъулияти ширкатҳои сайёҳиро аз рӯйи шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ муайян карда, барои ҳар намуди вайронкунӣ ҷавобгарии мушаххас пешбинӣ намояд.

2. Дар қонунгузории миллӣ талаботи ҳатмиро оид ба суғуртаи масъулияти ширкатҳои сайёҳӣ пешбинӣ намуда, механизмҳои амалисозии ин талабро муайян созад. Суғуртаи масъулият кафолати ҷуброни зараре мебошад, ки ба сайёҳон дар натиҷаи фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ расонида шудааст.

3. Барои ҳифзи самараноки ҳуқуқи сайёҳон, дар шартномаи хидматрасонии музднoки сайёҳӣ пешбинӣ намудани шартҳои ҳатмӣ оид ба масъулияти ширкатҳои сайёҳӣ, аз ҷумла мушаххас намудани андозаи масъулият, муҳлати масъулият, тартиби ҷуброни зиён ва ғайра.

4. Дар шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ ба таври муфассал муайян намудани ҳолатҳои рафънопазир ва оқибатҳои ҳуқуқии онҳо, аз ҷумла масъалаи озод кардан аз масъулият дар сурати ба амал омадани ин ҳолатҳо.

5. Барои ҳалли баҳсҳое, ки аз масъулияти мадании ширкатҳои сайёҳӣ сарчашма мегиранд, таъсиси судҳои ихтисосӣ ё ҳайатҳои судиро пешбинӣ намояд.

6. Дар ҳамкорӣ бо Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ (UNWTO) ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ, стандартҳои байналмилалии масъулияти ширкатҳои сайёҳиро таҳия намуда, онҳоро барои истифода дар қонунгузории миллӣ пешниҳод намояд.

# БОБИ 3. ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ САЙЁҲӢ

## 3.1. Таҳлили муқоисавии қонунгузории сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории давлатҳои хориҷа оид ба ҳолати ҳуқуқии ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди фаъоли сайёҳии байналмилалӣ, таҳлили муқоисавии қонунгузории сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории давлатҳои хориҷа аҳаммияти хосса пайдо менамояд. Ин таҳлил имкон медиҳад, ки самтҳои афзалиятноки такмили қонунгузории миллӣ дар бахши туризм муайян карда шаванд. Тибқи моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ», сиёсати давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ тавассути таҳия ва амалӣ намудани консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ ба роҳ монда мешавад.  Дар ин замина, омӯзиши таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ барои таҳияи чунин ҳуҷҷатҳо зарур мебошад.

Ба андешаи Д.Ш. Сангинов ва Ф.Д. Самизода, «дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Қазоқистон ва Узбекистон, дар солҳои охир ислоҳоти ҷиддӣ дар соҳаи танзими фаъолияти сайёҳӣ гузаронида шуда, ба содагардонии расмиёти маъмурӣ ва ҳавасмандгардонии соҳибкорон дар ин соҳа таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад» [149, с. 106]. Ин нишон медиҳад, ки кишварҳои ҳамсоя низ ба такмили қонунгузории сайёҳӣ аҳаммияти ҷиддӣ медиҳанд ва таҷрибаи онҳо метавонад барои Тоҷикистон муфид бошад.

Таҳлили муқоисавии қонунгузории сайёҳӣ инчунин ба муайян намудани стандартҳои умумии байналмилалӣ дар ин соҳа мусоидат менамояд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9] дар моддаи 35 ҳамкории байналмилалиро дар соҳаи сайёҳӣ пешбинӣ намудааст, ки дар доираи он мутобиқсозии қонунгузории миллӣ ба

меъёрҳои байналмилалӣ зарур мебошад. Дар ин маврид, С.А. Раҷабов қайд менамояд, ки «Созмони Умумиҷаҳонии Туризм (UNWTO) дар рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ ва мутобиқсозии қонунгузориҳои миллӣ нақши муҳим мебозад» [133, с. 14].

Барои гузаронидани таҳлили муқоисавии қонунгузории сайёҳӣ, дар ин таҳқиқот методологияи муайян истифода карда мешавад. Аз ҷумла, кишварҳои зерин барои таҳлили муқоисавӣ интихоб карда шудаанд: Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Узбекистон, Ҷумҳурии Туркия, Ҷумҳурии Фаронса, Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷопон. Интихоби ин кишварҳо бо асосҳои зерин муайян карда шудааст:

– Федератсияи Русия – ҳамчун кишвари дорои таҷрибаи таърихии умумӣ ва ҳамкориҳои наздик дар соҳаи ҳуқуқ;

– Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Узбекистон – ҳамчун кишварҳои ҳамсоя дар Осиёи Марказӣ бо шароити шабеҳи иқлимӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ;

– Ҷумҳурии Туркия – ҳамчун давлати пешрафта дар бахши туризм, ки таҷрибаи ғании дастгирии давлатӣ дорад;

– Ҷумҳурии Фаронса – ҳамчун кишваре, ки дорои низоми ҳуқуқии пурра ва мукаммал дар соҳаи туризм мебошад;

– Ҷумҳурии Мардумии Чин – ҳамчун давлате, ки иқтисодиёти босуръати рушдёбанда ва таҷрибаи навоварона дар бахши туризм дорад;

– Ҷопон – ҳамчун кишваре, ки дорои таҷрибаи ғанӣ дар соҳаи рушди устувори туризм ва ҳифзи манфиатҳои ҷомеаҳои маҳаллӣ мебошад.

Таҳлили муқоисавӣ аз рӯйи меъёрҳои зерин гузаронида мешавад:

– муайян намудани мафҳумҳои асосӣ ва субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ;

– шаклҳои ташкилию ҳуқуқии муассисаҳои тиҷоратии сайёҳӣ;

– тартиби таъсис ва бақайдгирии муассисаҳои тиҷоратии сайёҳӣ;

– иҷозатдиҳӣ (литсензия) барои фаъолияти сайёҳӣ;

– ҳуқуқу вазифаҳои муассисаҳои тиҷоратии сайёҳӣ;

– масъулияти муассисаҳои тиҷоратии сайёҳӣ;

– шартномаи хидматрасонии сайёҳӣ;

– дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сайёҳӣ;

– ҳамкории байналмилалӣ дар бахши туризм.

Федератсияи Русия ҳамчун як кишвари дорои таҷрибаи бой дар соҳаи танзими ҳуқуқии сайёҳӣ барои Тоҷикистон аҳаммияти калон дорад. Қонуни федералии Федератсияи Русия «Дар бораи асосҳои фаъолияти сайёҳӣ дар Федератсияи Русия» [273] яке аз қонунҳои асосии танзимкунандаи фаъолияти сайёҳӣ дар ин кишвар мебошад. Ин қонун дар соли 1996 қабул шуда, дар давоми фаъолияти худ такроран такмил ёфтааст. Дар қонунгузории Русия, ба монанди Тоҷикистон, субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ ба туроператорон ва турагентҳо ҷудо карда мешаванд.

Мувофиқи моддаи 1 Қонуни федералии Русия, «фаъолияти танзимгари сайёҳӣ фаъолияти ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ, таблиғ ва фурӯши он мебошад, ки дар асоси иҷозатнома (литсензия) амалӣ карда мешавад. Фаъолияти агентии сайёҳӣ фаъолияти таблиғ ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ мебошад, ки дар асоси шартнома бо туроператор амалӣ карда мешавад» [273]. Дар ин маврид, Е.А. Батищев қайд менамояд, ки «тақсими фаъолияти танзимгари сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ дар қонунгузории Русия ба муайян намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳар яке аз ин субъектҳо ва масъулияти онҳо дар назди сайёҳон мусоидат менамояд» [225, с. 67].

Яке аз хусусиятҳои муҳимми қонунгузории Русия дар соҳаи сайёҳӣ, талаботи бақайдгирии давлатии туроператорон дар феҳристи ягонаи федералии туроператорон мебошад. Мувофиқи моддаи 4.1 Қонуни федералии Русия [273], феҳристи ягонаи федералии туроператорон аз

ҷониби мақоми ваколатдори федералӣ дар соҳаи туризм пешбурд карда мешавад. Дар ин феҳрист маълумот дар бораи номи туроператор, маҳалли ҷойгиршавии он, андозаи масъулияти молиявӣ, рақами қайди давлатӣ, рақами андозсупоранда ва дигар маълумотҳо дарҷ карда мешаванд.

Ба андешаи Е.А. Батищев, «талаботи бақайдгирии давлатии туроператорон дар Русия имкон медиҳад, ки фаъолияти онҳо назорат карда шавад ва дар сурати вайрон кардани уҳдадориҳо, ҷавобгарии онҳо муайян карда шавад» [225, с. 98]. Дар Тоҷикистон низ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9] дар моддаи 12 Феҳристи давлатии субъектҳои хизматрасонии сайёҳиро пешбинӣ намудааст. Аммо дар Тоҷикистон ин феҳрист ҳанӯз пурра фаъолият накарда, маълумот дар он ба таври мунтазам нав карда намешавад.

Дар мавриди иҷозатдиҳии фаъолияти сайёҳӣ, дар Русия иҷозатдиҳии фаъолияти танзимгари сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ дар соли 2007 аз байн бурда шуд. Аммо баъзе намудҳои фаъолият, аз қабили фаъолияти меҳмонхонаҳо, фаъолияти ташкили сайёҳии кӯҳӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда ба иҷозатдиҳии ҳатмӣ тобеъ мебошанд. Дар ин маврид, Н.А. Ган қайд менамояд, ки «аз байн бурдани иҷозатдиҳии фаъолияти танзимгари сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ дар Русия ба содагардонии тартиби ворид шудан ба бозори хизматрасонии сайёҳӣ ва ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории хурду миёна дар ин соҳа мусоидат намуд» [227, с. 89].

Яке аз хусусиятҳои муҳимми қонунгузории Русия дар соҳаи сайёҳӣ, талабот оид ба таъмини масъулияти молиявии туроператорон мебошад. Мувофиқи моддаи 17.1 Қонуни федералии Русия [273], туроператорон уҳдадоранд, ки шартномаи суғуртаи масъулият ё кафолати бонкиро дошта бошанд. Андозаи ин масъулияти молиявӣ вобаста ба намуди кори туроператор муайян карда мешавад ва барои туроператорони сайёҳи байналмилалӣ (хориҷӣ) на камтар аз 10 миллион рубл, барои

туроператорони сайёҳи дохилӣ на камтар аз 500 ҳазор рубл муқаррар карда шудааст.

Дар ин маврид, Е.А. Батищев қайд менамояд, ки «талаботи суғуртаи масъулият ё кафолати бонкӣ барои туроператорон дар Русия кафолати муҳимми ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон ба шумор меравад, зеро он имкон медиҳад, ки дар сурати шикасти туроператор зарари расонидашуда ба сайёҳон барқарор карда шавад» [225, с. 112]. Дар Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9] дар моддаи 21 суғуртаи ихтиёрии хатарҳоро ҳангоми сайёҳӣ пешбинӣ намудааст, аммо суғуртаи масъулияти туроператорон ҳатмӣ нест. Дар ин замина, истифодаи таҷрибаи Русия метавонад ба такмили қонунгузории Тоҷикистон мусоидат намояд.

Дар Русия, ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳои сайёҳӣ дар рушди соҳа нақши ҷудогона мебозанд. Тибқи моддаи 14 Қонуни федералии Русия, «ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳои сайёҳӣ барои ҳамоҳангсозии кори иштирокчиёни бозори туризм, ҳифзи манфиатҳои онҳо, таҳияи стандартҳои сифат ва бехатарӣ, инчунин барои рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ таъсис дода мешаванд» [273]. Аз ҷумла, Ассотсиатсияи Туроператорони Русия (АТОР) ва Иттиҳоди Сайёҳии Русия (РСТ) фаъолияти фаъол дошта, дар таҳияи қонунгузорӣ ва ҳалли мушкилоти соҳа ширкат меварзанд.

Ба андешаи Е.Л. Писаревский, «ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳои сайёҳӣ дар Русия ба воситаи иштирок дар таҳияи қонунгузорӣ, ҳимояи манфиатҳои аъзои худ дар мақомоти давлатӣ, таҳияи стандартҳои касбӣ ва ҳалли баҳсҳо, ба рушди соҳаи сайёҳӣ саҳми назаррас мегузоранд» [237, с. 201]. Дар Тоҷикистон низ Ассотсиатсияи сайёҳии Тоҷикистон ва дигар иттиҳодияҳои сайёҳӣ фаъолият менамоянд, аммо ваколатҳои онҳо ҳанӯз пурра муайян нашудаанд.

Ҷумҳурии Қазоқистон ҳамчун кишвари ҳамсоя дар Осиёи Марказӣ барои Тоҷикистон аҳаммияти калон дорад. Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи фаъолияти сайёҳӣ» [255] дар соли 2001 қабул шуда, дар солҳои баъдӣ такмил ёфтааст. Дар қонунгузории Қазоқистон, ба монанди Тоҷикистон, субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ ба туроператорон ва турагентҳо ҷудо карда мешаванд.

Мувофиқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон, «фаъолияти танзимгари сайёҳӣ фаъолияти ташаккули маҳсулоти сайёҳӣ, инчунин фаъолияти таблиғ ва фурӯши он мебошад. Фаъолияти агентии сайёҳӣ фаъолияти таблиғ ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ дар асоси шартнома бо туроператор мебошад» [255]. Дар ин маврид, Ш.Я. Қурбонов қайд менамояд, ки «тақсими фаъолияти танзимгари сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ дар қонунгузории Қазоқистон ба муайян намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳар яке аз ин субъектҳо мусоидат менамояд» [114, с. 85].

Дар Қазоқистон, ба монанди Тоҷикистон, иҷозатдиҳии фаъолияти танзимгари сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ аз соли 2016 аз байн бурда шудааст. Ин тағйирот ба содагардонии тартиби ворид шудан ба бозори хизматрасонии сайёҳӣ ва ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории хурду миёна дар ин соҳа равона карда шудааст. Аммо баъзе намудҳои фаъолият, аз қабили фаъолияти меҳмонхонаҳо, фаъолияти ташкили сайёҳии кӯҳӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда ба иҷозатдиҳии ҳатмӣ тобеъ мебошанд.

Дар ин маврид, Ш.Я. Курбонов, Д.Н. Ёров ва И.Р. Иброхимов қайд менамоянд, ки «аз байн бурдани иҷозатдиҳии фаъолияти танзимгари сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ дар Қазоқистон ба афзоиши шумораи субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ ва рушди рақобат дар ин соҳа мусоидат намуд» [115, с. 83].

Яке аз хусусиятҳои муҳимми қонунгузории Қазоқистон дар соҳаи сайёҳӣ, таъсиси минтақаҳои сайёҳии афзалиятнок ва додани имтиёзҳои

андозӣ ба субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ дар ин минтақаҳо мебошад. Мувофиқи моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон [255], ба субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ дар минтақаҳои сайёҳии афзалиятнок имтиёзҳои андозӣ, аз ҷумла озод кардан аз пардохти андозҳои муайян барои давраи муайян дода мешавад.

Ба андешаи Ш.Я. Қурбонов, «таъсиси минтақаҳои сайёҳии афзалиятнок ва додани имтиёзҳои андозӣ дар Қазоқистон ба ҷалби сармоягузориҳо ба соҳаи сайёҳӣ ва рушди инфрасохтори сайёҳӣ мусоидат намуд» [114, с. 87]. Дар Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9] дар моддаи 33 минтақаҳои сайёҳиро пешбинӣ намудааст, аммо механизмҳои мушаххаси таъсиси минтақаҳои сайёҳӣ ва додани имтиёзҳои андозӣ ҳанӯз пурра таҳия нашудаанд.

Дар Қазоқистон, ба рушди кластерҳои сайёҳӣ аҳаммияти калон дода мешавад. Мувофиқи моддаи 16-1 Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон [255], кластерҳои сайёҳӣ маҷмуи субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ мебошанд, ки дар як ҳудуд ҷойгир шуда, барои рушди сайёҳӣ ҳамкорӣ менамоянд. Барои рушди кластерҳои сайёҳӣ, дастгирии давлатӣ дар шакли грантҳо, имтиёзҳои андозӣ ва дигар шаклҳо пешбинӣ карда мешавад.

Дар Тоҷикистон низ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» дар моддаи 33 кластерҳои сайёҳиро пешбинӣ намудааст. Тибқи ин модда, «кластерҳои сайёҳӣ маҷмуи пешниҳодкунандагони хидматҳои сайёҳӣ мебошанд, ки бо сабаби наздикии ҳудудҳо ва вобастагии кориашон ба ҳамдигар алоқаманд буда, барои қонеъ гардонидани талабот ба хидматҳои сайёҳӣ дар ҳудуди як ё якчанд минтақаи кишвар ҷойгир карда мешаванд» [9]. Аммо воситаҳои амалӣ намудани ин муқаррарот ҳанӯз пурра таҳия карда нашудаанд.

Ҷумҳурии Узбекистон дар солҳои охир ислоҳоти ҷиддиро дар соҳаи сайёҳӣ амалӣ намуда, ба рушди ин соҳа аҳаммияти калон медиҳад.

Қонуни Ҷумҳурии Узбекистон «Дар бораи туризм» [257] дар соли 2019 дар таҳрири нав қабул шуда, механизмҳои самараноки танзими соҳаро пешбинӣ намудааст. Дар қонунгузории Узбекистон, ба монанди Тоҷикистон, шаклҳои гуногуни сайёҳӣ, аз ҷумла сайёҳии экологӣ, сайёҳии кӯҳӣ, сайёҳии санаторӣ-курортӣ ва ғайра муайян карда шудаанд.

Мувофиқи моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Узбекистон [257], субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ ба туроператорон, турагентҳо ва дигар ташкилотҳои пешниҳодкунандаи хизматрасониҳои сайёҳӣ ҷудо карда мешаванд. Дар ин маврид, Б. Азиззода қайд менамояд, ки «дар Узбекистон ба рушди ҳар як намуди сайёҳӣ барномаҳои махсус қабул карда шудаанд, ки ин ба рушди устувори соҳа мусоидат менамояд» [100, с. 277].

Яке аз хусусиятҳои муҳимми қонунгузории Узбекистон дар соҳаи сайёҳӣ, ҷорӣ намудани низоми «визаи электронӣ» барои сайёҳони хориҷӣ мебошад. Мувофиқи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Узбекистон [257], барои сайёҳони хориҷӣ визаи электронӣ дар асоси муроҷиати онлайн дода мешавад. Ин тадбир ба афзоиши назарраси шумораи сайёҳони хориҷӣ дар Узбекистон мусоидат намудааст.

Ба андешаи Ҷ.Н. Машокиров, «ҷорӣ намудани низоми «визаи электронӣ» дар Узбекистон ба афзоиши шумораи сайёҳони хориҷӣ ва рушди соҳаи сайёҳӣ мусоидат намуд» [116, с. 168]. Дар Тоҷикистон низ дар ин самт тадбирҳо андешида шудаанд, вале ҳанӯз пурра ҷорӣ нашудаанд.

Дар Узбекистон, ба монанди Тоҷикистон, феҳристи ягонаи электронии субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ пешбинӣ шудааст. Мувофиқи моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Узбекистон [257], феҳристи ягонаи электронии субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи туризм пешбурд карда мешавад. Ин

феҳрист барои дастрасии умумӣ кушода буда, дар он маълумот дар бораи ҳамаи субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ дарҷ карда мешавад.

Дар Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9] дар моддаи 12 Феҳристи давлатии субъектҳои хизматрасонии сайёҳиро пешбинӣ намудааст. Аммо дар Тоҷикистон ин феҳрист ҳанӯз пурра фаъолият накарда, маълумот дар он ба таври мунтазам нав карда намешавад. Дар ин маврид, таҷрибаи Узбекистон дар бобати пешбурди феҳристи ягонаи электронӣ метавонад барои Тоҷикистон муфид бошад.

Дар Узбекистон, барои ҳавасмандгардонии фаъолияти сайёҳӣ як қатор имтиёзҳо пешбинӣ карда шудаанд. Мувофиқи моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Узбекистон [257], ба субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ имтиёзҳои андозӣ, аз ҷумла озод кардан аз пардохти андозҳои муайян барои давраи муайян, татбиқи коэффитсиентҳои камкунанда ба меъёрҳои андоз ва дигар имтиёзҳо дода мешавад.

Дар Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9] дар моддаи 30 имтиёзҳоро барои субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ пешбинӣ намудааст. Аммо ин имтиёзҳо ҳанӯз пурра муайян нашудаанд ва механизмҳои амалисозии онҳо таҳия нагардидаанд.

Ҷумҳурии Туркия яке аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон дар соҳаи сайёҳӣ мебошад. Қонуни Ҷумҳурии Туркия «Дар бораи туризм» [259] дар соли 1982 қабул шуда, дар давоми солҳои зиёд такмил ёфтааст. Дар қонунгузории Туркия, ба монанди Тоҷикистон, субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ ба туроператорон ва турагентҳо ҷудо карда мешаванд. Аммо дар Туркия низоми иҷозатдиҳии фаъолияти сайёҳӣ нигоҳ дошта шудааст.

Мувофиқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Туркия м259], фаъолияти танзимгари сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ танҳо дар асоси иҷозатномаи (литсензияи) махсус амалӣ карда мешавад. Барои гирифтани иҷозатнома, субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ бояд ба талаботи муайян, аз

ҷумла доштани сармояи оинномавии муайян, доштани кормандони баландихтисос ва ғайра ҷавобгӯ бошанд. Дар ин маврид, Ҷ.Н. Машокиров қайд менамояд, ки «низоми иҷозатдиҳии фаъолияти танзимгари сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ дар Туркия ба таъмини сифати хизматрасониҳо ва ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон мусоидат менамояд» [117, с. 168].

Яке аз хусусиятҳои муҳимми қонунгузории Туркия дар соҳаи сайёҳӣ, таъсиси минтақаҳои махсуси сайёҳӣ ва додани имтиёзҳои ҷиддии андозӣ ба сармоягузорон дар ин минтақаҳо мебошад. Мувофиқи моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Туркия [259], минтақаҳои махсуси сайёҳӣ дар ҳудудҳое таъсис дода мешаванд, ки дорои захираҳои ғании сайёҳӣ мебошанд. Дар ин минтақаҳо, ба сармоягузорон имтиёзҳои ҷиддии андозӣ, аз ҷумла озод кардан аз пардохти андозҳои муайян барои давраи то 10 сол дода мешавад.

Ба андешаи Д.Ш. Сангинов, «таҷрибаи Туркия дар соҳаи ҳавасмандгардонии фаъолияти сайёҳӣ, бахусус дар самти ҷалби сармоягузориҳо ва рушди инфрасохтори сайёҳӣ, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад самаранок бошад» [87, с. 278]. Дар Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9] дар моддаи 33 минтақаҳои сайёҳиро пешбинӣ намудааст, аммо механизмҳои мушаххаси таъсиси минтақаҳои махсуси сайёҳӣ ва додани имтиёзҳо ҳанӯз пурра таҳия нашудаанд.

Дар Туркия, барои сайёҳони хориҷӣ суғуртаи ҳатмии тиббӣ пешбинӣ шудааст. Мувофиқи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Туркия [259], сайёҳони хориҷӣ ҳангоми воруд ба Туркия уҳдадоранд, ки суғуртаи тиббӣ дошта бошанд. Ин суғурта хароҷоти табобатиро дар сурати беморӣ ё ҳодисаҳои нохуш дар ҳудуди Туркия фаро мегирад.

Дар Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9] дар моддаи 21 суғуртаи ихтиёрии хатарҳоро ҳангоми сайёҳӣ пешбинӣ намудааст. Аммо суғуртаи ҳатмии сайёҳон дар Тоҷикистон

ҳанӯз ҷорӣ нашудааст. Дар ин маврид, таҷрибаи Туркия метавонад барои такмили қонунгузории Тоҷикистон муфид бошад.

Дар Туркия, ба рушди ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи сайёҳӣ аҳаммияти калон дода мешавад. Мувофиқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Туркия [259], барои ҳамоҳангсозии фаъолияти давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи сайёҳӣ шуроҳои машваратӣ ва гурӯҳҳои кории муштарак таъсис дода мешаванд. Ин шуроҳо дар таҳияи стратегияҳо ва барномаҳои рушди сайёҳӣ иштирок менамоянд.

Дар Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9] дар моддаи 13 Шурои ҳамоҳангсозии миллии рушди соҳаи сайёҳиро пешбинӣ намудааст. Аммо ин шуро асосан дар сатҳи давлатӣ фаъолият намуда, иштироки бахши хусусӣ дар он маҳдуд мебошад. Дар ин маврид, таҷрибаи Туркия дар бобати ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ метавонад барои Тоҷикистон муфид бошад.

Фаронса яке аз пешрафтатарин кишварҳои ҷаҳон дар бахши туризм ба ҳисоб меравад. Кодекси сайёҳии Фаронса маҷмуи пурраи қоидаҳои ҳуқуқиро дар соҳаи туризм, аз ҷумла талабот ба муассисаҳои сайёҳӣ, тартиби расонидани хидматҳои сайёҳӣ, ҳуқуқу вазифаҳои сайёҳон, масъулияти муассисаҳои сайёҳӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Кодекси сайёҳии Фаронса аз панҷ қисми асосӣ иборат буда, дар он меъёрҳои ҳуқуқии марбут ба ташкили фаъолияти сайёҳӣ, ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон, рушди зерсохтори сайёҳӣ, ҳамкории байналмилалӣ ва дигар масъалаҳо танзим карда шудаанд. Тибқи моддаи L211-1 Кодекси сайёҳии Фаронса [262], субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ ба ду гурӯҳ – туроператорон ва турагентҳо ҷудо карда мешаванд. Туроператорон шахсоне мебошанд, ки маҷмуи хидматҳои сайёҳиро тартиб дода (ташаккул медиҳанд) ва онро ба номи худ мефурӯшанд. Турагентҳо шахсоне мебошанд, ки маҷмуи хидматҳои сайёҳии туроператоронро ба номи туроператор ба фурӯш мегузоранд.

Дар ин маврид, Ю.А. Хамова қайд менамояд, ки «тақсими вазифаҳои туроператорон ва турагентҳо дар қонунгузории Фаронса ба муайян намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳар яке аз ин субъектҳо ва масъулияти онҳо дар назди сайёҳон мусоидат менамояд» [246, с. 98].

Дар Фаронса, ба монанди Туркия, низоми иҷозатдиҳии фаъолияти сайёҳӣ нигоҳ дошта шудааст. Мувофиқи моддаи L211-3 Кодекси сайёҳи Фаронса [262], фаъолияти танзимгари сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ танҳо дар асоси иҷозатномаи махсус амалӣ карда мешавад. Барои гирифтани иҷозатнома, субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ бояд ба талаботи муайян, аз ҷумла доштани суғуртаи масъулияти касбӣ, доштани кафолати молиявӣ барои баргардонидани маблағҳо ба сайёҳон, доштани кормандони баландихтисос ва ғайра ҷавобгӯ бошанд.

Ба андешаи Ю.А. Хамова, «низоми иҷозатдиҳии фаъолияти сайёҳӣ дар Фаронса ба таъмини сифати хизматрасониҳо, ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон ва мубориза бо рақобати ғайриқонунӣ дар ин соҳа мусоидат менамояд» [246, с. 102].

Яке аз хусусиятҳои муҳимми қонунгузории Фаронса дар соҳаи сайёҳӣ, мавҷудияти меъёрҳои муфассал оид ба шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ мебошад. Кодекси сайёҳии Фаронса дар моддаҳои L211-1 то L211-16 шартҳои ҳатмии шартномаи хизматрасонии сайёҳиро муайян намуда, ба ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон ҳамчун истеъмолкунандагон аҳаммияти калон медиҳад. Мувофиқи ин моддаҳо, «дар шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ бояд маълумоти муфассал дар бораи туроператор ё турагент, маълумот дар бораи хизматрасониҳои пешбинишуда, нарх, тартиби пардохт, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо, тартиби қатъи шартнома, мавҷудияти суғурта ва ғайра дарҷ карда шавад».

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9] дар моддаи 27 шартномаи хизматрасонии сайёҳиро танзим намудааст, аммо ин муқаррарот нисбатан мухтасар мебошанд. Дар ин маврид, таҷрибаи

Фаронса дар бобати танзими муфассали шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ метавонад барои такмили қонунгузории Тоҷикистон муфид бошад.

Дар Фаронса, ба ҳуқуқи сайёҳон барои гирифтани маълумот аҳаммияти калон дода мешавад. Мувофиқи моддаи L211-5 Кодекси сайёҳии Фаронса, «туроператорон ва турагентҳо уҳдадоранд, ки ба сайёҳон маълумоти мукаммал ва дуруст дар бораи хизматрасониҳо, шароити сафар, хавфҳои эҳтимолӣ, талаботи визавӣ, талаботи суғурта ва ғайра пешниҳод намоянд. Дар сурати пешниҳод накардани маълумоти зарурӣ, туроператор ё турагент дар назди сайёҳ ҷавобгар мебошад» [262].

Дар Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9] дар моддаи 24 таъмини амнияти сайёҳонро пешбинӣ намудааст, ки дар доираи он пешниҳоди маълумот ба сайёҳон дар бораи хатарҳои эҳтимолӣ зарур мебошад. Аммо ин муқаррарот нисбатан умумӣ буда, ба таври муфассал танзим нашудааст. Дар ин маврид, таҷрибаи Фаронса метавонад барои такмили қонунгузории Тоҷикистон муфид бошад.

Ҷумҳурии Мардумии Чин дар солҳои охир ба рушди соҳаи сайёҳӣ аҳаммияти калон медиҳад. Қонуни Ҷумҳурии Мардумии Чин «Дар бораи туризм» [251] дар соли 2012 қабул шуда, дар соли 2018 такмил ёфтааст. Дар қонунгузории Чин, ба монанди Тоҷикистон, шаклҳои гуногуни сайёҳӣ, аз ҷумла сайёҳии экологӣ, сайёҳии фарҳангӣ, сайёҳии деҳотӣ ва ғайра муайян карда шудаанд. Аммо дар Чин ба рушди ҳар як намуди сайёҳӣ барномаҳои махсус қабул карда шудаанд.

Мувофиқи моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Мардумии Чин [251], субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ ба туроператорон, турагентҳо ва муассисаҳои пешниҳодкунандаи хизматрасониҳои сайёҳӣ ҷудо карда мешаванд. Дар ин маврид, Б.Б. Азимов қайд менамояд, ки «дар Чин ба

рушди ҳар як намуди сайёҳӣ барномаҳои махсус қабул карда шудаанд, ки ин ба рушди устувори соҳа мусоидат менамояд» [101, с. 81].

Яке аз хусусиятҳои муҳимми қонунгузории Чин дар соҳаи сайёҳӣ, талаботи баланд ба сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ ва масъулияти қатъии ташкилотҳои сайёҳӣ дар назди сайёҳон мебошад. Дар Чин низоми самараноки сертификатсияи ташкилотҳои сайёҳӣ ва кормандони онҳо ҷорӣ шудааст. Мувофиқи моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Мардумии Чин [251], ташкилотҳои сайёҳӣ ва кормандони онҳо бояд сертификатсияи махсусро гузаронанд. Сертификатсия дар асоси стандартҳои миллии сифат ва бехатарӣ гузаронида мешавад.

Дар Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9] дар моддаи 34 сертификатсияи маҳсулоти сайёҳӣ, мол ва хизматрасониҳоро пешбинӣ намудааст. Аммо ин низом ҳанӯз пурра ҷорӣ нашудааст. Дар ин маврид, таҷрибаи Чин дар бобати ҷорӣ намудани низоми самараноки сертификатсия метавонад барои Тоҷикистон муфид бошад.

Дар Чин ҷиҳати баҳисобгирии захираҳои сайёҳӣ аҳаммияти калон дода мешавад. Мувофиқи моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Мардумии Чин [251], кадастри миллии захираҳои сайёҳӣ таҳия карда мешавад, ки дар он маълумот дар бораи ҳамаи захираҳои сайёҳӣ, аз ҷумла захираҳои табиӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва ғайра дарҷ карда мешавад. Кадастри миллии захираҳои сайёҳӣ барои банақшагирии рушди сайёҳӣ ва ҳифзи захираҳои сайёҳӣ аҳаммияти калон дорад.

Дар Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9] дар моддаи 19 Кадастри давлатии захираҳои сайёҳиро пешбинӣ намудааст. Аммо ин кадастр ҳанӯз пурра таҳия нашудааст. Дар ин маврид, таҷрибаи Чин дар бобати таҳия ва пешбурди кадастри миллии захираҳои сайёҳӣ метавонад барои Тоҷикистон муфид бошад.

Дар Чин, ба мубориза бо рақобати ғайриқонунӣ дар соҳаи сайёҳӣ аҳаммияти калон дода мешавад. Мувофиқи моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Мардумии Чин [251], фаъолияти сайёҳӣ бидуни иҷозатнома, пешниҳоди маълумоти бардурӯғ ба сайёҳон, нархҳои инҳисорӣ, ташкили картелҳо ва дигар шаклҳои рақобати ғайриқонунӣ манъ аст. Барои вайрон кардани ин қоидаҳо, ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст.

Дар Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» [7] муқаррароти умумиро оид ба мубориза бо рақобати ғайриқонунӣ дар ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла соҳаи сайёҳӣ пешбинӣ намудааст. Аммо механизмҳои махсуси мубориза бо рақобати ғайриқонунӣ дар соҳаи сайёҳӣ ҳанӯз пурра таҳия нашудаанд. Дар ин маврид, таҷрибаи Чин метавонад барои такмили қонунгузории Тоҷикистон муфид бошад.

Ҷопон яке аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон дар соҳаи сайёҳӣ мебошад. Қонуни Ҷопон «Дар бораи мусоидат ба сайёҳӣ» [261] дар соли 2007 қабул шуда, дар солҳои баъдӣ такмил ёфтааст. Дар қонунгузории Ҷопон, ба монанди Тоҷикистон, субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ ба туроператорон ва турагентҳо ҷудо карда мешаванд. Аммо дар Ҷопон низоми иҷозатдиҳии фаъолияти сайёҳӣ нигоҳ дошта шудааст.

Мувофиқи моддаи 6 Қонуни Ҷопон [261], фаъолияти танзимгари сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ танҳо дар асоси иҷозатномаи махсус амалӣ карда мешавад. Барои гирифтани иҷозатнома, субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ бояд ба талаботи муайян, аз ҷумла доштани сармояи оинномавии муайян, доштани кормандони баландихтисос, доштани суғуртаи масъулият ва ғайра ҷавобгӯ бошанд. Дар ин маврид, Д.Ш. Сангинзода ва Ф.Д. Самизода қайд менамоянд, ки «низоми иҷозатдиҳии фаъолияти сайёҳӣ дар Ҷопон ба таъмини сифати

хизматрасониҳо ва ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон мусоидат менамояд» [149, с. 108].

Яке аз хусусиятҳои муҳимми қонунгузории Ҷопон дар соҳаи сайёҳӣ, таваҷҷуҳ ба рушди устувори сайёҳӣ ва ҳифзи манфиатҳои ҷомеаҳои маҳаллӣ мебошад. Мувофиқи моддаи 2 Қонуни Ҷопон, «рушди сайёҳӣ бояд ба таври устувор сурат гирад, яъне ба манфиатҳои ҷомеаҳои маҳаллӣ зарар нарасонад, захираҳои табиӣ ва фарҳангиро ҳифз намояд ва ба рушди иқтисодии ҷомеаҳои маҳаллӣ мусоидат кунад. Ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди сайёҳӣ, назари аҳолии маҳаллӣ ба инобат гирифта мешавад» [261].

Дар Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9] дар моддаи 5 принсипҳои фаъолият дар соҳаи сайёҳиро муайян намудааст, ки аз ҷумла таъмини истифодаи оммавии захираҳои сайёҳиро дар бар мегирад. Аммо механизмҳои ҳифзи манфиатҳои ҷомеаҳои маҳаллӣ дар раванди рушди сайёҳӣ ҳанӯз пурра таҳия нашудаанд. Дар ин маврид, таҷрибаи Ҷопон дар бобати рушди устувори сайёҳӣ метавонад барои Тоҷикистон муфид бошад.

Дар Ҷопон, ба ҳамкории байниидоравӣ дар соҳаи сайёҳӣ аҳаммияти калон дода мешавад. Мувофиқи моддаи 4 Қонуни Ҷопон [261], барои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти гуногуни давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ, Шурои байниидоравӣ оид ба рушди сайёҳӣ таъсис дода мешавад. Ин шуро аз намояндагони вазоратҳо ва идораҳои дахлдор иборат буда, масъалаҳои стратегии рушди сайёҳиро ҳал менамояд.

Дар Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9] дар моддаи 7 салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи сайёҳӣ муайян намудааст, ки аз ҷумла таъсиси Шурои ҳамоҳангсозии миллӣ оид ба рушди соҳаи сайёҳиро дар бар мегирад. Аммо ин шуро асосан дар сатҳи миллӣ фаъолият намуда, ҳамкории байниидоравиро дар сатҳи минтақавӣ ва маҳаллӣ таъмин намекунад.

Дар ин маврид, таҷрибаи Ҷопон дар бобати ҳамкории байниидоравӣ метавонад барои Тоҷикистон муфид бошад.

Дар Ҷопон ба рушд ва ташвиқи сайёҳи дохилӣ аҳаммияти ҷиддӣ дода мешавад. Тибқи моддаи 5 Қонуни Ҷопон [261], барои таблиғу ташвиқи сайёҳи дохилӣ як қатор чорабиниҳо, аз ҷумла таъсиси марказҳои иттилоотии сайёҳӣ, омода намудани маводҳои таблиғотии сайёҳӣ, гузаронидани чорабиниҳои фарҳангии марбут ба туризм, додани имтиёзҳо ба сайёҳони дохилӣ ва ғайра пешбинӣ карда шудаанд.

Дар Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9] дар моддаи 17 дастрасии иттилоотро дар бахши сайёҳӣ пешбинӣ намудааст, ки дар доираи он шабакаҳои соҳавии телевизионӣ, радиоӣ, рӯзномаву маҷаллаҳои даврӣ ва сомонаи миллии интернетӣ ташкил карда мешаванд. Аммо механизмҳои мушаххаси ташвиқи сайёҳии дохилӣ ҳанӯз пурра таҳия нашудаанд. Дар ин маврид, таҷрибаи Ҷопон метавонад барои такмили қонунгузории Тоҷикистон муфид бошад.

Дар асоси таҳлили зербоб, метавон хулосаҳои зеринро баён намуд:

1. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9] ва Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [10], асосҳои ҳуқуқии фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳиро муайян намудааст. Аммо бо назардошти таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ, такмили минбаъдаи ин қонунгузорӣ зарур мебошад.

2. Дар аксари кишварҳои таҳлилшуда, иҷозатдиҳии фаъолияти танзимгари сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ нигоҳ дошта шудааст. Дар Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9] иҷозатдиҳии фаъолияти танзимгари сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ пешбинӣ накардааст, аммо дар бораи иҷозатдиҳии баъзе намудҳои фаъолият, ки бо сайёҳӣ алоқамананданд, муқаррароти махсус вуҷуд дорад.

3. Дар Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Туркия, Фаронса, Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷопон суғуртаи ҳатмии масъулияти туроператорон пешбинӣ шудааст. Дар Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9] суғуртаи ихтиёрии хатарҳоро ҳангоми сайёҳӣ пешбинӣ намудааст, аммо суғуртаи масъулияти туроператорон ҳатмӣ нест.

4. Дар Ҷумҳурии Туркия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Узбекистон ва дигар кишварҳо ба рушди минтақаҳои махсуси сайёҳӣ ва додани имтиёзҳои андозӣ ба субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ дар ин минтақаҳо аҳаммияти калон дода мешавад. Дар Тоҷикистон низ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9] минтақаҳои сайёҳиро пешбинӣ намудааст, аммо механизмҳои амалисозии ин муқаррарот ҳанӯз пурра таҳия нашудаанд.

5. Дар Ҷумҳурии Узбекистон низоми «визаи электронӣ» барои сайёҳони хориҷӣ ҷорӣ карда шудааст. Дар Тоҷикистон низ дар ин самт тадбирҳо андешида шудаанд, вале ҳанӯз пурра ҷорӣ нашудаанд.

6. Дар Фаронса, шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ ба таври муфассал танзим карда шуда, шартҳои ҳатмии он муайян карда шудаанд. Дар Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9] шартномаи хизматрасонии сайёҳиро танзим намудааст, аммо ин муқаррарот нисбатан мухтасар мебошанд.

7. Дар Ҷумҳурии Мардумии Чин низоми самараноки сертификатсияи ташкилотҳои сайёҳӣ ва кормандони онҳо ҷорӣ шудааст. Дар Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9] сертификатсияи маҳсулоти сайёҳӣ, мол ва хизматрасониҳоро пешбинӣ намудааст, аммо ин низом ҳанӯз пурра ҷорӣ нашудааст.

8. Дар Ҷопон, ба рушди устувори сайёҳӣ ва ҳифзи манфиатҳои ҷомеаҳои маҳаллӣ аҳаммияти калон дода мешавад. Дар Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9] принсипҳои

фаъолият дар соҳаи сайёҳиро муайян намудааст, ки аз ҷумла таъмини истифодаи оммавии захираҳои сайёҳиро дар бар мегирад, аммо механизмҳои ҳифзи манфиатҳои ҷомеаҳои маҳаллӣ ҳанӯз пурра таҳия нашудаанд.

Дар асоси хулосаҳои дар боло зикргардида, пешниҳодҳои зерин оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ оид ба ҳолати ҳуқуқии ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ пешниҳод карда мешаванд:

1. Такмили низоми бақайдгирии субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ: Пешниҳод карда мешавад, ки Феҳристи давлатии субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ ба феҳристи ягонаи электронӣ табдил дода шуда, барои дастрасии умумӣ кушода гардад. Дар ин феҳрист бояд маълумоти муфассал дар бораи ҳар як субъект, аз ҷумла ном, маҳалли ҷойгиршавӣ, намудҳои фаъолият, мавҷудияти иҷозатнома (дар мавридҳои зарурӣ), мавҷудияти суғурта (дар мавридҳои зарурӣ) ва ғайра дарҷ карда шавад.

2. Ҷорӣ намудани суғуртаи ҳатмии масъулияти туроператорон: Бо назардошти таҷрибаи Русия, Туркия, Фаронса, Чин ва Ҷопон, пешниҳод карда мешавад, ки дар қонунгузории Тоҷикистон талаботи ҳатмӣ оид ба суғуртаи масъулияти туроператорон ё кафолати бонкӣ пешбинӣ карда шавад. Ин тадбир ба ҳифзи манфиатҳои сайёҳон дар сурати шикасти туроператор мусоидат менамояд.

3. Таъсиси минтақаҳои махсуси сайёҳӣ бо имтиёзҳои махсус: Бо назардошти таҷрибаи Туркия, Қазоқистон ва Узбекистон, пешниҳод карда мешавад, ки дар қонунгузории Тоҷикистон механизмҳои мушаххаси таъсиси минтақаҳои махсуси сайёҳӣ ва додани имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ ба субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ дар ин минтақаҳо пешбинӣ карда шавад.

4. Содагардонии расмиёти вуруд барои сайёҳони хориҷӣ: Бо назардошти таҷрибаи Узбекистон, пешниҳод карда мешавад, ки дар қонунгузории Тоҷикистон низоми «визаи электронӣ» барои сайёҳони

хориҷӣ ҷорӣ карда шавад. Ин тадбир ба афзоиши шумораи сайёҳони хориҷӣ мусоидат менамояд.

5. Танзими муфассали шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ: Бо назардошти таҷрибаи Фаронса, пешниҳод карда мешавад, ки дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [10] ё Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9] шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ ба таври муфассал танзим карда шуда, шартҳои ҳатмии он муайян карда шаванд.

6. Ҷорӣ намудани низоми самараноки сертификатсия: Бо назардошти таҷрибаи Чин, пешниҳод карда мешавад, ки дар қонунгузории Тоҷикистон низоми самараноки сертификатсияи ташкилотҳои сайёҳӣ ва кормандони онҳо ҷорӣ карда шавад. Сертификатсия бояд дар асоси стандартҳои миллии сифат ва бехатарӣ гузаронида шавад.

7. Тартиб додани кадастри миллии сарватҳои сайёҳӣ: Бо ба назар гирифтани таҷрибаи Чин, пешниҳод мешавад, ки кадастри миллии сарватҳои сайёҳӣ таҳия гардида, дар он иттилоот оид ба ҳамаи захираҳои сайёҳӣ, ба монанди сарватҳои табиӣ, мероси таърихӣ, арзишҳои фарҳангӣ ва ғайра сабт карда шавад.

8. Рушди устувори сайёҳӣ ва ҳифзи манфиатҳои ҷомеаҳои маҳаллӣ: Бо назардошти таҷрибаи Ҷопон, пешниҳод карда мешавад, ки дар қонунгузории Тоҷикистон механизмҳои ҳифзи манфиатҳои ҷомеаҳои маҳаллӣ дар раванди рушди сайёҳӣ пешбинӣ карда шаванд. Ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди сайёҳӣ, назари аҳолии маҳаллӣ ба инобат гирифта шавад.

9. Мубориза бо рақобати ғайриқонунӣ дар соҳаи сайёҳӣ: Бо назардошти таҷрибаи Чин, пешниҳод карда мешавад, ки дар қонунгузории Тоҷикистон механизмҳои махсуси мубориза бо рақобати ғайриқонунӣ дар соҳаи сайёҳӣ пешбинӣ карда шаванд. Барои вайрон кардани қоидаҳои рақобат, ҷавобгарии сахттар пешбинӣ карда шавад.

10. Ҳавасмандгардонии сайёҳӣ дохилӣ: Бо ба назар гирифтани таҷрибаи Ҷопон, пешниҳод мешавад, ки дар қонунгузории Тоҷикистон тарзу усулҳои мушаххаси ҳавасмандгардонии сайёҳии дохилӣ, монанди ташкили марказҳои огоҳии сайёҳӣ, омода намудани маводи таблиғотии сайёҳӣ, баргузории чорабиниҳои фарҳангии марбут ба туризм, додани бартариҳо ба мусофирони дохилӣ ва ғайра пешбинӣ карда шаванд.

Дар асоси таҳлили муқоисавӣ, пешниҳодҳои зерин оид ба такмили ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи сайёҳӣ пешниҳод карда мешаванд:

1. Васеъ намудани робитаҳои байналмилалӣ: Пешниҳод карда мешавад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои байналмилалии худро дар бахши сайёҳӣ васеъ гардонад, аз ҷумла бо Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ (UNWTO) ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ ҳамкорӣ намояд.

2. Бастани созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба: Пешниҳод карда мешавад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои дигар созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ бандад. Ин созишномаҳо метавонанд масъалаҳои содагардонии расмиёти вуруд, эътирофи мутақобилаи ҳуҷҷатҳо, ҳамкории байни ташкилотҳои сайёҳӣ ва ғайраро танзим намоянд.

3. Мутобиқсозии қонунгузории миллӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ: Пешниҳод карда мешавад, ки қонунгузории миллии Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ карда шавад. Ин ба рушди ҳамкории байналмилалӣ ва ҷалби сайёҳони хориҷӣ мусоидат менамояд.

4. Иштирок дар барномаҳо ва лоиҳаҳои байналмилалӣ: Пешниҳод карда мешавад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барномаҳо ва лоиҳаҳои байналмилалии марбут ба рушди сайёҳӣ, аз ҷумла лоиҳаҳои Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ (UNWTO), Бонки ҷаҳонӣ, Бонки рушди Осиё ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ фаъолона иштирок намояд.

Таҳлили муқоисавии қонунгузории сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории давлатҳои хориҷа оид ба ҳолати ҳуқуқии ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ нишон медиҳад, ки қонунгузории миллии Тоҷикистон дар ин соҳа дар марҳилаи ташаккул қарор дорад. Бо назардошти таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ, такмили минбаъдаи ин қонунгузорӣ зарур мебошад. Пешниҳодҳои дар ин таҳқиқот пешниҳодгардида метавонанд барои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ ва рушди устувори ин соҳа мусоидат намоянд.

## 3.2. Роҳҳои такмили қонунгузории Тоҷикистон оид ба ҳолати ҳуқуқии ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ

Дар давраи ҳозираи пешрафти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соҳаи сайёҳӣ ҳамчун яке аз равишҳои авлавияти инкишофи иқтисоди миллӣ пазируфта шудааст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9], Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [39] ва Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [40] ба пешбурди ин бахш таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудаанд. Аммо, муқоисаи қонунгузории миллӣ бо қонунгузории кишварҳои пешқадами ҷаҳон исбот мекунад, ки такмили минбаъдаи қонунгузории Тоҷикистон дар бахши сайёҳӣ ҳатмист.

Ба андешаи М.З. Раҳимзода, «рушди устувори соҳаи соҳибкорӣ дар Тоҷикистон бе такмили ҳамаҷонибаи қонунгузорӣ, беҳбуди фазои сармоягузорӣ, таъмини ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон имконнопазир аст» [61, с. 345]. Ин нукта нишон медиҳад, ки такмили қонунгузорӣ на танҳо барои рушди соҳаи сайёҳӣ, балки барои ҳифзи манфиатҳои ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои сайёҳӣ аҳаммияти калон дорад.

Асосҳои зарурати беҳбуди қонунгузории миллии Тоҷикистон дар бахши сайёҳӣ аз омилҳои зерин иборатанд:

– Ҷаҳонишавии иқтисодӣ ва васеъшавии сайёҳии байналмилалӣ: Дар замони ҷаҳонигардӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи сайёҳӣ рӯ ба афзоиш ниҳода, мувофиқ гардонидани қонунгузории дохилӣ ба меъёрҳои ҷаҳонӣ ҳатмӣ мегардад. Тибқи моддаи 35 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9], ҳамкории байналмилалӣ дар бахши сайёҳӣ тибқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, амалӣ карда мешавад.

– Пешрафти технологияҳои иттилоотӣ ва рақамикунонии хидматҳои сайёҳӣ: Дар замони муосир, рақамикунонии хидматҳои сайёҳӣ ба таври назаррас афзуда, ин масъала танзими ҳуқуқии махсусро талаб мекунад. Ч.Н. Ёров дар ин бора изҳор доштааст, ки «рақамикунонии хидматрасонии сайёҳӣ ҳамчун модели нави рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои нави ин соҳа ниёз дорад» [109, с. 98].

– Тағйирёбии рафтори истеъмолкунандагон ва талаботи сайёҳон: Дар шароити кунунӣ, сайёҳон ба сифат ва бехатарии хидматҳои сайёҳӣ талаботи баланд доранд, ки ин талабҳо танзими ҳуқуқии мушаххасро тақозо мекунанд. Д.Д. Хошимзода дар ин маврид қайд мекунад, ки «масъулияти ширкатҳои сайёҳӣ дар баробари сайёҳон дар қонунгузории миллӣ ба таври муфассал муайян нашудааст, ки ин ба ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон зарар мерасонад» [217, с. 198].

– Афзоиши рақобат дар бозори хидматҳои сайёҳӣ: Бо зиёд шудани шумораи пешниҳодкунандагони хидматҳои сайёҳӣ, мубориза бо рақобати ғайриқонунӣ ва ҳифзи манфиатҳои соҳибкорон аҳаммияти бузург пайдо мекунад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» [7] муқаррароти умумиро оид ба мубориза бо

рақобати ғайриқонунӣ пешбинӣ кардааст, аммо воситаҳои махсуси мубориза бо рақобати ғайриқонунӣ дар бахши сайёҳӣ ҳанӯз пурра таҳия нагардидаанд.

– Зарурати ҳифзи манфиатҳои сайёҳон ҳамчун истеъмолкунандагон: Сайёҳон ҳамчун истеъмолкунандагони хидматҳои сайёҳӣ ба ҳифзи ҳуқуқи махсус ниёз доранд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» [2] кафолатҳои умумии ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагонро пешбинӣ кардааст, аммо воситаҳои махсуси ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон ҳанӯз пурра таҳия нашудаанд.

Яке аз самтҳои асосии такмили қонунгузории Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ, беҳтар намудани низоми бақайдгирии пешниҳодкунандагони хидматҳои сайёҳӣ мебошад. Тибқи моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9], барои танзими низоми хидматрасонӣ дар бахши сайёҳӣ Феҳристи миллии субъектҳои хидматрасонии сайёҳӣ ташкил карда мешавад. Аммо ин феҳрист ҳанӯз пурра фаъолият накарда, маълумот дар он ба таври мунтазам навсозӣ карда намешавад.

Дар ин замина, таклифҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Табдил додани Феҳристи давлатии субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ ба феҳристи ягонаи электронӣ: Бо назардошти таҷрибаи Федератсияи Русия [273] ва Ҷумҳурии Узбекистон [257], пешниҳод карда мешавад, ки Феҳристи давлатии субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ ба феҳристи ягонаи электронӣ табдил дода шуда, барои дастрасии умумӣ кушода гардад. Дар ин феҳрист бояд маълумоти муфассал дар бораи ҳар як субъект, аз ҷумла ном, маҳалли ҷойгиршавӣ, намудҳои фаъолият, мавҷудияти иҷозатнома (дар мавридҳои зарурӣ), мавҷудияти суғурта (дар мавридҳои зарурӣ) ва ғайра дарҷ карда шавад.

2. Пешбурди феҳристи ягонаи электронӣ дар асоси принсипҳои шаффофият ва дастрасӣ: Феҳристи ягонаи электронӣ бояд дар асоси принсипҳои шаффофият ва дастрасӣ пешбурд карда шавад. Маълумот дар бораи субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ бояд барои ҳамаи шахсони манфиатдор дастрас бошад.

3. Муқаррар намудани талаботи ҳатмӣ оид ба нав кардани маълумот дар феҳрист: Барои таъмини дурустии маълумот дар феҳрист, муқаррар намудани талаботи ҳатмӣ оид ба нав кардани маълумот дар феҳрист зарур мебошад. Субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ бояд дар мӯҳлатҳои муайян маълумотҳои худро нав кунанд.

4. Муайян сохтани масъулият барои пешниҳод накардан ё пешниҳоди нодурусти иттилоот: Бо ҳадафи таъмини дурустию саҳеҳии маълумот дар феҳрист, муқаррар намудани ҷавобгарии маъмурӣ барои пешниҳод накардан ё пешниҳоди носаҳеҳи иттилоот ҳатмӣ ва зарур ба шумор меравад.

Ба андешаи Р.Б. Бозоров, «таъмини шаффофияти фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ тавассути пешбурди феҳристи ягонаи электронӣ ба рушди рақобати одилона ва ҳифзи манфиатҳои мизоҷон мусоидат менамояд» [45, с. 128].

Яке аз самтҳои муҳимми такмили қонунгузории Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ, ҷорӣ намудани суғуртаи ҳатмии масъулияти туроператорон мебошад. Дар Федератсияи Русия [273], Ҷумҳурии Туркия [259], Фаронса [262] ва дигар кишварҳои пешрафта, чунин суғурта пешбинӣ шудааст. Мувофиқи моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» [9], суғуртаи ихтиёрии хатарҳоро ҳангоми сайёҳӣ пешбинӣ намудааст, аммо суғуртаи масъулияти туроператорон ҳатмӣ нест.

Дар ин замина, пешниҳодҳои зерин ироа карда мешаванд:

1. Пешбинӣ намудани суғуртаи ҳатмии масъулияти туроператорон: Дар қонунгузории миллӣ талаботи ҳатмӣ оид ба суғуртаи масъулияти

туроператорон ё кафолати бонкӣ пешбинӣ карда шавад. Андозаи ин масъулияти молиявӣ вобаста ба намуди фаъолияти туроператор муайян карда шавад.

2. Муайян намудани ҳадди ақалли андозаи масъулияти молиявӣ: Барои туртанзимгарони сайёҳии байналмилалӣ, ҳадди ақалли андозаи масъулияти молиявӣ на камтар аз 50 ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо, барои туртанзимгарони сайёҳии дохилӣ на камтар аз 10 ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар карда шавад.

3. Муайян намудани тартиби истифодаи суғурта: Тартиби истифодаи суғурта дар сурати шикасти туроператор муайян карда шавад. Ҷуброни зарар ба сайёҳон бояд дар муҳлати кӯтоҳ амалӣ карда шавад.

4. Муқаррар намудани ҷавобгарӣ барои набудани суғурта: Барои фаъолият бе суғуртаи ҳатмии масъулият, ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ карда шавад.

Ба андешаи С. Искандари: «дар кишварҳои пешрафта, суғуртаи масъулияти соҳибкорон як талаботи ҳатмӣ мебошад, ки дар Тоҷикистон ҳанӯз ҷорӣ нашудааст» [230, с. 145].

Яке аз самтҳои асосии такмили қонунгузории миллӣ дар соҳаи сайёҳӣ, ба вуҷуд овардани минтақаҳои вижаи сайёҳӣ ва ҷалби сармоя тавассути ҳавасмандгардонӣ мебошад. Тибқи муқаррароти моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ», «минтақаҳои сайёҳӣ дар тамоми қаламрав ё порчае аз ҳудуди шаҳр ё ноҳия, дар доираи талаботи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо ҳадафи ҳавасмандгардонии субъектҳои соҳаи сайёҳӣ таъсис дода мешаванд» [9]. Аммо, то ба имрӯз роҳу усулҳои воқеии татбиқи ин муқаррарот пурра омода ва ҷорӣ карда нашудаанд.

Дар ин замина, пешниҳодҳои зерин манзур карда мешаванд:

1. Таъсиси минтақаҳои махсуси сайёҳӣ дар ҳудудҳои дорои захираҳои ғании сайёҳӣ: Бо назардошти таҷрибаи Туркия [259] ва

Қазоқистон [255], таъсиси минтақаҳои махсуси сайёҳӣ дар ҳудудҳои дорои захираҳои ғании сайёҳӣ, аз ҷумла дар ноҳияҳои Варзоб, Истаравшан, Панҷакент, Хоруғ ва ғайра пешбинӣ карда шавад.

2. Додани имтиёзҳои андозӣ ба субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ дар минтақаҳои махсуси сайёҳӣ: Ба субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ дар минтақаҳои махсуси сайёҳӣ имтиёзҳои андозӣ, аз ҷумла озод кардан аз пардохти андозҳои муайян барои давраи то 5 сол дода шавад.

3. Додани имтиёзҳои гумрукӣ барои воридоти таҷҳизот ва мавод барои рушди инфрасохтори сайёҳӣ: Барои воридоти таҷҳизот ва мавод барои рушди инфрасохтори сайёҳӣ, аз ҷумла таҷҳизоти меҳмонхонаҳо, таҷҳизоти лижаронӣ, таҷҳизоти кӯҳнавардӣ ва ғайра имтиёзҳои гумрукӣ дода шавад.

4. Ҷалби сармоягузориҳо барои рушди инфрасохтори сайёҳӣ: Бо назардошти таҷрибаи Туркия [259], барои ҷалби сармоягузориҳо барои рушди инфрасохтори сайёҳӣ, аз ҷумла сохтмони меҳмонхонаҳо, маҷмааҳои фароғатӣ, инфрасохтори нақлиётӣ ва ғайра механизмҳои махсус пешбинӣ карда шавад.

Д.Ш. Сангинов дар ин маврид қайд менамояд, ки «таҷрибаи Туркия дар соҳаи ҳавасмандгардонии фаъолияти сайёҳӣ, бахусус дар самти ҷалби сармоягузориҳо ва рушди инфрасохтори сайёҳӣ, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад самаранок бошад» [87, с. 278].

Яке аз самтҳои муҳимми такмили қонунгузории Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ, содагардонии расмиёти вуруд барои сайёҳони хориҷӣ мебошад. Дар Ҷумҳурии Узбекистон [257] низоми «визаи электронӣ» барои сайёҳони хориҷӣ ҷорӣ карда шудааст, ки ба афзоиши назарраси шумораи сайёҳони хориҷӣ мусоидат намудааст.

Дар ин замина, пешниҳодҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Ҷорӣ намудани низоми «визаи электронӣ» барои сайёҳони хориҷӣ: Бо назардошти таҷрибаи Узбекистон [257], дар қонунгузории

Тоҷикистон низоми «визаи электронӣ» барои сайёҳони хориҷӣ ҷорӣ карда шавад. Визаи электронӣ дар асоси муроҷиати онлайн дода шавад.

2. Содагардонии расмиёти вуруд дар фурудгоҳҳои байналмилалӣ: Дар фурудгоҳҳои байналмилалии Тоҷикистон, аз ҷумла фурудгоҳҳои Душанбе, Хуҷанд, Қурғонтеппа ва Хоруғ, расмиёти вуруд барои сайёҳони хориҷӣ сода карда шавад.

3. Аз байн бурдани талаботи виза барои шаҳрвандони кишварҳои муайян: Барои ҳавасмандгардонии сайёҳӣ, талаботи виза барои шаҳрвандони кишварҳои муайян, аз ҷумла кишварҳои ҳамсоя ва кишварҳое, ки ҳамкориҳои наздики иқтисодӣ доранд, аз байн бурда шавад.

4. Ҷорӣ намудани визаи сайёҳии гурӯҳӣ: Барои гурӯҳҳои сайёҳӣ, визаи махсуси гурӯҳӣ ҷорӣ карда шавад, ки тартиби гирифтани он содатар бошад. Ба андешаи Ҷ.Н. Машокиров, «ҷорӣ намудани низоми «визаи электронӣ» дар Узбекистон ба афзоиши шумораи сайёҳони хориҷӣ ва рушди соҳаи сайёҳӣ мусоидат намуд» [116, с. 168].

Яке аз самтҳои муҳимми такмили қонунгузории Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ, танзими муфассали шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ мебошад. Дар Фаронса, Кодекси туризм [262] шартҳои ҳатмии шартномаи хизматрасонии сайёҳиро муайян намуда, ба ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон ҳамчун истеъмолкунандагон аҳаммияти калон медиҳад.

Дар ин замина, пешниҳодҳои зерин ироа карда мешаванд:

1. Танзими муфассали шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон: Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [10] шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ ба таври муфассал танзим карда шуда, шартҳои ҳатмии он муайян карда шавад.

2. Мушаххас намудани шартҳои ҳатмии қарордоди хидматрасонии сайёҳӣ: Дар санади қарордоди хидматрасонии сайёҳӣ, бояд шартҳои ҳатмии зерин дарҷ карда шаванд: номи пурраи расмӣ ва суроғаи

маҳалли ҷойгиршавии муассисаи сайёҳӣ; маълумоти пурраи шахсии сайёҳ; рӯйхати пурраи он намуд хидматҳое, ки ба бастаи сайёҳӣ дохил мешаванд; тавзеҳоти муфассали бастаи сайёҳӣ ва нархи умумии он; чӣ гуна пардохт кардан, рӯзи шуруъ ва рӯзи анҷоми сафар; сабабҳои асоснок ва мухлатҳои иҷозатдодашуда барои тағйир додан ё бекор кардани қарордод; тартиби ҷуброни зарар ба сайёҳ; муқаррароти марбут ба додани чиптаи сайёҳӣ (роҳхат); ҳолатҳои пешбининашаванда ва беҷилави рафънопазир (форс-мажор).

3. Аниқ намудани ҳуқуқҳо ва вазифаҳои ҳар як тарафи қарордод: Дар доираи қарордоди хидматрасонии сайёҳӣ, бояд ҳуқуқҳо ва вазифаҳои ҳарду ҷониб, аз ҷумла ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои муассисаи сайёҳӣ дар баробари сайёҳ, ҳамчунин ҳуқуқҳо ва вазифаҳои худи сайёҳ ба таври пурра ва ботафсил муайян ва сабт гардад.

4. Муайян намудани ҳаҷми масъулияти ҳар як ҷониб: Дар доираи созишномаи хидматрасонии сайёҳӣ, бояд сатҳи масъулияти ҳарду тараф мушаххас карда шавад. аз ҷумла масъулияти муассисаи сайёҳӣ нисбат ба сифат ва бехатарии хидматҳои пешниҳодшаванда, инчунин масъулияти сайёҳ оид ба пардохти арзиши пурраи хидматҳои дар шартнома пешбинигардида ва дигар ҷанбаҳои марбута мушаххас карда шавад.

5. Муайян намудани тартиби тағйир ва бекор кардани шартнома: Дар доираи шартномаи хидматрасонии сайёҳӣ, бояд тартиби ворид намудани тағйирот ва қатъ намудаи он, аз ҷумла асосҳои амалӣ гардидани ин равандҳо ва оқибатҳои ҳуқуқии онҳо ба таври возеҳ муайян карда шавад. Ба андешаи Ю.А. Хамова, «танзими муфассали шартномаи хидматрасонии сайёҳӣ дар қонунгузории Фаронса ба ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон ҳамчун истеъмолкунандагон мусоидат менамояд» [246, с. 112].

Яке аз равишҳои муҳимми такмили қонунгузории Тоҷикистон дар бахши сайёҳӣ, ҷорӣ сохтани низоми самараноки шаҳодатномадиҳӣ

(сертификат) барои муассисаҳои сайёҳӣ мебошад. Дар Ҷумҳурии Мардумии Чин [251], низоми пурсамари шаҳодатномадиҳии ташкилотҳои соҳаи сайёҳӣ ва кормандони онҳо мавриди амалиёт қарор гирифтааст.

Дар ин замина, пешниҳодҳои зерин манзур карда мешаванд:

1. Ҷорӣ намудани низоми сертификатсияи ташкилотҳои сайёҳӣ: Бо назардошти таҷрибаи Чин [251], дар қонунгузории Тоҷикистон низоми сертификатсияи ташкилотҳои сайёҳӣ ҷорӣ карда шавад. Сертификатсия дар асоси стандартҳои миллии сифат ва бехатарӣ гузаронида шавад.

2. Ҷорӣ намудани низоми сертификатсияи кормандони соҳаи сайёҳӣ: Барои кормандони соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла роҳбаладон, мудирони гурӯҳҳои сайёҳӣ, кормандони меҳмонхонаҳо ва ғайра низоми сертификатсия ҷорӣ карда шавад.

3. Муайян намудани талабот барои гирифтани сертификат: Барои гирифтани сертификат, ташкилотҳои сайёҳӣ ва кормандони онҳо бояд ба талаботи муайян, аз ҷумла доштани таҷрибаи мувофиқ, доштани маълумоти зарурӣ, гузарондани курсҳои такмили ихтисос ва ғайра ҷавобгӯ бошанд.

4. Муайян намудани тартиби гузаронидани сертификатсия: Тартиби гузаронидани сертификатсия, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои зарурӣ, муҳлати сертификатсия, тартиби бозхонди сертификат ва ғайра муайян карда шавад.

5. Муайян намудани ҷавобгарӣ барои фаъолият бе сертификат: Барои фаъолият бе сертификат, ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ карда шавад.

Ба андешаи Б.Б. Азимов, «дар Чин ба рушди ҳар як намуди сайёҳӣ барномаҳои махсус қабул карда шудаанд, ки ин ба рушди устувори соҳа мусоидат менамояд» [101, с. 81].

Яке аз самтҳои муҳимми такмили қонунгузории Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ, мубориза бо рақобати ғайриқонунӣ дар ин соҳа мебошад.

Дар Ҷумҳурии Мардумии Чин [251], ба мубориза бо рақобати ғайриқонунӣ дар соҳаи сайёҳӣ аҳаммияти калон дода мешавад.

Дар ин замина, пешниҳодҳои зерин карда мешаванд:

1. Муайян намудани шаклҳои рақобати ғайриқонунӣ дар соҳаи сайёҳӣ: Дар қонунгузории миллӣ шаклҳои рақобати ғайриқонунӣ дар соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла фаъолияти сайёҳӣ бидуни бақайдгирӣ, пешниҳоди маълумоти бардурӯғ ба сайёҳон, нархҳои инҳисорӣ, ташкили картелҳо ва ғайра муайян карда шаванд.

2. Муқаррар намудани ҷавобгарии қатъӣ барои рақобати ғайриқонунӣ: Барои рақобати ғайриқонунӣ дар соҳаи сайёҳӣ, ҷавобгарии қатъӣ, аз ҷумла ҷавобгарии маъмурӣ, ҷавобгарии маданӣ ва дар мавридҳои зарурӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ карда шавад.

3. Муайян намудани ваколатҳои мақомоти давлатӣ дар муқобилат бо рақобати ғайриқонунӣ: Ваколатҳои мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақоми ваколатдори давлатӣ дар бахши сайёҳӣ, мақомоти зиддиинҳисорӣ ва дигар ниҳодҳои марбута дар мубориза бо рақобати хилофи қонун мушаххас карда шаванд.

4. Таъсиси механизмҳои назорати давлатӣ: Усулҳои назорати давлатӣ оид ба иҷрои қонунгузорӣ дар соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла гузаронидани бозидидҳо, ҷамъоварии ҳисобот, таҳлили фаъолияти пешниҳодкунандагони хидматҳои сайёҳӣ ва дигар чораҳои лозима таҳия карда шаванд.

5. Муайян намудани тартиби ҳалли баҳсҳо: Тартиби ҳалли баҳсҳо, ки аз рақобати ғайриқонунӣ дар соҳаи сайёҳӣ сарчашма мегиранд, муайян карда шавад.

Яке аз самтҳои муҳимми такмили қонунгузории Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ, рушди устувори сайёҳӣ ва ҳифзи манфиатҳои ҷомеаҳои маҳаллӣ мебошад. Дар Ҷопон [261], ба рушди устувори сайёҳӣ ва ҳифзи манфиатҳои ҷомеаҳои маҳаллӣ аҳаммияти калон дода мешавад.

Дар ин замина, пешниҳодҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Муайян намудани принсипҳои рушди устувори сайёҳӣ: Дар қонунгузории миллӣ принсипҳои рушди устувори сайёҳӣ, аз ҷумла ҳифзи муҳити зист, ҳифзи мероси фарҳангӣ, ҳифзи манфиатҳои ҷомеаҳои маҳаллӣ, таъмини баробарии иҷтимоӣ ва ғайра муайян карда шаванд.

2. Пешбинӣ намудани иштироки ҷомеаҳои маҳаллӣ дар раванди рушди сайёҳӣ: Ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди сайёҳӣ, иштироки ҷомеаҳои маҳаллӣ дар ин раванд пешбинӣ карда шавад. Назари аҳолии маҳаллӣ ба инобат гирифта шавад.

3. Пешбинӣ намудани тақсими одилонаи даромад аз сайёҳӣ: Механизмҳои тақсими одилонаи даромад аз сайёҳӣ байни субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ, ҷомеаҳои маҳаллӣ ва давлат пешбинӣ карда шаванд.

4. Пешбинӣ намудани ҳифзи мероси фарҳангӣ ва табиӣ: Ҳангоми рушди сайёҳӣ, ҳифзи мероси фарҳангӣ ва табиӣ пешбинӣ карда шавад. Барои истифодаи захираҳои сайёҳӣ қоидаҳои махсус муқаррар карда шаванд.

5. Пешбинӣ намудани ҳифзи муҳити зист: Ҳангоми рушди сайёҳӣ, ҳифзи муҳити зист пешбинӣ карда шавад. Барои фаъолияти сайёҳӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда қоидаҳои махсус муқаррар карда шаванд.

Дар асоси таҳлили роҳҳои такмили қонунгузории Тоҷикистон оид ба ҳолати ҳуқуқии ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ, метавон хулосаҳои зеринро баён намуд:

1. Такмили қонунгузории миллӣ дар соҳаи сайёҳӣ дар марҳилаи муосир зарур мебошад. Ин зарурат аз омилҳои ҷаҳонишавии иқтисод ва рушди сайёҳии байналмилалӣ, рушди технологияҳои иттилоотӣ ва рақамикунонии хизматрасониҳои сайёҳӣ, тағйирёбии рафтори истеъмолкунандагон ва талаботи сайёҳон, афзоиши рақобат дар бозори

хизматрасонии сайёҳӣ, зарурати ҳифзи манфиатҳои сайёҳон ҳамчун истеъмолкунандагон сарчашма мегирад.

2. Дар самти такмили низоми бақайдгирии субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ, пешниҳод карда мешавад, ки Феҳристи давлатии субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ ба феҳристи ягонаи электронӣ табдил дода шуда, барои дастрасии умумӣ кушода гардад.

3. Дар самти ҷорӣ намудани суғуртаи ҳатмии масъулияти туроператорон, пешниҳод карда мешавад, ки дар қонунгузории миллӣ талаботи ҳатмӣ оид ба суғуртаи масъулияти туроператорон ё кафолати бонкӣ пешбинӣ карда шавад.

4. Дар самти таъсиси минтақаҳои махсуси сайёҳӣ ва ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ, пешниҳод карда мешавад, ки минтақаҳои махсуси сайёҳӣ таъсис дода шуда, ба субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ дар ин минтақаҳо имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ дода шаванд.

5. Дар самти содагардонии расмиёти вуруд барои сайёҳони хориҷӣ, пешниҳод карда мешавад, ки низоми «визаи электронӣ» барои сайёҳони хориҷӣ ҷорӣ карда шавад.

6. Дар самти танзими муфассали шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ, пешниҳод карда мешавад, ки дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [10] шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ ба таври муфассал танзим карда шуда, шартҳои ҳатмии он муайян карда шаванд.

7. Дар самти ҷорӣ намудани низоми самараноки сертификатсияи ташкилотҳои сайёҳӣ, пешниҳод карда мешавад, ки дар қонунгузории Тоҷикистон низоми сертификатсияи ташкилотҳои сайёҳӣ ва кормандони онҳо ҷорӣ карда шавад.

8. Дар самти мубориза бо рақобати ғайриқонунӣ дар соҳаи сайёҳӣ, пешниҳод карда мешавад, ки шаклҳои рақобати ғайриқонунӣ дар соҳаи сайёҳӣ муайян карда шуда, барои онҳо ҷавобгарии қатъӣ пешбинӣ карда шавад.

9. Дар самти рушди устувори сайёҳӣ ва ҳифзи манфиатҳои ҷомеаҳои маҳаллӣ, пешниҳод карда мешавад, ки принсипҳои рушди устувори сайёҳӣ муайян карда шуда, иштироки ҷомеаҳои маҳаллӣ дар раванди рушди сайёҳӣ пешбинӣ карда шавад.

# ХУЛОСА

Таҳқиқоти диссертатсионии пешниҳодгардида, ки ба таҳлили ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, имкон медиҳад, ки хулосаҳои зерин бароварда шаванд:

1. Дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ ҳамчун субъектҳои муҳимми фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ мақоми муайяне доранд. Мафҳуми «ташкилоти тиҷоратии сайёҳӣ» дар қонунгузории амалкунанда мустақиман муайян нагардида бошад ҳам, аз таҳлили меъёрҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» метавон онро ҳамчун шахси ҳуқуқии тиҷоратӣ, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун таъсис ёфта, ба расонидани хизматрасониҳои сайёҳӣ бо мақсади ба даст овардани фоида машғул мебошад, муайян намуд. Ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд (ҶДММ) ва ҷамъиятҳои саҳомӣ фаъолият менамоянд, ки интихоби онҳо ба андозаи сармоя, миқёси фаъолият ва мақсадҳои соҳибкор вобаста мебошад [2-М].

2. Тартиби таъсис ва бақайдгирии давлатии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» муайян карда шуда, он барои ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ ягона мебошад. Содагардонии тартиби бақайдгирӣ ва аз байн бурдани иҷозатдиҳии фаъолияти танзимгари сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ ба рушди соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ мусоидат намуд. Сарфи назар аз ин, барои чанд намуди мушаххаси фаъолият, аз қабили кори меҳмонхонаҳо, хидматрасонии нақлиёти интиқоли мусофирон ва ба роҳ мондани

сайёҳии кӯҳӣ дар минтақаҳои табиии махсус ҳифзшаванда, ҳоло ҳам тартиби литсензияи ҳатмӣ боқӣ мондааст [1-М].

3. Ҳуқуқҳои асосии ташкилотҳои тиҷоратии соҳаи сайёҳӣ аз се гурӯҳ иборат мебошанд: ҳуқуқҳои умумии соҳибкорӣ, ҳуқуқҳои вижае ки бевосита ба кори сайёҳӣ пайвастанд ва ҳуқуқҳое ки аз дастгирии давлатӣ сарчашма мегиранд. Вазифаҳои асосии ҳамин ташкилотҳо низ аз се гурӯҳ иборатанд: вазифаҳои умумии соҳибкорӣ, вазифаҳои вижае ки ба фаъолияти сайёҳӣ марбутанд ва вазифаҳое ки ба ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон нигаронида шудаанд. Уҳдадории муҳимтарини ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ таъмини сифат ва бехатарии хизматрасониҳои сайёҳӣ мебошад [3-М].

4. Шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ ҳамчун воситаи асосии баамалбарории фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ, намуди махсуси шартномаи хизматрасонии пулакӣ буда, дорои хусусиятҳои мураккаби ҳуқуқӣ мебошад. Ин шартнома одатан маҷмуи хизматрасониҳои гуногун, аз қабили хизматрасониҳои нақлиётӣ, меҳмонхонагӣ, экскурсионӣ ва ғайраро дар бар мегирад, ки ҳар кадоми онҳо метавонанд шартномаи алоҳида бошанд. Дар шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ, сайёҳ ҳамчун истеъмолкунанда эътироф карда мешавад, ки ба ӯ кафолатҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» пурра татбиқ мегарданд [7-М].

5. Масъулияти мадании ширкатҳои сайёҳӣ аз рӯйи шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ дар шаклҳои ҷуброни зиёни воқеӣ, ҷуброни фоидаи аздастрафта, пардохти ноустуворона (ҷарима, пеня) ва ҷуброни зарари маънавӣ зоҳир мешавад. Ширкатҳои сайёҳӣ метавонанд дар ҳолатҳои рафънопазир (форс-мажор) ё бо гуноҳи худи фармоишгар  аз масъулият озод карда шаванд. Дар раванди расонидани хизматрасониҳои сайёҳӣ, ширкатҳои сайёҳӣ дар назди

сайёҳ барои амалҳои шахсони сеюме, ки барои иҷрои уҳдадориҳояшон ҷалб кардаанд, ҷавобгар мебошанд [6-М].

6. Таҳлили муқоисавии қонунгузории сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории давлатҳои хориҷа (Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Узбекистон, Ҷумҳурии Туркия, Фаронса, Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷопон) нишон медиҳад, ки дар кишварҳои мазкур ба масъалаҳои суғуртаи масъулияти туроператорон, сертификатсияи хизматрасониҳои сайёҳӣ, ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон ва ҳавасмандгардонии сармоягузориҳо дар соҳаи сайёҳӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад. Дар ин кишварҳо низоми иҷозатдиҳии фаъолияти танзимгари сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ нигоҳ дошта шуда, талаботи ҳатмӣ оид ба суғуртаи масъулияти туроператорон пешбинӣ гардидааст [5-М].

7. Роҳҳои асосии беҳтар намудани қонунгузории Тоҷикистон нисбат ба вазъи ҳуқуқии ширкатҳои тиҷоратии сайёҳӣ иборатанд аз: такмил додани низоми бақайдгирии пешниҳодкунандагони хидматҳои сайёҳӣ; ҷорӣ намудани суғуртаи ҳатмии масъулияти туроператорон; таъсис додани минтақаҳои вижаи сайёҳии дорои имтиёзҳои махсус; осон кардани тартиботи ворид шудан ба кишвар барои меҳмонони хориҷӣ; муфассал танзим намудани шартномаи хидматрасонии сайёҳӣ; ба кор андохтани низоми самараноки шаҳодатдиҳӣ (сертификатсия); мубориза бурдан бо рақобати ғайриқонунии соҳаи сайёҳӣ; таъмини рушди устувори сайёҳӣ ва ҳифзи манфиатҳои ҷамоатҳои маҳаллӣ [5-М].

8. Барои беҳсозии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши сайёҳӣ пешниҳодҳои зерин дода мешаванд: қабули навсозии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» бо ба назар гирифтани таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ; дар қонунгузории дохилӣ пешбинӣ намудани талаботи ҳатмӣ оид ба суғуртаи масъулияти туроператорон (танзимгарони сайёҳӣ) ва суғуртаи худи сайёҳон; таҳия ва амалӣ

намудани стандартҳои миллӣ дар соҳаи сайёҳӣ; таъсис додани судҳои махсусгардонидашуда ё ҳайатҳои судӣ барои ҳалли низоъҳои соҳаи сайёҳӣ; пешбинӣ намудани имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ барои муассисаҳои сайёҳӣ; густариши ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла бастани созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ, иштироки фаъол дар фаъолияти Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ (UNWTO), мутобиқсозии қонунгузории миллӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ [5-М].

Пешниҳодҳои дар диссертатсия пешкашшуда метавонанд барои рушди устувори соҳаи сайёҳӣ, ҳифзи манфиатҳои сайёҳон ва ташкилотҳои сайёҳӣ, инчунин барои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин соҳа мусоидат намоянд.

# ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавсияҳои зерин оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод карда мешаванд:

- Дар таҳрири нав қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» бо назардошти таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ ва ҳамоҳангсозии он бо Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ва дигар санадҳои соҳавӣ.

- Муқаррар намудани суғуртаи ҳатмии масъулияти танзимгари сайёҳӣ бо муайян намудани ҳадди ақалли андозаи масъулияти молиявӣ (барои танзимгарони сайёҳии байналмилалӣ на камтар аз 50 ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо, барои танзимгарони сайёҳии дохилӣ на камтар аз 10 ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо).

- Таҳия ва қабули стандартҳои миллӣ дар соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла стандартҳои баландсифати хизматрасонии сайёҳӣ, стандартҳои мукаммали амният ва бехатарӣ, стандартҳои экскурсионӣ ва дигар стандартҳои асосӣ, ки комилан ба талабот ва меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошанд.

- Танзими муфассали шартномаи хизматрасонии музднoки сайёҳӣ дар шакли намунаи ҳатмӣ, аз ҷумла мавзуъ, тарафҳо, шакл, тартиби бастан, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо, масъулияти тарафҳо, тартиби тағйир додан ва қатъ кардани шартнома ба таври муфассал танзим намояд.

- Табдил додани Феҳристи давлатӣ ба як феҳристи ягонаи электронии тамоми субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ бо ворид намудани маълумоти муфассал ва ҳамаҷониба дар бораи ҳар як субъект,

аз ҷумла номи пурра, ҷойи ҷойгиршавӣ, навъҳои асосии фаъолият, ҳузури иҷозатнома (дар ҳолатҳои зарурӣ), мавҷудияти суғурта (дар ҳолатҳои зарурӣ) ва дигар иттилооти муҳимму ҳатмӣ.

- Таҳияи барномаҳои ташвиқотии сайёҳии дохилӣ ва амалӣ намудани он якҷоя бо Кумитаи рушди сайёҳӣ, Вазорати фарҳанг, Вазорати маориф ва илм, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти манфиатдор.

Пешниҳодҳо дар самтҳои алоҳида:

1. Дар самти такмили фаъолияти қонунгузорӣ:

1.1. Пешниҳод карда мешавад, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» дар таҳрири нав қабул гардида, дар он мафҳуми «ширкати сайёҳӣ» ба таври мушаххас муайян карда шавад. Дар таҳрири нав инчунин ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои танзимгарони сайёҳӣ ва агентҳои сайёҳӣ, тартиби таъсис ва бақайдгирии онҳо, масъулияти молиявӣ ва талаботи суғурта ба таври муфассал танзим гардад.

1.2. Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаи хидматрасонии сайёҳӣ бояд ба таври пурра ва ҷузъиётӣ ба танзим даровarда шавад ва шартҳои ҳатмии он, ба монанди мавзуъ, тарафҳо, тарзи бастани он, ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои ҷонибҳо, сатҳи масъулияти ҳар як ҷониб, инчунин тартиби тағйир додан ё бекор намудани шартнома мушаххас карда шаванд.

1.3. Дар қонунгузории миллӣ талаботи ҳатмӣ оид ба суғуртаи масъулияти туроператорон пешбинӣ карда шуда, ҳадди ақалли андозаи масъулияти молиявӣ барои туртанзимгарони сайёҳии байналмилалӣ на камтар аз 50 ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо, барои туртанзимгарони сайёҳии дохилӣ на камтар аз 10 ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар карда шавад.

1.4. Дар қонунгузории миллӣ таъсиси минтақаҳои махсуси сайёҳӣ бо имтиёзҳои махсуси андозӣ ва гумрукӣ пешбинӣ карда шуда, барои

ҳавасмандгардонии фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ дар ин минтақаҳо механизмҳои мушаххас таҳия гардад.

1.5. Дар қонунгузории миллӣ низоми «визаи электронӣ» барои сайёҳони хориҷӣ ҷорӣ карда шуда, тартиби содагардонии расмиёти вуруд муайян карда шавад.

2. Дар самти беҳтар намудани кори мақомоти иҷроия ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ:

2.1. Ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар бахши сайёҳӣ тавсия карда мешавад, ки Феҳристи миллии пешниҳодкунандагони хидматҳои сайёҳиро ба як феҳристи ягонаи электронӣ мубаддал гардонад ва онро барои ҳамагон дастрас намояд. Дар ин феҳрист бояд маълумоти муфассал дар бораи ҳар як пешниҳодкунанда, аз ҷумла ном, суроғаи маҳалли ҷойгиршавӣ, намудҳои фаъолият, доштани иҷозатнома (дар ҳолати зарурӣ), доштани суғурта (дар ҳолати зарурӣ) сабт карда шавад.

2.2. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади ҳавасмандгардонии рушди сайёҳӣ дар минтақаҳо, бояд дар ҳамдастӣ бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар бахши сайёҳӣ, барномаҳои минтақавии рушди сайёҳиро таҳия ва амалӣ созанд.

2.3. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар бахши сайёҳӣ бояд якҷо бо мақомоти андоз, мақомоти гумрук ва дигар мақомоти манфиатдор, механизмҳои назорати риояи қонунгузориро дар соҳаи сайёҳӣ такмил диҳанд.

3. Дар самти беҳтар намудани кори ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ:

3.1. Ба ин субъектон тавсия карда мешавад, ки дар рафти кори худ муқаррароти қонунгузории миллӣ, аз ҷумла муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»-ро ба қатъиян риоя намуда, ҳамчунин сифат ва амнияти хидматҳои пешниҳоднамудаи худро пурра таъмин созанд.

3.2. Ташкилотҳои тиҷоратии соҳаи сайёҳӣ ҳангоми ба имзо расонидани шартномаҳои хидматрасонии сайёҳӣ, бояд шартҳои ҳатмии дар қонун пешбинигардидаро риоя кунанд ва ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои ҳарду ҷонибро ба таври равшан ва возеҳ мушаххас намоянд.

3.3. Ба ташкилотҳои тиҷоратии соҳаи сайёҳӣ тавсия дода мешавад, ки барои баланд бардоштани маҳорати касбии кормандони худ, дар курсҳои такмили ихтисос ва семинарҳои омӯзишӣ фаъолона ширкат варзанд.

4. Дар самти такмили фаъолияти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ:

4.1. Барои ҳалли самараноки баҳсҳое, ки дар соҳаи сайёҳӣ ба миён меоянд, тавсия дода мешавад, ки судҳои ихтисосӣ ё ҳайатҳои судӣ таъсис дода шаванд.

4.2. Ба судҳо тавсия дода мешавад, ки ҳангоми баррасии парвандаҳои марбут ба фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ, ба ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон ҳамчун истеъмолкунандагон аҳаммияти аввалиндараҷа диҳанд.

5. Дар самти такмили фаъолияти илмӣ ва таълимӣ:

5.1. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро дар раванди таълимии факултетҳои ҳуқуқшиносии донишгоҳҳои ҷумҳурӣ ҳангоми тадриси фанҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи сайёҳӣ, ҳуқуқи шартномаҳо ва дигар фанҳои ихтисосӣ истифода бурдан тавсия дода мешавад.

5.2. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот, тавсия дода мешавад, ки китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ ва дастурҳои методӣ оид ба ҳуқуқи сайёҳӣ таҳия карда шаванд.

5.3. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқи сайёҳӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва ҳуқуқи маданӣ истифода карда шаванд.

6. Дар самти ҳамкории байналмилалӣ:

6.1. Ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ тавсия дода мешавад, ки ҳамкориҳои байналмилалиро бо Созмони Умумиҷаҳонии

Сайёҳӣ (UNWTO) ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ густариш диҳад.

6.2. Ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода мешавад, ки бо кишварҳои дигар созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ баста, қонунгузории миллиро ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ созад.

7. Дар самти такмили низоми сертификатсия ва стандартонидани хизматрасониҳои сайёҳӣ:

7.1. Ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар бахши сайёҳӣ тавсия карда мешавад, ки дар ҳамдастӣ бо Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва назорати савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Тоҷикстандарт), стандартҳои миллии сифат ва бехатарии хидматҳои сайёҳиро таҳия ва амалӣ намоянд.

7.2. Ба ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ тавсия дода мешавад, ки барои баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо ва беҳтар намудани рақобатпазирии худ, сертификатсияи ихтиёриро гузаронанд.

8. Дар самти рушди инфрасохтори ҳуқуқӣ ва иттилоотӣ:

8.1. Ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ тавсия дода мешавад, ки сомонаи иттилоотии ягонаро оид ба фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо, тартиби бастани шартномаҳои хизматрасонии сайёҳӣ, ҳуқуқи сайёҳон ва дигар маълумоти муфид таҳия ва пешбурд намояд.

8.2. Ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тавсия карда мешавад, ки дар ҳамдастӣ бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар бахши сайёҳӣ, дар минтақаҳо марказҳои иттилоотии сайёҳӣ таъсис диҳанд.

9. Дар самти ҳифзи манфиатҳои ҷомеаҳои маҳаллӣ:

9.1. Ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тавсия дода мешавад, ки ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди сайёҳӣ, иштироки

ҷомеаҳои маҳаллиро дар ин раванд пешбинӣ намуда, назари аҳолии маҳаллиро ба инобат гиранд.

9.2. Ба ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ тавсия дода мешавад, ки ҳангоми ташкили фаъолияти худ дар ҳудудҳои муайян, ба манфиатҳои ҷомеаҳои маҳаллӣ эҳтиром гузошта, ба рушди иқтисодии онҳо мусоидат намоянд.

10. Дар самти мониторинг ва арзёбии фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ:

10.1. Ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ тавсия дода мешавад, ки мониторинги доимии фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳиро гузаронида, натиҷаҳои онро барои такмили қонунгузорӣ истифода барад.

10.2. Ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ тавсия дода мешавад, ки ҳар сол ҳисоботи таҳлилӣ оид ба вазъи соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ, таҳия ва барои маълумоти умум нашр намояд.

11. Дар самти ҳифзи ҳуқуқи сайёҳон:

11.1. Ба ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ тавсия дода мешавад, ки ба сайёҳон маълумоти мукаммал ва дуруст дар бораи хизматрасониҳо, шароити сафар, хавфҳои эҳтимолӣ, талаботи визавӣ, талаботи суғурта пешниҳод намоянд.

11.2. Ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар бахши сайёҳӣ тавсия карда мешавад, ки рақамҳои телефонии ройгон (хати доғ) барои қабул кардани шикоятҳо ва пешниҳодҳои сайёҳон таъсис диҳад.

12. Дар самти ҳавасмандгардонии сайёҳии дохилӣ:

12.1. Ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар бахши сайёҳӣ тавсия дода мешавад, ки якҷо бо Вазорати фарҳанг, Вазорати маориф ва илм, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти манфиатдор, барномаҳои таблиғотии сайёҳии дохилиро таҳия ва амалӣ созад.

12.2. Ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тавсия карда мешавад, ки дар ҳамдастӣ бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар бахши сайёҳӣ, чорабиниҳои фарҳангию фароғатии марбут ба сайёҳиро дар минтақаҳо гузаронанд.

Ҳамин тариқ, тавсияҳои дар боло зикргардида метавонанд барои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сайёҳӣ, беҳбуди фаъолияти ташкилотҳои тиҷоратии сайёҳӣ, ҳифзи самараноки ҳуқуқи сайёҳон ва рушди устувори соҳаи сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат намоянд.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

## I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ:


[1]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) [Матн]. – Душанбе, 2016. – 126 с.

[2]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 декабри соли 2004, №72 «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2004. – №12, қ-1, мод. 699; 2008. – №10, мод.805, мод.817; 2013. – №12, мод.896; 2015. – №3, мод.215; 2018. – №1, мод.28; 2021. – №1-2, мод.19; №12, қ.2, мод.720; 2023. – №1-3, мод.11; №4-6, мод. 164.

[3]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009, №508 «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – №5, мод.316; 2010. – №12, қ 1, мод.828; 2012. – №12, қ1, мод.1006; 2015. – №11, мод.972; 2016. – №5, мод.370; 2019. – №1, мод.33; №7, мод.475; 2020. – №1, мод.27; 2023. – №1-3, мод.4; ҚҶТ аз 14.05.2025 №2179.

[4]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009, №522 «Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – №5, мод.329; 2011. – №6, мод. 439; 2025. – №2, мод.119.

[5]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2010 №668 «Дар бораи стандартонӣ» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2010. – №12, қ-1, мод. 827; 2012. – №4, мод.264; 2024. – №5-6, мод.269.

[6]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2014, №1107 «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. – №7, қ.2, мод.404; 2015. – №3, мод.216; 2017. – №5, қ1, мод.293; 2020. – №1, мод.30.

[7]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2017 №1417 «Дар бораи ҳимояи рақобат» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2017. – №5, қ1, мод. 274; 2022. – №7, мод. 454; 2023. – №1-3, мод.9.

[8]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳии дохилӣ» аз 18 июли соли 2017, №1450 [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 24.01.2025).

[9]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 августи соли 2020, №1718 «Дар бораи сайёҳӣ» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – №7-9, мод. 624; ҚҶТ аз 13.11.2024 с. №2104.

[10]. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. – №12, қ.1, қ.2, мод. 757; 2024. – №7-11, мод 521; ҚҶТ аз 14.05.2025 №2171.

[11]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 майи соли 2025, №2173 «Дар бораи сармоя ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ» [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 24.01.2025).

[12]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 апрели соли 1996, №461 «Дар бораи таъсиси Ширкати миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба туризм» [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 24.01.2025).

[13]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2017 №977 «Дар бораи «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон намудани соли 2018» [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 24.01.2025).

[14]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2019 №1170 «Дар бораи «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон намудани солҳои 2019-2021» [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 24.01.2025).

[15]. Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 маи соли 1992, №186 «Дар бораи нақшаи идора ва сохтори Кумитаи давлатии варзишу сайёҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 24.01.2025).

[16]. Қарори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 феврали соли 1994, №70 «Дар бораи тартиби додани ҳуқуқ ба субъектҳои хоҷагирӣ барои машғул шудан бо сайёҳи хориҷӣ ва расмикунонии ҳуҷҷатҳои сафарӣ – вурудӣ» [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 24.01.2025).

[17]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 августи соли 1999, №373 «Дар бораи минтақаи истироҳат ва туризм эълон кардани ҳудуди ноҳияи Варзоб» [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 24.01.2025).

[18]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 ноябри соли 2001, №483 «Дар хусуси тасдиқи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Белорус оиди ҳамкорӣ дар соҳаи

туризм ва варзиш» [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 24.01.2025).

[19]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2002, №276 «Дар бораи Барномаи маҷмуии рушди ноҳияи Балҷувон ба сифати минтақаи сайёҳи байналмилалӣ дар давраи солҳои 2002-2016» [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 24.01.2025).

[20]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2003, №582 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии рушди туризм дар Тоҷикистон барои солҳои 2004-2009» [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 24.01.2025).

[21]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 марти соли 2005, №80 «Дар бораи масъалаҳои дастгирии давлатии рушди сайёҳи экологӣ, кӯҳию варзишӣ ва кӯҳнавардӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 24.01.2025).

[22]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2006, №247 «Дар хусуси тасдиқи Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Туркия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи туризм» [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 24.01.2025).

[23]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2009, №202 «Дар бораи тасдиқи Консепсияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019» [Захираи электронӣ] // Махзани

мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 24.01.2025).

[24]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2009 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2014» [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 24.01.2025).

[25]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2011 №170 «Дар хусуси тасдиқи созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи туризм» [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 24.01.2025).

[26]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 маи соли 2014 №301 «Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 24.01.2025).

[27]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2014 №738 «Дар бораи Барномаи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015-2017» [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 24.01.2025).

[28]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 сентябри соли 2015 №564 «Дар бораи таъсиси Шурои байниидоравӣ оид ба ҳамоҳангсозии миллӣ оид ба рушди соҳаи сайёҳӣ дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази

иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 24.01.2025).

[29]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2017 №258 «Дар бораи Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 24.01.2025).

[30]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018 №80 «Дар бораи Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020» [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 24.01.2025).

[31]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2018 №372 «Дар бораи Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 24.01.2025).

[32]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2019 №270 «Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои солҳои 2019-2022» [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 24.01.2025).

[33]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2019 №562 «Дар хусуси лоиҳаи Эъломияи нияти ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ байни Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати Аврупо ва корҳои хориҷии Ҳукумати Ҷумҳурии Франсия» [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ

«Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2025).

[34]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 2022, №239 «Дар бораи Тартиби сертификатсияи маҳсулоти сайёҳӣ, мол ва хизматрасонии фаъолияти субъектони сайёҳӣ» [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2025).

[35]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марти соли 2024, №200 «Дар бораи Андоза ва тартиби пардохти музди сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2025).

[36]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 июли соли 2025, №390 «Дар хусуси лоиҳаи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Девони вазирони Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ» [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2025).

[37]. Қоидаҳои гузаронидани санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи туризм аз 28 августи соли 2008, №95 [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2025).

[38]. Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи туризм аз 23 декабри соли 1993 [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 24.01.2025).

[39]. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, аз 1 декабри соли 2016, №636 [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 24.01.2025).

[40]. Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аз 1 августи соли 2018 №372 [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 24.01.2025).

[41]. Тартиби додани шаҳодатномаҳои тахассусӣ ба роҳбарони гурӯҳҳои сайёҳии субъектҳои хоҷагидори соҳаи туризм аз 3 апрели соли 2009 №56 [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 24.01.2025).

[42]. Тартиби сертификатсияи маҳсулоти сайёҳӣ, мол ва хизматрасонии фаъолияти субъектони сайёҳӣ аз 21 майи соли 2022, №239 [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 24.01.2025). –

[43]. Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият (дар таҳрири нав) аз 3 апрели соли 2007, №172 [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 24.01.2025).

[44]. Фармоиши раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2025, №15 «Дар бораи тасдиқ намудани шакли ҳисобот оид ба ситонидани хироҷи сайёҳӣ» [Захираи электронӣ] // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 24.01.2025).

## II. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, тафсирҳо, васоити таълимӣ, курси лексияҳо:


[45]. Бозоров, Р. Б. Инвестиций: теория и правовое регулирование: монография [Текст] / Р. Б. Бозоров. – Душанбе: Типография ТНУ, 2020. – 152 с.

[46]. Золотухин, А.В., Султонова Т.И. Предпринимательское право Республики Таджикистан. Учебник [Текст]. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 596 с.

[47]. Исмаилов, Ш. М. Сборник избранных статей [Текст] / Ш. М. Исмаилов. – Душанбе: Полиграф Групп, 2021. – 632 с.

[48]. Исмоилов, Ш.М. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Китоби дарсӣ [Матн]. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 408 с.

[49]. Кабутов, Э.Д. Частноправовое регулирование оказание услуг трудоустройства в Республике Таджикистан. Монография [Текст]. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 192 с.

[50]. Масъалаҳои мубрами қонунгузорӣ оид ба рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ: (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ аз 8–уми октябри соли 2020) [Матн] / зери таҳрири Д. С. Раҳмон, Д. Ш. Сангинов. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – 356 с.

[51]. Масъалаҳои муносибкунии танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар бахши соҳибкорӣ. Дастовардҳо ва пешбурди корҳои илмию тадқиқотии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат дар солҳои 2016-2020 [Матн] / зери таҳрири Д. Ш. Сангинов. – Душанбе: Эр-граф, 2021. – 352 с.

[52]. Маҳмудов, М. А. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум) [Матн] / М. А. Маҳмудов, Ш. Т. Тағайназаров, И. Ҳ. Бобоҷонов, Ш. К. Бадалов. – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – 1000 с.

[53]. Мирзозода, П.З. Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ: монография [Матн]. – Душанбе: «ЭР-граф», 2021. – 412 с.

[54]. Мушкилоти танзими ҳуқуқии инноватсия дар фаъолияти соҳибкорӣ: (Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ аз 10 июни соли 2014) [Матн] / зери таҳрири Э. С. Насурдинов, Д. Ш. Сангинов, Ғ. М. Бобокалонов. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2014. – 332 с.

[55]. Назария ва амалияи танзими умумӣ ва хусусӣ-ҳуқуқии муносибатҳо дар бахши соҳибкорӣ ва меҳнат. Дастовардҳо ва пешбурди корҳои илмию тадқиқотии кафедра дар солҳои 2011-2015 [Матн] / зери таҳрири Д. Ш. Сангинов, Ғ. М. Бобокалонов. – Душанбе: МДМТ, 2016. – 142 с.

[56]. Ойгензихт, В. А. Избранные труды [Текст] / В. А. Ойгензихт. – Душанбе: Типография ТНУ, 2019. – 1042 с.

[57]. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон асосгузори қонунгузории соҳибкорӣ ва сайёҳӣ: (Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.11.2017) [Матн] / зери таҳрири Д. Ш. Сангинов. – Душанбе, 2017. – 185 с.

[58]. Пирзода П.Р. Мушкилоти танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори хизматрасонии бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон чун аъзои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо. Монография [Матн]. – Душанбе: ЭР-граф, 2017. – 188 с.

[59]. Рахимов, М. З. Избранные труды [Текст] / М. З. Рахимов. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 638 с.

[60]. Рахимов, М. З. Конечный результат предпринимательской деятельности: теория и правовое регулирование [Текст] / М. З. Рахимов. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 294 с.

[61]. Раҳимзода, М. З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография [Матн] / М. З. Раҳимзода. – Душанбе: МН «Дониш», 2019. – 557 с.

[62]. Раҳимзода, М. З. Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ: монография [Матн] / М. З. Раҳимзода. – Душанбе, 2018. – 420 с.

[63]. Раҳимзода, М. З. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни зинаи таҳсилоти бакалаври ихтисоси ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ [Матн] / М. З. Раҳимзода, Д. Ш. Сангинов. – Душанбе, 2021. – 400 с.

[64]. Рушди қонунгузории соҳибкорӣ, тиҷорат ва сайёҳӣ дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: (Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ аз 18-уми майи соли 2018) [Матн] / зери таҳрири Д. С. Раҳмон, Д. Ш. Сангинов. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2018. – 402 с.

[65]. Сангинзод, Д.Ш., Сангинов К.Ш. Пешвои миллат ва соли маърифати ҳуқуқӣ: монография [Матн] / Д. Ш. Сангинзод, К. Ш. Сангинов. – Душанбе: Балоғат, 2024. – 304 с.

[66]. Сангинов, Д.Ш. Искандари С. Ҳуқуқи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Васоити таълимӣ –методӣ [Матн]. – Душанбе, 2022. – 400 с.

[67]. Сангинов, Д.Ш. Ҳуқуқи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон (санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ). Воситаи таълимӣ [Матн]. - Душанбе, «Эр-граф», 2012. – 320 с.

[68]. Сангинов, Д.Ш. Ҳуқуқи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Воситаи таълимӣ [Матн]. – Душанбе: «Эр-граф», 2021. – 228 с.

[69]. Сангинов, Д.Ш. Ҳуқуқи сайёҳии (сайёҳии) Ҷумҳурии Тоҷикистон. Васоити таълимӣ [Матн]. – Душанбе: Эр-граф, 2012. – 500 с.

[70]. Сангинов, Д.Ш. Ҳуқуқи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ [Матн]. – Душанбе, 2017. – 200 с.

[71]. Сангинов, Д.Ш., Ёров Ҷ., Сайфуллоев А. Иқтисоди сайёҳии байналмилалӣ. Васоити таълимӣ [Матн]. – Душанбе, 2017. – 297 с.

[72]. Сангинов, Д.Ш., Мавлоназаров О.А. Ҳуқуқ ва ҳуқуқи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Воситаи таълимӣ [Матн]. – Душанбе, 2012. – 100 с.

[73]. Сангинов, Д.Ш., Муминов Н.И., Воҳидов З.Г. Ҳуқуқи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Васоити таълимӣ-методӣ [Матн]. – Душанбе, 2016. – 458 с.

[74]. Сангинов, Д.Ш., Муминов Н.И., Шарифов И.М. Ҳуқуқи фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Васоити таълимӣ – методӣ [Матн]. – Душанбе, 2017. – 160 с.

[75]. Сангинов, Д.Ш., Саъдиев И.З. Ҳуқуқи сайёҳии (сайёҳии) Ҷумҳурии Тоҷикистон. Воситаи таълимӣ [Матн]. - Душанбе: «Эр-граф», 2014. – 128 с.

[76]. Сангинов, Д. Ш. Предпринимательская деятельность по оказанию социально-культурных услуг: проблемы правового регулирования: монография [Текст] / Д. Ш. Сангинов. – Душанбе: Меҳрона -2017, 2019. – 424 с.

[77]. Сангинов, Д. Ш. Предпринимательское право Республики Таджикистан: учебное пособие [Текст] / Д. Ш. Сангинов. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 500 с.

[78]. Сангинов, Д. Ш. Предпринимательское право Республики Таджикистан: учебное пособие [Текст] / Д. Ш. Сангинов, С. Искандари. – Душанбе, 2022. – 500 с.

[79]. Сангинов, Д. Ш. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи соҳибкорӣ (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ): воситаи таълимӣ [Матн] / Д. Ш. Сангинов. – Душанбе, 2013. – 256 с.

[80]. Сангинов, Д. Ш. Ҳуқуқи рақобати Ҷумҳурии Тоҷикистон : воситаи таълимӣ [Матн] / Д. Ш. Сангинов, И. М. Шарифов. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – 200 с.

[81]. Сангинов, Д. Ш. Ҳуқуқи рақобати Ҷумҳурии Тоҷикистон: воситаи таълимӣ–методӣ [Матн] / Д. Ш. Сангинов, С. Искандари. – Душанбе, 2022. – 212 с.

[82]. Сангинов, Д. Ш. Ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати Ҷумҳурии Тоҷикистон (матни лексия): воситаи таълимӣ [Матн] / Д. Ш. Сангинов. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – 500 с.

[83]. Сангинов, Д. Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ [Матн] / Д. Ш. Сангинов. – Душанбе, 2019. – 619 с.

[84]. Сангинов, Д.Ш. Правовое регулирование отношений в сфере оказания социально-культурных услуг: монография [Текст] / Д.Ш. Сангинов. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – 208 с.

[85]. Сангинов, Д.Ш. Правовое регулирование сайёҳской деятельности в Республике Таджикистан: проблемы и пути их решения: монография [Текст] /Д.Ш. Сангинов. – Душанбе, 2010. – 180 с.

[86]. Сангинов, Д.Ш. Предпринимательское право Республики Таджикистан : учебное пособие [Текст] / Д. Ш. Сангинов. – 2-е изд., с изм. и доп. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 600 с.

[87]. Сангинов, Д.Ш. Туризм в Республике Таджикистан: теория и практика правового регулирования: монография [Текст] / Д.Ш. Сангинов. – Душанбе, 2013. – 304 с.

[88]. Сангинов, Д.Ш., Мирзозода П.З. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон : китоби дарсӣ [Матн] / Д. Ш. Сангинов, П. З. Мирзоев. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 600 с.

[89]. Сотиволдиев, Р. Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ [Матн] / Р. Ш. Сотиволдиев. – Душанбе: Сино, 2018. – 784 с.

[90]. Танзими ҳуқуқи самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Рушди қонунгузории Тоҷикистон оид ба самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ» аз 7-уми октябри соли 2021) [Матн] / зери таҳрири М. З. Раҳимзода, Д. Ш. Сангинов. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – 540 с.

[91]. Тафсири илмӣ-оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2024. – 670 с.

[92]. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Матн] / зери таҳрири Д. Ш. Сангинов. – Душанбе: Эр-граф, 2012. – 152 с.

[93]. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» [Матн] / зери таҳрири Д. Ш. Сангинов. – Душанбе: Эр-граф, 2013. – 200 с.

[94]. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ [Матн] / зери таҳрири М. А. Маҳмудов. – Душанбе: ЭР-граф, 2009. – 620 с.

[95]. Хошимов Д.Д. Услуги в системе объектов гражданских прав [Текст]. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 172 с.

[96]. 30 соли истиқлоли давлатӣ ва рушди низоми ҳуқуқии Тоҷикистон: монография [Матн]. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – 472 с.

[97]. Sanginov, D. Sh. Tourism in the Republic of Tajikistan: theory and practice of the legal regulation №Text] / D. Sh. Sanginov. – Tehran: Avabook, 2014. – 378 p.

### III. Мақолаҳо ва маърузаҳо:

[98]. Абдуганцев, Ш.К. Идоракунии рушди хизматрасониҳои сайёҳӣ дар шароити бозор [Матн] // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2021. – №2 (39). – С. 67-72.

[99]. Абдулхайри Ҳ. Баҳодиҳии соҳаи сайёҳӣ ва самаранокии ҳаракати маҳсулоти сайёҳӣ [Матн] // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – №4 (28). – С. 182-192.

[100]. Азиззода, Б. Дурнамо ва тамоюли рушди туризм дар Тоҷикистон [Матн] // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носир Хусрав. Бахши илмҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ. – 2023. – №1-1 (107). – С. 276-279.

[101]. Азимов, Б.Б. Культурное, историческое и природное наследие Таджикистана как основа развития культурно-познавательного туризма [Текст] / Б.Б. Азимов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – №8. – С. 79-83.

[102]. Ахмедов, Н. Сайёҳи байналхалқӣ ҳамчун соҳаи мустақили иқтисодиёти миллӣ// Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2020. – №3 (3). – С. 79-94.

[103]. Асадуллоев, К.Р. Истифодаи рушди сайёҳи кӯҳии муосир дар Тоҷикистон// Илм ва инноватсия. Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ. – 2023. – №2. – С. 116-118.

[104]. Аҳмади З. Омилҳои рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – №5. – С. 38-47.

[105]. Аҳмади З. Шаклҳо ва усулҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №9. – С. 45-53.

[106]. Гафарова, М.Т. Хусусиятҳои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ [Матн] // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – №2 (36). – С. 153-159.

[107]. Ғафурова, Б.Д. Масъалаҳои таъмини ҳуқуқи сайёҳии дохилӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Масъалаҳои мубрами қонунгузорӣ оид ба рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ аз 8-уми октябри соли 2020) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Сангинов Д.Ш. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – С. 73-80.

[108]. Ғаюрзода, Ш. К. Тафсири моддаи 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш. К. Ғаюрзода, Ф. А. Қосимов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2023. – №4 (44). – С. 60–70.

[109]. Ёров, Ч.Н. Рақамикунонии хизматрасонии сайёҳӣ ҳамчун модели нави рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – №3 (68). – С. 96-105.

[110]. Зайнидинов, Ф.А. The concept and types of tourism in accordance with foreign and Tajikistan legislation №Text] // Масъалаҳои мубрами қонунгузорӣ оид ба рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ аз 8-уми октябри соли 2020) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Сангинов Д.Ш. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – С. 89-97.

[111]. Иброҳимзода И.Р., Аҳмади З. Истифодаи механизми маблағгузории лоиҳавӣ ҳангоми амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №5. – С. 5-13.

[112]. Каримзода Р. Договорная ответственность сторон и защита прав потребителей услуг культуры [Текст] // Масъалаҳои мубрами қонунгузорӣ оид ба рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ аз 8-уми октябри соли 2020) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Сангинов Д.Ш. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – С. 264-277.

